# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни адабиёти тоҷик
## (имтиҳони қисми Б)
## ИМД 2026

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲО БО ИНТИХОБИ ЯК ҶАВОБИ ДУРУСТ

### Фолклор. Мафҳумҳои адабӣ.

**1 Кадом навъи адабиёт пештар пайдо шудааст?**

**A)** адабиёти илмӣ
**B)** адабиёти хаттӣ
**C)** адабиёти шифоҳӣ
**D)** адабиёти илмӣ-оммавӣ

**2 Хусусиятҳои асосии адабиёти шифоҳӣ:**

**A)** ибораорой, истифодаи калимаҳои душворфаҳм
**B)** истифодаи забони адабӣ, муаллифи муайян
**C)** истифодаи санъатҳои адабӣ, тарғибу ташвиқи дониш
**D)** истифодаи лаҳҷа, вариантнокӣ, муаллифи номаълум

**3 “Алла”-и модарон кадом навъи эҷодиёти шифоҳӣ (даҳонӣ)-и халқ аст?**

**A)** байт
**B)** тарона
**C)** рубой
**D)** дубайтӣ

**4 Сухан дар бораи кадом навъи асарҳои халқӣ меравад?**

***Ҳаҷман хурд буда, дар он воқеа ба тезӣ оғоз ёфта, ба авҷи аъло мерасад ва ҳамоно хотима меёбад.***

**A)** афсона
**B)** латифа
**C)** суруду тарона
**D)** насри ривоятӣ

**5 Сухан дар бораи кадом жанри адабиёти шифоҳӣ меравад?**

***“Оҳангдорӣ, содагӣ ва равонӣ хусусияти асосии ин жанр буда, дар он мавзуъҳои гуногуни кору зиндагӣ, орзуву омоли инсонҳо инъикос меёбад.”***

**A)** афсона
**B)** тарона
**C)** латифа
**D)** зарбулмасал

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**6** **Суруди халқии “Таронаи бофандагон” дар кадом мавзуъ суруда шудааст?**

**A)** кору зиндагӣ ва орзуҳои ширини бофандагон
**B)** самимият дар кор ва орзуву омоли бофандагон
**C)** азоби рӯзгор, вазнинии кор ва беқадрии касби бофандагӣ
**D)** дур аз ёру диёр дар бенавоию нодорӣ зиндагӣ кардани бофандагон

**7** **“Ғарибнома” кадом навъи эҷодиёти шифоҳӣ (даҳонӣ)-и халқ аст?**

**A)** афсона
**B)** латифа
**C)** тарона
**D)** дубайтӣ

**8** **“Кини Сиёвуш” ба кадом навъи асарҳои халқӣ мансуб аст?**

**A)** суруди таърихӣ
**B)** суруди маросимӣ
**C)** таронаи ғарибӣ
**D)** насри ривоятӣ

**9** **Чистон аз рӯйи шаклу мазмун ба кадом жанри адабиёт монанд аст?**

**A)** тарона
**B)** муаммо
**C)** рубоӣ
**D)** зарбулмасал

**10** **Доир ба Шӯриши Восеъ аввалин бор дар кадом навъи адабиёт сухан гуфта шуд?**

**A)** адабиёти хаттӣ
**B)** адабиёти таърихӣ
**C)** адабиёти илмӣ
**D)** адабиёти шифоҳӣ

**11** **Сурудҳои *“Шӯриши Восеъ”, “Шӯриши Қаландаршоҳ”* ва *“Шӯриши Усмонҷон”*-ро аз рӯйи кадом хусусияташон сурудҳои таърихӣ номидаанд?**

**A)** Дар ин сурудҳо дар бораи воқеаю корномаҳои шахсони таърихӣ ҳикоя шудааст.
**B)** Таърихи ташаккулёбии халқи тоҷик дар ин сурудҳо дар шаклҳои гуногуни шеърӣ баён гардидааст.
**C)** Таърихи ташаккулёбии халқи тоҷик дар ин сурудҳо дар шакли достон баён гардидааст.
**D)** Дар ин сурудҳо дар бораи ташаккулёбии халқи тоҷик ҳикоя мешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**12** **Яке аз аввалин намунаи суруди таърихӣ дар эҷодиёти шифоҳӣ (даҳонӣ)-и халқ, ки дар шакли марсия гуфта шудааст:**

**A)** “Кини Сиёвуш”
**B)** “Шӯриши Восеъ”
**C)** “Шӯриши Усмонҷон”
**D)** “Шӯриши Қаландаршоҳ”

**13** **Ин суханҳо аз кадом суруди таърихист?**

***Чӣ тӯфон аст имрӯзо,***
***Даргирифт кӯҳу санго,***
***Офтоб наздики моҳо ...***

**A)** “Кини Сиёвуш”
**B)** “Шӯриши Восеъ”
**C)** “Шӯриши Усмонҷон”
**D)** “Шӯриши Қаландаршоҳ”

**14** **Ин порча аз кадом суруди таърихист?**

***Аз Ҳисор омад сарбоз,***
***Шамшера кардан пардоз,***
***Хатлона кардан тороҷ...***

**A)** “Шӯриши Усмонҷон”
**B)** “Гиристани муғон”
**C)** “Шӯриши Восеъ”
**D)** “Шӯриши Қаландаршоҳ”

**15** **Ин порча аз кадом суруди таърихист?**

***Отама бурдан Бухор,***
***Пӯшондан ҷомай гулдор,***
***Кашидануш рӯйи дор,***
***Вой алами Гулъузор.***

**A)** “Шӯриши Усмонҷон”
**B)** “Гиристани муғон”
**C)** “Шӯриши Қаландаршоҳ”
**D)** “Шӯриши Восеъ”

**16** **Ин порча аз кадом суруди таърихист?**

***Маҳрум мондум аз падар,***
***Ибрат шавад ба дигар,***
***Дод аз дасти ситамгар,***
***Вой алами Гулъузор.***

**A)** “Шӯриши Усмонҷон”
**B)** “Шӯриши Қаландаршоҳ”
**C)** “Гиристани муғон”
**D)** “Шӯриши Восеъ”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**17** **Ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ чӣ маъно дорад?**

***Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,***
***Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.***
***Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,***
***Эй кош гадо будӣ ба Канъон хуштар.***

**A)** Тоҷикистон пур аз лолаву райҳон мебошад.

**B)** Ҳар ҷо, ки ба мо хуш гузарад, он ҷо Ватан аст.

**C)** Юсуф дар Канъон гадо буд, аммо дар Миср подшоҳ шуд.

**D)** Зиндагӣ кардан дар ватан беҳтар аз подшоҳӣ дар ғарибӣ аст.

**18** **Мавзуи ин дубайтии халқӣ чист?**

***Сари сарчашма рафтам ман ба вахте,***
***Ба оби дида биншондам дарахте.***
***Шамол омад, дарахтам решакан шуд,***
***Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.***

**A)** ғарибию дурӣ аз ватан

**B)** ҳасрат аз умри гузашта

**C)** шикоят аз тақдиру қисмат

**D)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**19** **Мавзуи ин дубайтии халқӣ чист?**

***Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман,***
***Фалак тире задаст бар шонаи ман.***
***Фалак тире задаст, пайкон надорад,***
***Ба ҳасрат пур шудаст паймонаи ман.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** меҳру дӯстӣ ва бародарӣ

**C)** шикоят аз тақдиру қисмат

**D)** мусофирию дурӣ аз ватан

**20** **Мавзуи ин дубайтии халқӣ чист?**

***Шамолак мевазад бо барги гандум,***
***Мусофир гаштаам дар шаҳри мардум.***
***Мусофирӣ маро дилгир кардаст,***
***Фалак дар гарданам занҷир кардаст.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** ҳасрат аз умри гузашта

**C)** шикоят аз тақдиру қисмат

**D)** ғарибӣ ва дурӣ аз ватан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**21** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

***Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,***
***Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.***
***Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,***
***Эй кош, гадо будӣ ба Канъон хуштар.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ
**B)** меҳандӯстию меҳанпарастӣ
**C)** шикоят аз тақдиру қисмат
**D)** ҳасрат аз умри гузашта

**22** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

***Имрӯз манам гандумаки сабз ба дашт,***
***Ҳайфи умрам, ки дар ғарибӣ бигузашт.***
***Хешони ватан агар маро ёд кунед,***
***Ҷавру ситами замона имсол гузашт.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ
**B)** ҳасрат аз умри гузашта
**C)** шикоят аз тақдиру қисмат
**D)** мусофирию дурӣ аз ватан

**23** **Мавзуи ин байтҳои халқӣ чист?**

***Дар ғарибӣ гашта-гашта ранги зард овардаам,***
***Ранги зардамро ба пеши аҳли дард овардаам.***
***Ранги зардамро бубину аз хазонам ёд кун,***
***Бар сари қабрам нишину як даме фарёд кун.***

**A)** шикоят аз тақдиру қисмат
**B)** меҳру дӯстӣ ва бародарӣ
**C)** мусофирӣ ва сахтиҳои он
**D)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**24** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

***Чархо, фалако, маро ба чарх овардӣ,***
***Кулоб будам, маро ба Балх овардӣ.***
***Кулоб будам, оби ширин мехурдам,***
***Саргашта маро ба оби талх овардӣ.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ
**B)** ситоиши диёру зодгоҳ
**C)** шикоят аз тақдиру қисмат
**D)** васфи муҳаббати самимӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**25** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

***Сад кӯ биравам, назар ба як дашт кунам,***
***Сад чашмаи оби ватана гашт кунам.***
***Сад чашмаи оби ватанам пасту баланд,***
***Хокаш ҳама тӯтиёву обаш ҳама қанд.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** ситоиши диёру меҳан

**C)** шикоят аз тақдиру қисмат

**D)** ҳасрат аз умри гузашта

**26** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

***Фарёд зи дасти фалаки бебунёд,***
***Ҳаргиз гиреҳи бастаи корам накушод.***
***Гуфтам, ки равам доғи дила тоза кунам,***
***Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** меҳандӯстию меҳанпарастӣ

**C)** шикоят аз тақдиру қисмат

**D)** ҳасрат аз умри гузашта

**27** **Мавзуи ин дубайтии халқӣ чист?**

***Фалак доду фалак доду фалак дод,***
***Фалак аз дасти ту сад доду бедод.***
***Аз он рӯзе, ки тақдир менавиштанд,***
***Қалам дар бахти ман ёрӣ намедод.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** шикоят аз сарнавишту қисмат

**C)** меҳандӯстию меҳанпарастӣ

**D)** васфи муруввату бародарӣ

**28** **Мавзуи ин дубайтии халқӣ чист?**

***Фалак дидӣ, ки бар ҷонам чиҳо кард,***
***Ғами олам насиби ҷони мо кард.***
***Ғами олам ҳамаш реги биёбон,***
***Фалак барчиду дар домони мо кард.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** шикоят аз сарнавишту қисмат

**C)** меҳандӯстию меҳанпарастӣ

**D)** васфи муруввату бародарӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**29** **Мавзуи ин дубайтии халқӣ чист?**

*Сари сарчашма рафтам ман ба вахте,*
*Ба оби дида биншондам дарахте.*
*Шамол омад, дарахтам решакан шуд,*
*Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.*

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** шикоят аз тақдиру қисмат

**C)** меҳандӯстию меҳанпарастӣ

**D)** васфи муруввату бародарӣ

**30** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

*Эй беди баланд, баланд бароӣ, чӣ шавад?*
*Фарзанди падар, зи дар дароӣ, чӣ шавад?*
*Аз дар, ки дароӣ, хона пурнур шавад,*
*Дӯсто ҳама шоду душмано кӯр шавад.*

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** шикоят аз тақдиру қисмат

**C)** меҳандӯстию меҳанпарастӣ

**D)** меҳру муҳаббати наздикон

**31** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

*Шинам-шинаму аз ту, санам, ёд ояд,*
*Ман оҳ кашам, ки аз фалак дод ояд.*
*Дарди дилакам агар ба санго гӯям,*
*Аз дарди дилам санг ба фарёд ояд.*

**A)** ситоиши зебоии маъшуқ

**B)** шикоят аз тақдиру ҷудоӣ

**C)** васфи зодгоҳу меҳан

**D)** ҳасрат аз умри гузашта

**32** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

*Дунё ба мисоли тири партофтанист,*
*Дар ковиши ӯ машав, ки ноёфтанист.*
*Ҳар чиз, ки ҷӯӣ, бозёбӣ осон,*
*Ҷуз суҳбати дӯстон, ки ноёфтанист.*

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ

**B)** шикоят аз тақдиру ҷудоӣ

**C)** ситоиши зодгоҳу меҳан

**D)** васфи муруввату бародарӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**33** **Мавзуи ин рубоии халқӣ чист?**

***Эй дӯст, агар меҳри ту бар мо бошад,***
***Моро зи раҳи дур чӣ парво бошад?!***
***Хоки раҳакут шавум замоне, ки агар***
***Як гӯшаи хотири ту бар мо бошад.***

**A)** гила аз ҳиҷрони маъшуқ
**B)** ситоиши диёру зодгоҳ
**C)** шикоят аз тақдиру қисмат
**D)** васфи садоқату дӯстӣ

**34** **Жанри афсона БЕШТАР бо кадом ҷумла ба охир мерасад?**

**A)** Буд-набуд, дар замонҳои қадим як ... буд.
**B)** Онҳо ҳама ба мурoду мақсади худ расиданд.
**C)** Хулоса, ин асар аҳаммияти баланди тарбиявӣ дорад.
**D)** Чаро ин гуна шуд? Ҷавоби ин муаммо чист?

**35** **Кадом жанри адабиёти шифоҳиро мисли "намаке дар таом" гуфтаанд, ки каломро дилкаш ва ҷаззоб мегардонад?**

**A)** чистон ва муаммо
**B)** зарбулмасалу мақол
**C)** нақлу ривоят
**D)** афсона ва латифа

**36** **Кадом зарбулмасал ё мақол бар шарҳи сухани Айнулҳаёт меояд?**

***Айнулҳаёт чун сухани доя бишунид, бихандиду гуфт: "Эй доя, рози ман бармало афтодааст (ошкор шудааст)."***

**A)** Моргазида аз ресмони ало метарсад.
**B)** Он чӣ дар дег аст, дар кафлез меояд.
**C)** Офтобро бо доман пӯшида намешавад.
**D)** Аз дӯст ҳар чӣ мерасад, хуш аст.

**37** **Сухан дар бораи кадом жанри адабиёти шифоҳӣ меравад?**

***Мувофиқи тахайюлоти одии одамон дар бораи ҳодисаю воқеаҳои хаёлангез ва дур аз ҳақиқат эҷод шудаанд. Дар онҳо деву аҷина ва дигар ашёҳое, ки халқ парастиш мекард, амал менамуданд.***

**A)** афсона
**B)** ривоят
**C)** латифа
**D)** чистон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**38** **Ин порча аз кадом афсона аст?**

***Дар яке аз мамлакатҳои Шарқ марди ҳунарманде буд, ки Хирадманд ном дошт. Вай дар Хатлон зиндагӣ мекард. Чанде нагузашт, ки ӯ дар ҷанги деву тӯрониён асир гардид ва аз вай дигар хабаре нашуд. Ӯ як писар ва ва чор духтар дошт.***

**A)** “Кали зирак”

**B)** “Савоби нимта нон”

**C)** “Деҳқон ва кӯзаи зар”

**D)** “Эраҷи тилисмшикан”

**39** **Муайян кунед, ки ин порча аз кадом асари насри ривоятӣ интихоб шудааст?**

***Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор Абутоҳири Тарсусӣ аз ин қиссаи дилкушои руҳафзой чунин ҳикоят мекунад, ки чун ...ро ба Эрон бурданд, чунин гӯянд, ки ӯро духтаре буд, сахт боҷамолу камол, ки ӯ беназири аҳли хеш буд ва дар ҳаждаҳсолагӣ сурати Сиёвахшу фарри Ҳушанг дошт ва дар қуввату диловарӣ ба Исфандиёр мемонд.***

**A)** “Доробнома”

**B)** “Ҳазору як шаб”

**C)** “Тӯтинома”

**D)** “Калила ва Димна”

**40** **Кадом ҷумла хоси насри ривоятии адабиёти шифоҳист?**

**A)** Дар яке аз мамлакатҳои Шарқ марди ҳунарманде буд...

**B)** Як марди олус барои додхоҳӣ ба назди подшоҳ омад...

**C)** Буд-набуд дар замонҳои қадим Луқмони Ҳаким ном...

**D)** Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор чунин нақл мекунад ...

**41** **Кадом зарбулмасал ё мақол бар шарҳи сухани Искандар (аз достони “Бӯрондухт ва Искандар”) меояд?**

***Биншинед, то тадбире кунем.***

**A)** Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

**B)** Моргазида аз ресмони ало метарсад.

**C)** На сих сӯзад, на кабоб.

**D)** Кори шаб – хандаи рӯз.

**42** **Кадом зарбулмасал ё мақол бар шарҳи сухани зер меояд?**

***Тарки одат мушкил аст, одам, ки ба чизе хӯ гирифт, тарки он барои ӯ душвор аст.***

**A)** Аз дӯст ҳар чӣ мерасад, хуш аст.

**B)** Он чӣ дар дег аст, дар кафлез меояд.

**C)** Дил – дили Зайнаб.

**D)** Тарки одат – амри маҳол.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**43** **Ҷумлаи *“Ҳамаи қишлоқ медонад, ки шумо ошиқи шайдои раис шудаед”* ба маънои кадом зарбулмасал мувофиқ аст?**

**A)** Дил – дили Зайнаб.

**B)** Дили нохоҳам – узри бисёр.

**C)** Офтобро бо доман пӯшида намешавад.

**D)** Он чӣ дар дег аст, дар кафлез меояд.

**44** **Кадом навъи асарҳои халқӣ бо калимаюибораҳои *“Буд набуд як подшоҳ буд ...”, “Дар замонҳои хеле қадим як бечорае буд ...”, “Дар яке аз мамлакатҳо ...”* ва монанди инҳо оғоз мешавад?**

**A)** афсона

**B)** латифа

**C)** ҳикоя

**D)** насри ривоятӣ

**45** **Дар кадом навъи асарҳои халқӣ ба ҷуз ҳазлу шӯхиҳои латиф зулму ситам, бедодӣ, хасисӣ, фиребу макри давлатмандон ва дигар намояндагони табақаи ҳукмрон ба зери танқиди сахт гирифта шудааст?**

**A)** тарона

**B)** афсона

**C)** насри ривоятӣ

**D)** зарбулмасалу мақол

**46** **Дар кадом жанри маъмули асарҳои халқӣ хислатҳои ношоистаи одамон беғаразона ва ё бо оҳанги ҳазл мазаммат карда мешавад?**

**A)** ҳикоя

**B)** латифа

**C)** афсона

**D)** тарона

**47** **Ақлу заковат, донишу маърифати шахсиятҳои бузург БЕШТАР дар кадом жанрҳои халқӣ васф мешаванд?**

**A)** нақлу ривоятҳо

**B)** суруду таронаҳо

**C)** масал ва латифаҳо

**D)** зарбулмасалу мақолҳо

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**48** **Чунин тарзи баён хоси кадом асари халқист?**

***“Шунидаам, ки ду гунҷишк бар шохи дарахте ошёна ниҳода ва аз матои дунё ба обу дона қаноат карда буданд.”***

**A)** латифа

**B)** насри ривоятӣ

**C)** афсона

**D)** зарбулмасалу мақол

**49** **Кадом навъи асарҳои халқӣ бо ибораю ҷумлаҳои *“Овардаанд, ки ...”, “Нақл мекунанд, ки ...”, “Муаллифи ахбору гузорандаи асрор чунин мегӯяд ...”* ва монанди инҳо оғоз мешавад?**

**A)** афсона

**B)** суруду тарона

**C)** насри ривоятӣ

**D)** латифа

**50** **Кадом асар намунаи барҷастаи насри ривоятист?**

**A)** Достони “Бӯрондухт ва Искандар”

**B)** Ҳикояти “Бозаргон ва тӯтӣ”

**C)** Ҳикояти “Марди аблаҳ ва хирс”

**D)** Афсонаи “Эраҷи тилисмшикан”

**51** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом навъи шеър аст:**

***Аз чаҳор мисраъ иборат аст. Аввалин маротиба Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин навъ шеър гуфтааст ва машҳуртарин гӯяндаи он Умари Хайём аст.***

**A)** қитъа

**B)** дубайтӣ

**C)** рубоӣ

**D)** тарона

**52** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом навъи шеърӣ меравад:**

***Шеърест, ки мисраъҳои байти аввалаш ҳамқофия нестанд. Ҳаҷмаш аз чор то понздаҳ байт аст ва бештар дар мавзуъҳои ахлоқӣ, ҳаҷвӣ, таҳнияту таъзият ва ҳамдардӣ гуфта мешавад. Ибни Ямин дар ин навъ бештар шеър гуфтааст.***

**A)** қасида

**B)** ғазал

**C)** қитъа

**D)** тарҷеъбанд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**53** **Ин гуфтаҳо дар бораи кадом навъи шеърист?**

***Ин навъи шеър асосан аз 5 то 15 байт аст ва мазмуни ошиқона дошта, сӯзу ҳасрати одамиро баён мекунад. Дар ибтидо ашъори сирф ошиқона ва муқаддимаҳои ишқии қасидаҳоро мегуфтанд, ки бо мусиқӣ суруда мешуд. Аввалин намунаҳоро дар шеъри Рӯдакӣ, Робиа ва Дақиқӣ мебинем.***

**A)** қитъа

**B)** қасида

**C)** тарона

**D)** ғазал

**54** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом навъи шеърӣ меравад:**

***Яке аз шаклҳои шеър, ки камтар аз 15 байт нест ва мисраъҳои якуму дуюм бо мисраъҳои дуюми байтҳои баъдӣ ҳамқофия меоянд. Аз назари мазмун ба навъҳои гуногун ҷудо мешавад: баҳория, мадҳия, фахрия, ҳаҷвия ва ғайра. Шоир Анвариро устоди ин навъи шеър шинохтаанд.***

**A)** қитъа

**B)** мусаммат

**C)** қасида

**D)** маснавӣ

**55** **Ин гуфтаҳо дар бораи кадом навъи шеърист?**

***Бунёдгузори он шоири асри XI Манучеҳрии Домғонист. Ин навъи шеърӣ дар навбати худ чанд гуна дорад: мусаллас, мураббаъ, мухаммас, мусаддас ...***

**A)** тарҷеъбанд

**B)** мустазод

**C)** таркиббанд

**D)** мусаммат

**56** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом навъи шеърист:**

***Ҳар байташ қофияи ҷудогона дорад ва ҳаҷман бузургтарин навъи шеър аст. Достонҳои ҳамосӣ, қаҳрамонӣ ва ишқӣ дар ҳамин навъ гуфта шудаанд.***

**A)** қитъа

**B)** мусаммат

**C)** қасида

**D)** маснавӣ

РОЙГОН. Дар сомонаи www.ntc.tj

**57** **Кадом сухан дар бораи персонажи асари бадеӣ дуруст аст?**

**A)** Танҳо мавҷудоти зинда дар асари бадеиро персонажи асари бадеӣ меноманд.

**B)** Ҳамаи иштироккунандагони асари бадеиро персонажи асари бадеӣ меноманд.

**C)** Иштироккунандагони мусбати асари бадеиро персонажи асари бадеӣ меноманд.

**D)** Иштироккунандагони манфии асари бадеиро персонажи асари бадеӣ меноманд.

**58** **Дар шеър ҳар як сатрро чӣ меноманд?**

**A)** мисраъ

**B)** қофия

**C)** радиф

**D)** байт

**59** **Ба воситаи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва кушодаю пӯшида дар шеър чиро муайян мекунанд?**

**A)** вазни шеърро

**B)** қофияи шеърро

**C)** миқдори байтро

**D)** миқдори мисраъро

**60** **Номи дигари “асарҳои саҳнавӣ”-ро муайян кунед.**

**A)** драма

**B)** филм

**C)** театр

**D)** жанр

**61** **Мафҳуми “назм” аз назари луғавӣ чӣ маъно дорад?**

**A)** нақл кардани саргузашт

**B)** оҳанги махсус бахшидан

**C)** зебоӣ ва гуногунӣ бахшидан

**D)** ба тартиб даровардан

**62** **Илмеро, ки ченак ё мизони шеър ба шумор меравад, чӣ меноманд?**

**A)** баҳр

**B)** арӯз

**C)** ҳиҷо

**D)** радиф

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**63** **Кадом ҷумла дар мавриди нақши ҳиҷо дар шеър дуруст аст?**

**A)** Бар асоси ҳиҷоҳо садонокҳо ва ҳамсадоҳоро дар шеър муайян мекунанд.

**B)** Истифодаи се навъи ҳиҷо (кӯтоҳ, дароз ва якуним ҳиҷо) дар шеър ҳатмист.

**C)** Ҳиҷоҳо вазни арӯзии шеърро сохта, онро оҳангин ва мавзун мекунанд.

**D)** Будан ё набудани ҳиҷо дар шеър нақш ва аҳаммияте надорад.

**64** **Дар зери калимаи *мисраъ* чиро дар назар доранд?**

**A)** калимаҳои ҳамвазн

**B)** як сатри шеър

**C)** калимаҳои такроршаванда

**D)** ду сатри шеър

**65** **Шакли шеъриеро, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат аст, чӣ меноманд?**

**A)** мухаммас

**B)** мусаммат

**C)** мураббаъ

**D)** мушаххас

**66** **Қасидаи хамрия:**

**A)** қасидае, ки дар он май ва майгусорӣ васф шудааст.

**B)** қасидае, ки дар он манзараҳои табиат тасвир ёфтааст.

**C)** қасидае, ки дар он шоир аз марги касе ғамгин бошад.

**D)** қасидае, ки дар он саргузашту вазъияти шоир омадааст.

**67** **Қасидаи марсия:**

**A)** қасидае, ки дар он май ва майгусорӣ васф шудааст.

**B)** қасидае, ки дар он манзараҳои табиат тасвир ёфтааст.

**C)** қасидае, ки дар он шоир аз марги касе ғамгин бошад.

**D)** қасидае, ки дар он саргузашту вазъияти шоир омадааст.

## САНЪАТҲОИ БАДЕӢ

**68** **Хусусияти асосии санъати маҷоз.**

**A)** истифода шудани калима ё таркибе ба маънои ғайриаслӣ

**B)** монанд кардани хусусияти як чиз ба хусусияти чизи дигар

**C)** аз ҳадди табиӣ баромадани тасвири шахс, чиз ва ё ҳодиса

**D)** ишора намудан ба ягон қисса, воқеа ва ё шахсияти таърихӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**69** **Хусусияти асосии санъати талмеҳ.**

**A)** аз ҳадди табиӣ баромадани тасвири шахс, чиз ва ё ҳодиса
**B)** истифода шудани калима ё таркибе ба маънои ғайриаслӣ
**C)** ишора намудан ба ягон қисса, воқеа ва ё шахсияти таърихӣ
**D)** монанд кардани хусусияти як чиз ба хусусияти чизи дигар

**70** **Маънии луғавии санъати “талмеҳ”-ро муайян кунед.**

**A)** эрод гирифтан дар мавриди чизе
**B)** нигоҳи сабук намудан ба сӯи чизе
**C)** васфу ситоиш кардани касе
**D)** беш аз ҳад чизеро васф кардан

**71** **Маънии луғавии санъати “тарсеъ”-ро муайян кунед.**

**A)** эрод гирифтан дар мавриди чизе
**B)** нигоҳи сабук намудан ба сӯи чизе
**C)** донаҳои гавҳарро ба ришта кашидан
**D)** беш аз ҳад чизеро васф кардан

**72** **Кадом сухан ба санъати бадеии муболиға дахл дорад?**

**A)** Дар шеър калима ё таркибе ба маънои ғайриаслӣ истифода шудааст.
**B)** Дар шеър ба ягон қисса, воқеа ва ё шахсияти таърихӣ ишора шудааст.
**C)** Дар шеър тасвири шахс, чиз ва ё ҳодиса аз ҳадди табиӣ баромадааст.
**D)** Дар шеър хусусияти чизе ба хусусияти чизи дигар монанд карда шудааст.

**73** **Дар кадом санъати бадеӣ тасвири шахс, чиз ва ё ҳодиса аз ҳадди табиӣ мебарояд?**

**A)** муболиға
**B)** талмеҳ
**C)** маҷоз
**D)** ташбеҳ

**74** **Кадом санъати маънавиро “ташбеҳи пӯшида” низ номидаанд?**

**A)** маҷоз
**B)** киноя
**C)** истиора
**D)** илтифот

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**75** **Дар кадом вариант унсурҳои ташбеҳ дуруст оварда шудааст?**

**A)** ташбеҳнашаванда, душвории ташбеҳ, фарқи ташбеҳ
**B)** ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда, воситаи ташбеҳ
**C)** ташбеҳёбанда, ташбеҳсозанда, ташбеҳафзоянда
**D)** ташбеҳкунанда, ташбеҳпазирӣ, наздикии ташбеҳ

**76** **Дар мисраи якуми байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Зулфи ӯ дом асту холаш донаи он дому ман***
***Бар умеди донае афтодаам дар доми дӯст.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** маҷоз
**B)** ташхис
**C)** ташбеҳ
**D)** таҷнис

**77** **Дар байти зерини Саййидои Насафӣ кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Фалак ба қомати пири хамида мемонад,***
***Ҷаҳон ба деҳаи тороҷдида мемонад.***

**A)** маҷоз
**B)** талмеҳ
**C)** ташбеҳ
**D)** муболиға

**78** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Сафи лашкари ман надорад саворе,***
***Ки бо Рустам ӯро ба майдон фиристанд.*** Сайфи Фарғонӣ

**A)** муболиға
**B)** талмеҳ
**C)** маҷоз
**D)** ташбеҳ

**79** **Дар байти зерини Шаҳиди Балхӣ кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Абр ҳамегиряд чун ошиқон,***
***Боғ ҳамехандад маъшуқвор.***
***Раъд ҳаменолад монанди ман,***
***Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор.***

**A)** таҷнис
**B)** киноя
**C)** тавсиф
**D)** ташбеҳ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**80** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Рӯят – дарёи ҳусну лаълат – марҷон,***
***Зулфат – анбар, садаф – даҳон, дурр - дандон.*** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**A)** ташбеҳ
**B)** талмеҳ
**C)** киноя
**D)** тавсиф

**81** **Саййидои Насафӣ дар байти зерин кадом санъати бадеиро истифода намудааст?**

***Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,***
***Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.***

**A)** ташхис
**B)** талмеҳ
**C)** ташбеҳ
**D)** таҷнис

**82** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ин ҷаҳон ҳамчун дарахт аст, эй киром,***
***Мо бар ӯ чун меваҳои нимхом.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** маҷоз
**B)** ташбеҳ
**C)** талмеҳ
**D)** муболиға

**83** **Дар рубоии зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Хишти сари хум зи мулкати Ҷам хуштар,***
***Як ҷуръа май аз ғизои Марям хуштар.***
***Оҳи саҳарӣ зи синаи масти хароб***
***Аз нолаи Бусаиду Адҳам хуштар.*** Умари Хайём

**A)** ташхис
**B)** талмеҳ
**C)** ташбеҳ
**D)** киноя

**84** **Дар рубоии зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ин кухна работро, ки олам ном аст,***
***Оромгаҳи аблақи субҳу шом аст.***
***Базмест, ки вомондаи сад Ҷамшед аст,***
***Гӯрест, ки такягаҳи сад Баҳром аст.*** Умари Хайём

**A)** ташхис
**B)** киноя
**C)** ташбеҳ
**D)** талмеҳ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**85** **Дар байти зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Маст аст замин, зеро хӯрдаст ба ҷои май***
***Дар коси сари Ҳурмуз хуни дили Нӯшервон.*** Хоқонии Шервонӣ

**A)** ташхис

**B)** талмеҳ

**C)** ташбеҳ

**D)** киноя

**86** **Дар байти зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Хоҳам шудан ба бустон чун ғунча бо дили танг***
***В-он ҷо ба некномӣ пироҳане даридан.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** муболиға

**B)** талмеҳ

**C)** ташбеҳ

**D)** тазмин

**87** **Дар байти зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Рафтем аз диёри ту бо дидаи пуроб,***
***Чун зулфи ту мушаввашу чун ҷисми ту хароб.*** Носири Бухороӣ

**A)** муболиға

**B)** талмеҳ

**C)** ташбеҳ

**D)** киноя

**88** **Дар байти зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Боридани бедареғ чун мул,***
***Хандидани бениқоб чун гул.*** Низомии Ганҷавӣ

**A)** муболиға

**B)** талмеҳ

**C)** ташбеҳ

**D)** киноя

**89** **Дар байти зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ин нусха чу дил ниҳод бар даст,***
***Дар паҳлуи ман чу соя биншаст.*** Низомии Ганҷавӣ

**A)** муболиға

**B)** талмеҳ

**C)** ташбеҳ

**D)** киноя

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**90** **Дар байтҳои зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,*
*Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.*
*В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,*
***Чун сарв ба авҷ сар кашидӣ.*** Низомии Ганҷавӣ

**A)** муболиға
**B)** талмеҳ
**C)** ташбеҳ
**D)** киноя

**91** **Дар намунаи зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Он қаср, ки Ҷамшед дар ӯ ҷом гирифт,*
*Оҳу бача карду рӯбаҳ ором гирифт.*
*Баҳром, ки гӯр мегирифтӣ ҳама умр,*
***Дидӣ, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт?!*** Умари Хайём

**A)** ташхис
**B)** талмеҳ
**C)** ташбеҳ
**D)** киноя

**92** **Дар намунаи зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт, донистам,*
***Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** ташхис
**B)** киноя
**C)** ташбеҳ
**D)** талмеҳ

**93** **Дар намунаи зерин асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

*Гӯ дар ин Миср, ки Фиръавн дар ӯ сад беш аст,*
***Нон азиз аст, ки шуд Юсуфи гандум чоҳӣ.*** Сайфи Фарғонӣ

**A)** ташхис
**B)** талмеҳ
**C)** ташбеҳ
**D)** киноя

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**94** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Фурсати он аст, ки ин “меҳмон”,***

***Тарк кунад кишвари Ҳиндустон***. Мирзо Турсунзода

**A)** ташбеҳ

**B)** саҷъ

**C)** талмеҳ

**D)** киноя

**95** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Гар мусалмонӣ ҳамин аст, ки Ҳофиз дорад,***

***Вой агар аз паси имрӯз бувад фардое.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** талмеҳ

**B)** киноя

**C)** ташбеҳ

**D)** тавсиф

**96** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,***

***Эй бехабар, зи лаззати шурби мудоми мо.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** маҷоз

**B)** киноя

**C)** ташбеҳ

**D)** таҷнис

**97** **Дар ин ҳикмати Абдуллоҳи Ансорӣ кадом санъати сухан истифода шудааст?**

***Бомдоди ситам сим аст ва шабонгоҳи ӯ бим аст... Ибтидои ҷавр сароб аст ва интиҳои ӯ азоб аст.***

**A)** саҷъ

**B)** ташхис

**C)** ташбеҳ

**D)** таҷнис

**98** **Дар матни зерин аз кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Аъробиеро дидам, ки писарро ҳамегуфт:***

***- Туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист, нагӯянд падарат кист!?***

**A)** истиора

**B)** саҷъ

**C)** таҷнис

**D)** ташхис

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**99** **Дар матни зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ҷамоате оҳанги гурез карданд. Писар наърае бизаду гуфт:***
***- Эй мардон, бикӯшед, то ҷомаи занон напӯшед!?***

**A)** тазод ва муқобала
**B)** саволу ҷавоб
**C)** саҷъ
**D)** муаммо

**100** **Дар кадом ҷумлаи афсонаи "Эраҷи тилисмшикан" санъати муболиға истифода шудааст?**

**A)** Эраҷ барои фатҳи тилисм боз ба кор шурӯъ намуд.
**B)** Эраҷ гурӯҳе аз сипоҳиёни далерро ба таъқиби девҳо фиристод.
**C)** Эраҷ аспро чунон зад, ки дар як тохт аз болои сари дев парида гузашт.
**D)** Дар байни ҷавонони тануманд ситораи Эраҷ ба чашми ӯ гарм метофт.

**101** **Дар мисоли зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Бародар, ки дар банди хеш аст, на бародар аст, на хеш аст.***

**A)** талмеҳ
**B)** истиора
**C)** ташбеҳ
**D)** таҷнис

**102** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ҳар саҳар аз хандаи хуршеди ховар***
***Ман таваллуд мешавам як бори дигар.*** Бозор Собир

**A)** ташбеҳ
**B)** талмеҳ
**C)** таҷнис
**D)** ташхис

**103** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Болобаланди ишвагари нақшбози ман,***
***Кӯтоҳ кард қиссаи зуҳди дарози ман.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** сифатчинӣ
**B)** зуқофиятайн
**C)** киноя
**D)** моддаи таърих

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**104** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Мекашад турки камондори мусалмонкуши ҷодуи ту чун кофари маст аз мижа бар ҳар ҷигаре тири балоро,***

***То кушад зору ба ҳам барзадаву масту синонхӯрдаву маҷрӯҳу дилозурдаву афгору ҷигарсӯхтаи моро.*** Исмати Бухороӣ

**A)** сифатчинӣ

**B)** киноя

**C)** тавҷеҳ

**D)** талмеҳ

**105** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ало, эй Юсуфи мисрӣ, ки кардат салтанат мағрур,***

***Падарро боз пурс охир, куҷо шуд меҳри фарзандӣ?*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** ҳашв

**B)** тавсиф

**C)** ташхис

**D)** тавҷеҳ

**106** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ арҷманд,***

***Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** саволу ҷавоб

**B)** муболиға

**C)** тазод ва муқобала

**D)** таҷоҳули ориф

**107** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Баъди навмедӣ басе уммедҳост,***

***Аз паси зулмат басе хуршедҳост.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** тазод ва муқобала

**B)** талмеҳ

**C)** таҷоҳули ориф

**D)** киноя

**108** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,***

***Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** талмеҳ

**B)** киноя

**C)** тавсиф

**D)** ташбеҳ

Дар РОИГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ

**109** **Мувофиқи таълимоти Зардушт (бар асоси “Гоҳон”) Аҳурамаздо кист?**

**A)** Нахустин шоҳи силсилаи Пешдодиён, ки додгар буд.
**B)** Фариштаи обҳои равон ва заминҳои корам, ёвари кишоварзон.
**C)** Ду менуи ҳамзод ва оғозини офариниш, ки бо ҳам созиш надоранд.
**D)** Офаридгори ягона ва роҳнамои офаридагон ба растагорӣ ва беҳрӯзӣ.

**110** **Дар робита бо се ибора (маромнома)-и Зардушт *“Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек*” кадоме аз шарҳҳои зерин дуруст аст?**

**A)** Забон бо ҷомеа алоқаи ногусастанӣ дорад.
**B)** Забон ба ҳамаи табақаҳои ҷомеа баробар хизмат мекунад.
**C)** Забон ҷудо аз тафаккур ва амал қарор дорад.
**D)** Забон бо тафаккур ва амал робитаи зич дорад.

**111** **Кадом бахши “Авесто” ба маънии ситоишу ниёиш аст?**

**A)** “Яштҳо”
**B)** “Виспарад”
**C)** “Вандидод”
**D)** “Хурда-Авесто”

**112** **Намунаи барҷастаи адабиёти насрии пешазисломии тоҷик.**

**A)** “Зафарнома”
**B)** “Қобуснома”
**C)** “Даврони офтоб”
**D)** “Корномаи Ардашери Бобакон”

**113** **Намунаи барҷастаи адабиёти насрии пешазисломии тоҷик.**

**A)** “Зафарнома”
**B)** “Қобуснома”
**C)** “Даврони офтоб”
**D)** “Дарахти Асуриг”

**114** **Намунаи барҷастаи адабиёти пешазисломии тоҷик.**

**A)** “Даврони офтоб”
**B)** “Зафарнома”
**C)** “Ёдгори Зарирон”
**D)** “Бӯстон”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**115** **Кадом бахши “Авесто” дар шакли гуфтугӯ – пурсишҳои Зардушт ва посухҳои Аҳура Маздо иншо шудааст?**

**A)** “Яштҳо”

**B)** “Виспарад”

**C)** “Вандидод”

**D)** “Хурда-Авесто”

**116** **Макони таълифи “Авесто”-ро куҷо тахмин кардаанд?**

**A)** Осиёи Ҷанубӣ

**B)** Осиёи Марказӣ

**C)** Ҳиндустон

**D)** Арабистон

**117** **“Авесто” ба кадом забон навишта шудааст?**

**A)** бохтарӣ

**B)** портӣ

**C)** паҳлавӣ

**D)** суғдӣ

**118** **“Корномаи Ардашери Бобакон” яке аз сарчашмаҳои кадом асар аст?**

**A)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

**B)** “Маснавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**C)** “Самаки айёр”-и Фаромуз ибни Худодод

**D)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**119** **Дар “Андарзи Озарбоди Меҳроспандон” гуфта шудааст, ки *“То чанд тавонӣ, мардумон ба сухан маёзор*!”. Кадом байти зерини Абулқосими Фирдавсӣ ин маъниро дорад?**

**A)** Ту чандон, ки бошӣ, сухангӯй бош,
Хирадманд бошу ҷаҳонҷӯй бош.

**B)** Сухан гуфтани нағзу кирдори нек,
Бимонад чунон, то ҷаҳон аст рек.

**C)** Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

**D)** Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**120** **Кадом зарбулмасал ё мақол маънои ин байти Фирдавсиро дорад?**

***Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,***
***Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.***

**A)** Аввал андеша, баъд гуфтор.

**B)** Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ.

**C)** Аз ҷав ҷав мерӯяд, аз гандум гандум.

**D)** Офтоброро бо доман пӯшида намешавад.

**121** **Кадом сухан ба байт мувофиқтар аст?**

***Мар онро, ки дониш бувад, тӯша бурд,***
***Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** Донишманд сарбаландона зиндагӣ мекунад, пас аз марг ҳам номаш зинда мемонад.

**B)** Вақте ки ба дидани инсонҳои хирадманд меравед, бояд ҳатман тӯша ё ҳадяе бо худ баред.

**C)** Донишманд ба ҳар ҷое, ки меравад, бо худ китоб ҳадя мебарад, чунки дар фикри босаводии мардум аст.

**D)** Инсонҳои донишманд асоси пойдори низоми ҷомеа ва пешрафту дигаргуниҳо дар рӯи олам ҳастанд.

**122** **Кадом сухан ба байт мувофиқ аст?**

***Чу дӣ рафту фардо наёмад ба пеш,***
***Мадеҳ хира бар бод авқоти хеш.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** Ғами ояндаро агар дар гузашта нахӯрда бошӣ, пушаймон хоҳӣ шуд.

**B)** Ғаму шодии ҷаҳон гузаранда аст, дар фикри ҳеч чиз набош.

**C)** Ғами гузаштаву ояндаро махӯр, ҳамин ҳолоро ғанимат шумор.

**D)** Ҳама коратро сари вақт кун ва хӯрокатро ҳам дар вақташ бихӯр.

**123** **Кадом адибро “ҳамосасаро” меноманд?**

**A)** Фаррухии Систонӣ

**B)** Унсурии Балхӣ

**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**D)** Абулқосими Фирдавсӣ

**124** **Дар бораи *“Офаридгори ягона ва роҳнамои офарандагон ба растагорӣ ва беҳрӯзӣ”* будани Аҳурамаздо дар кадом асари давраи қадим маълумот дода шудааст?**

**A)** “Андарзи Озарбоди Меҳроспандон”

**B)** “Дарахти Асуриг”

**C)** “Ёдгори зарирон”

**D)** “Гоҳон”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**125** **Кадом асарро, ки дар шакли пурсишу посух аст** ***“сарпарасти ҳарами шаҳриёри нерӯманд ва сарвари дарбори Хусрав бо фармони ин шоҳаншоҳ ... навиштааст, то китоби хубе бошад барои онон, ки аз Яздон офарида шудаанд”*****?**

**A)** “Ёдгори Зарирон”
**B)** “Ёдгори Бузургмеҳр”
**C)** “Андарзи Озарбоди Меҳроспандон”
**D)** “Корномаи Ардашери Бобакон”

**126** **“Дарахти Асуриг” чӣ гуна асар аст?**

**A)** лирикӣ
**B)** ҳамосӣ
**C)** драмавӣ
**D)** мунозиравӣ

**127** **Дар кадом асар сухан аз ҷанги Виштосп (Гуштосп) – шоҳи Эрон ва Арҷосп – шаҳриёри хиюнон барои пазириши оини маздияснон меравад?**

**A)** “Дарахти Асуриг”
**B)** “Ёдгори Зарирон”
**C)** “Андарзи Озарбоди Меҳроспандон”
**D)** “Корномаи Ардашери Бобакон”

**128** **“Андарзи Озарбоди Меҳроспандон” чӣ гуна асар аст?**

**A)** пандуахлоқӣ
**B)** динӣ
**C)** фалсафӣ
**D)** илмӣ

**129** **Дар “Ёдгори Зарирон” ҷангномаи кадом шоҳон тасвир гардидааст?**

**A)** Доро ва Искандар
**B)** Гуштосп ва Арҷосп
**C)** Ардашер ва Ардавон
**D)** Ҷамшед ва Заҳҳок

**130** **Дар “Ёдгори Зарирон” кадоме аз ин шахсон шоҳи Эронзамин аст?**

**A)** Видрафш
**B)** Гуштосп
**C)** Зарир
**D)** Ҷомосп

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**131** **Дар “Ёдгори Зарирон” кадоме аз ин шахсон шоҳи хиюнон аст?**

**A)** Видрафш
**B)** Ҷомосп
**C)** Арҷосп
**D)** Гуштосп

**132** **Дар “Ёдгори Зарирон” кадоме аз ин шахсон вазири донову шинохта аст?**

**A)** Зарир
**B)** Видрафш
**C)** Гуштосп
**D)** Ҷомосп

**133** **Ин пораи шеърро мардуми кадом минтақа дар ҳаҷви Асад ибни Абдуллоҳ гуфтаанд?**

***Аз Хуталон омадия,***
***Ба рӯ табоҳ омадия.***
***Овор боз омадия,***
***Хашангнизор омадия.***

**A)** Марв
**B)** Балх
**C)** Бухоро
**D)** Самарқанд

**134** **Намунаи барҷастаи адабиёти ҷавонмардии форсии тоҷикӣ.**

**A)** “Ёдгори Бузургмеҳр”
**B)** “Ёдгори Зарирон”
**C)** “Калила ва Димна”
**D)** “Самаки Айёр”

**135** **“Андарзнома”-и Бузургмеҳри Бухтагон боз бо кадом ном машҳур аст?**

**A)** “Пандномаи Бузургмеҳр”
**B)** “Корномаи Бузургмеҳр”
**C)** “Бузургмеҳрнома”
**D)** “Ёдгори Бузургмеҳр”

**136** **Аввалин шеър ба забони форсии тоҷикӣ ба хоҳиши кадом амир гуфта шудааст?**

**A)** Наср ибни Аҳмади Сомонӣ
**B)** Яъқуби Лайси Саффорӣ
**C)** Амр ибни Лайси Саффорӣ
**D)** Исмоили Сомонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**137** **Байти зерин дар мадҳи кадом амир суруда шудааст?**

***Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,***
***Бандаву чокару мавлову сагбанду ғулом ...*** Муҳаммад ибни Васиф

**A)** Яъқуби Лайси Саффорӣ
**B)** Тоҳири Чағонӣ
**C)** Наср ибни Аҳмади Сомонӣ
**D)** Абдуллоҳи Систонӣ

**138** **Аввалин шоирони форсигӯй:**

**A)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ
**B)** Абузироаи Гургонӣ, Хусравӣ, Абуисҳоқи Ҷӯйборӣ
**C)** Ибни Муқаффаъ, Башшор ибни Бурд, Исмоил ибни Ясор
**D)** Ҳанзалаи Бодғисӣ, Фирӯзи Машриқӣ, Муҳаммад ибни Васиф

**139** **“Одамушшуаро” унвони ифтихории кадом шоир аст?**

**A)** Фаррухии Систонӣ
**B)** Унсурии Балхӣ
**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**D)** Абулқосими Фирдавсӣ

**140** **Кадоме аз шоирон дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин маротиба рубоӣ гуфтааст?**

**A)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**B)** Робиаи Балхӣ
**C)** Абуалӣ ибни Сино
**D)** Умари Хайём

**141** **Кадом шоир “сездаҳ раҳ сад ҳазор” шеър гуфтааст?**

**A)** Фаррухии Систонӣ
**B)** Унсурии Балхӣ
**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**D)** Абулқосими Фирдавсӣ

**142** **Устод Рӯдакӣ илми мусиқиро аз кӣ омӯхтааст?**

**A)** Абдуллоҳи Муғаннӣ
**B)** Аҳмади Наҷҷор
**C)** Абдумалики Ровӣ
**D)** Абулаббоси Бахтиёр

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**143** **Кадоме аз шоирони муосири устод Рӯдакӣ ӯро тирачашм гуфтааст?**

**A)** Абушакури Балхӣ
**B)** Робиаи Балхӣ
**C)** Абумансури Дақиқӣ
**D)** Мунҷики Тирмизӣ

**144** **Устод Рӯдакӣ дар шеъри “Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён” киро мадҳ кардааст?**

**A)** Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ
**B)** Амр ибни Лайси Саффорӣ
**C)** Исмоили Сомонӣ
**D)** Наср ибни Аҳмади Сомонӣ

**145** **Қасидаи “Модари май”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавассути кадом сарчашмаи таърихӣ боқӣ мондааст?**

**A)** “Таърихи Табарӣ”
**B)** “Таърихи Бухоро”
**C)** “Таърихи Байҳақӣ”
**D)** “Таърихи Систон”

**146** **Аз рӯйи мавзуъ “Модари май” ба кадом навъи қасида мансуб аст?**

**A)** шиквоӣ
**B)** мадҳӣ
**C)** фалсафӣ
**D)** ирфонӣ

**147** **Маснавиҳои устод Рӯдакӣ кадоманд?**

**A)** “Вомиқ ва Узро”, “Сурхбут ва Хингбут”
**B)** “Офариннома”, “Шаҳриёрнома”
**C)** “Саодатнома”, “Рӯшноинома”
**D)** “Калила ва Димна”, “Синдбоднома”

**148** **Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар порчаи зерин аз марсия бар марги Муродӣ ба кадом масъала ишора намудааст?**

***Коҳ набуд ӯ, ки ба боде парид,***
***Об набуд ӯ, ки ба сармо фисурд...***
***Ганҷи заре буд дар ин хокдон,***
***К-ӯ ду ҷаҳонро ба ҷаве мешумурд.***

**A)** бузургворӣ ва хоксории шоир Муродӣ
**B)** фоҷиаи бузург будани марги Муродӣ барои атрофиёнаш
**C)** вафоти Муродӣ чун паридани коҳ ба бод буд
**D)** бевафоӣ ва нопойдории ҷаҳон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**149** **Кадоме аз шоирон дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин маротиба рубоӣ гуфтааст?**

**A)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**B)** Робиаи Балхӣ
**C)** Абуалӣ ибни Сино
**D)** Умари Хайём

**150** **Қисмати тағаззули қасидаи "Модари май"-и Рӯдакиро чӣ метавон номид?**

**A)** хамрия
**B)** васфия
**C)** баҳория
**D)** мадҳия

**151** **"Султони шоирон" ва "Соҳибқирони шоирӣ" унвонҳои ифтихории кадом шоир аст?**

**A)** Фаррухии Систонӣ
**B)** Унсурии Балхӣ
**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**D)** Абулқосими Фирдавсӣ

**152** ***"Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост"*** **гуфтани Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо кадом хулоса мувофиқат мекунад?**

**A)** Ӯ ифтихор намудааст, ки Бухоро пойтахти хилофати араб аст.
**B)** Ӯ аз шукӯҳи Бухоро ва маркази илму фарҳанг будани он ифтихор намудааст.
**C)** Ӯ ифтихор намудааст, ки Бағдод пойтахти давлати Сомониён аст.
**D)** Ӯ Бухоро ва Бағдодро пойтахти холофати араб ва маркази илму фарҳанг донистааст.

**153** **Сухан дар бораи шеъри кӣ меравад?**

***Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,***
***Ҳам фузун ояд, агар чандон ки бояд бишмарӣ.*** Рашидии Самарқандӣ

**A)** Абулқосими Фирдавсӣ
**B)** Асадии Тӯсӣ
**C)** Абуалӣ ибни Сино
**D)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**154** **Кадоме аз ҳамасрони Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар пайравӣ ба қасидаи “Шикоят аз пирӣ” қасидаи ҳолия навиштааст?**

**A)** Абушакури Балхӣ

**B)** Мантиқии Розӣ

**C)** Имораи Марвазӣ

**D)** Абулфазли Балъамӣ

**155** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро аз қасидаи Фаррухии Систонӣ муайян намоед:**

***Имсол тозарӯйтар омад ҳаме баҳор,***

**.....................................................................**

**A)** Ҳангоми омадан на бад-ин гуна буд пор.

**B)** Бефаршу бетаҷаммулу берангу бенигор.

**C)** Имсол чун зи пор фузун сохта нигор.

**D)** Дар пеши ӯ ба сони сипеҳре яке ҳисор.

**156** **Абумансури Дақиқӣ дар байти зер кадоме аз адибонро *“шоири тирачашми равшанбин”* хитоб кардааст?**

***Устод Шаҳид зинда боистӣ***
***В-он шоири тирачашми равшанбин.***

**A)** Робиаи Балхӣ

**B)** Шаҳиди Балхӣ

**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**D)** Ҳаким Унсурӣ

**157** **Идомаи мантиқии мисраи ғазали Абумансури Дақиқиро муайян кунед:**

***Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,***

**.........................................................................**

**A)** Сапедрӯз ба покии рухони ту монад.

**B)** Чу обдор бувад, бар лабони ту монад.

**C)** Дурусту рост бад-он чашмакони ту монад

**D)** Ки баркашида шавад, ба абрувони ту монад.

**158** **“Шоҳнома”-и Дақиқӣ бо кадом ном машҳур аст?**

**A)** “Офариннома”

**B)** “Гаршоспнома”

**C)** “Барзунома”

**D)** “Гуштоспнома”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**159** **Аввалин бор кадом адиб расман унвони “Маликушшуаро”-ро гирифтааст?**

**A)** Носири Хусрав
**B)** Унсурии Балхӣ
**C)** Манучеҳрии Домғонӣ
**D)** Асҷадии Марвазӣ

**160** **Ҷашни “Наврӯз” ба ривояти Фирдавсӣ дар давраи кадом шоҳ маъмул шуд?**

**A)** Ҷамшед
**B)** Каюмарс
**C)** Заҳҳок
**D)** Ҳушанг

**161** **Аз рӯйи мухтаво “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба кадом давраҳо ҷудо шудааст?**

**A)** асотирӣ, пешазисломӣ ва исломӣ
**B)** асотирӣ, паҳлавонӣ ва таърихӣ
**C)** пеш аз мелод ва баъди мелод
**D)** қадим, миёна ва нав

**162** **Давраи таърихии “Шоҳнома” бо кадом ҳодиса оғоз меёбад?**

**A)** Ба тахт нишастани Фаридун
**B)** Бо марги Рустам
**C)** Бо ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ва марги Дорои Каёнӣ
**D)** Ба тахт нишастани Ардашери Бобакон

**163** **Бахши аввали “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсиро чӣ меноманд?**

**A)** асотирӣ
**B)** таърихӣ
**C)** паҳлавонӣ
**D)** пешазисломӣ

**164** **Бахши дуюми “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсиро чӣ меноманд?**

**A)** асотирӣ
**B)** таърихӣ
**C)** паҳлавонӣ
**D)** пешазисломӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**165** **“Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ бо тасвири кадом ҳодиса ба поён мерасад?**

**A)** Ба чоҳ афтодани Бежан

**B)** Кушта шудани Суҳроб

**C)** Шикасти Исфандиёр

**D)** Марги Яздгирди севум

**166** **Байти зерин аз кадом достони “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ аст?**

***Яке достонест пуробичашм,***
***Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм.***

**A)** “Ҷанги Рустам бо деви сафед”

**B)** “Ҳафт хони Рустам”

**C)** “Достони Рустам ва Суҳроб”

**D)** “Ҷанги Рустам бо Ашкбӯс”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**167** **Ба тасвири Фирдавсӣ сабаби якдигарро нашинохтани Рустам ва Суҳроб дар чӣ буд?**

**A)** Онҳо бо ҳам душман буданд.

**B)** Ба якдигар нафрат доштанд.

**C)** Шоҳони замона инро намехостанд.

**D)** Хоҳиши шинос шудан надоштанд.

**168** **Абулқосими Фирдавсӣ ба хонандаи “Шоҳнома”-аш таъкид намуда, дар байти зерин чӣ гуфтан мехоҳад?**

***Ту инро дурӯғу фасона мадон,***
***Ба яксон равиш дар замона мадон.***

**A)** Ҳодисаю воқеаҳои дар “Шоҳнома” тасвиргардида услуби ягона доранд.

**B)** Ҳодисаю воқеаҳо дар “Шоҳнома” бар асоси афсонаҳо тасвир гардидаанд.

**C)** Ҳодисаю воқеаҳои дар “Шоҳнома” тасвиргардида воқеияти таърихӣ доранд.

**D)** Ҳодисаю воқеаҳои дар “Шоҳнома” баёнгардида афсонаҳои ба як равиш нестанд.

**169** **Аз ду байти зерини “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ муайян намоед, ки Гуштосп барои додани тоҷу тахт ба Исфандиёр назди ӯ чӣ шарт гузоштааст?**

***Супорам туро ганҷу тахту кулоҳ,***
***Нишонам-т бо оҷ дар пешгоҳ...***
***Агар тахт хоҳӣ ҳаме бо кулоҳ,***
***Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ.***

**A)** гирифтани кини бобояш Луҳросп аз Арҷосп
**B)** рафтан ба ҷанги Рустам ва ба банд овардани ӯ
**C)** раҳонидани хоҳарони Гуштосп аз банди Арҷосп
**D)** фиристодани Башутан ва Баҳман ба ҷанги Рустам

**170** **Қисми асосии давраи таърихии “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ кадом давраро дар бар мегирад?**

**A)** оғози тамаддуни башарӣ
**B)** ҳукуматдории Пешдодиён
**C)** ҳукуматдории Сосониён
**D)** ҳуҷуми арабҳо ба Эронзамин

**171** **Муҳимтарин бахши “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ, ки дар он подшоҳон дар дараҷаи дуюм қарор мегиранд:**

**A)** ҷангҳову диловарии хонадони паҳлавонони Систон
**B)** давраи ҳукуматдории Каюмарс то подшоҳии Фаридун
**C)** шарҳи оғози тамаддуни башарӣ ва пешрафти таърихии он
**D)** давраи ҳукуматдории Анӯшервон то подшоҳии Хусрави Парвиз

**172** **Абулқосими Фирдавсӣ дар байти зерин ба кадом адиб ишора намудааст?**

***Ҷавоне биомад гушодазабон,***
***Сухан гуфтани хубу табъи равон.***

**A)** Шаҳиди Балхӣ
**B)** Кисоии Марвазӣ
**C)** Абушакури Балхӣ
**D)** Абумансури Дақиқӣ

**173** **Абулқосими Фирдавсӣ бо гуфтани байти зерин ба кадом масъала ишора намудааст?**

***Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,***
***Чунин бахти бедори ӯ хуфта монд.***

**A)** марги шоир Муродӣ ва ногуфта мондани шеърҳои ӯ
**B)** аз ҷаҳон рафтани устод Рӯдакӣ ва мондани ҳикмати ӯ
**C)** вафоти Марзбони Рустам ва боқӣ мондани “Марзбоннома”
**D)** ҷавонмаргии Дақиқӣ ва нотамом мондани “Шоҳнома”-и ӯ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**174** **Абулқосими Фирдавсӣ ҳазор байти кадом асарро дар “Шоҳнома”-аш ҷой додааст?**

**A)** “Шоҳномаи Абумансурӣ”

**B)** “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ

**C)** “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхӣ

**D)** “Гуштоспнома”-и Абумансури Дақиқӣ

**175** **Кадом байти Абушакури Балхӣ бо сухани Абулқосими Фирдавсӣ “*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад*” ҳаммаъност?**

**A)** Касе, к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ ёфа монад, на омӯзгор.

**B)** Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану тофтан.

**C)** Хирад чун надонӣ, биёмӯзадат,
Чу пажмурда гардӣ, барафрӯзадат.

**D)** На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар он кас, ки донотар аст.

**176** **Навиштаанд, ки “*Фирдавсӣ аз деҳқонзодагони замонаш буд”*. Муайян намоед, ки кадом шарҳ ба маънои “*деҳқон*” дар замони Фирдавсӣ мувофиқ аст:**

**A)** Деҳқонон табақаи наҷибзодагон ва нигоҳбони суннатҳои бостонӣ буданд.

**B)** Деҳқонон як табақаи ҷомеа буданд, ки танҳо ба кишту кор машғул мешуданд.

**C)** Деҳқонон як табақаи ҷомеа буданд, ки онҳоро кишоварз ҳам меномиданд.

**D)** Деҳқонон табақаи болои ҷамъият, ҳокимони шаҳрҳо буданд.

**177** **Кадом зарбулмасал (мақол) маънои ин байти Абулқосими Фирдавсиро дорад?**

***Чу некӣ кунад кас, ту подош кун***
***В-агар бад кунад, низ пархош кун.***

**A)** Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ, бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ.

**B)** Аз некон боғ мемонад, аз бадон доғ.

**C)** Бо бадон бад бошу бо некон накӯ.

**D)** Некӣ куну ба дарё андоз.

**178** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ кадоме аз ин бонувон ҳамсари Рустам аст?**

**A)** Гурдофарид

**B)** Судоба

**C)** Манижа

**D)** Таҳмина

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**179** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ Жандаразмро бо як зарба кӣ кушт?**

**A)** Ҳаҷир
**B)** Гев
**C)** Суҳроб
**D)** Рустам

**180** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ нахустин шоҳ кист?**

**A)** Манучеҳр
**B)** Ҷамшед
**C)** Каюмарс
**D)** Фаридун

**181** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ дар разм бо Исфандиёр Рустам аз кӣ кумак мегирад?**

**A)** Зол
**B)** Ковус
**C)** Афросиёб
**D)** Симурғ

**182** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ Исфандиёр аз дасти кӣ кушта мешавад?**

**A)** Суҳроб
**B)** Ҳаҷир
**C)** Рустам
**D)** Тӯс

**183** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ киро гунаҳгори марги Исфандиёр медонанд?**

**A)** Афросиёбро
**B)** Ковусро
**C)** Гаршоспро
**D)** Гуштоспро

**184** **Нажоди Заҳҳок мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ.**

**A)** ориёӣ
**B)** араб
**C)** турк
**D)** юнонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**185** **Мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ Заҳҳокро кӣ шикаст дод?**

**A)** Эраҷ

**B)** Ҷамшед

**C)** Фаридун

**D)** Манучеҳр

**186** **Қисмати қаҳрамонии “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ асосан корнамоиҳои паҳлавонони кадом минтақаро дар бар мегирад?**

**A)** паҳлавонони Гелон

**B)** паҳлавонони Кирмон

**C)** паҳлавонони Балх

**D)** паҳлавонони Систон

**187** **Дар кадом қасидаи Асадии Тӯсӣ ақидаи шуубӣ ва ифтихори миллии адиб баён шудааст?**

**A)** “Шабу рӯз”

**B)** “Найзаву камон”

**C)** “Арабу Аҷам”

**D)** “Замину осмон”

**188** **“Арабу Аҷам”-и Асадии Тӯсӣ чӣ гуна қасида аст?**

**A)** муноҷот

**B)** ҳаҷвӣ

**C)** тарҷумаиҳолӣ

**D)** мунозиравӣ

**189** **Кадом хулоса доир ба ин байти Носири Хусрав дуруст аст?**

***Якто нашавад ҳикмат мар табъи шуморо,***
***То бар тамаи мол шумо пушт дутоед.***

**A)** Мурочиати муаллиф ба шоирони дигар аст; ӯ мегӯяд, ки то вақте аз дигарон тамаи пулу мол накунед, яки шумо ду намешавад ва дар зиндагӣ ҳаргиз пешрафт намекунед.

**B)** Муаллиф ба шоирони дарборӣ хитоб мекунад, ки то вақте шумо барои пулу мол пеши ҳар кас таъзим мекунед, наметавонед шеъри асил ва пурҳикмат бисароед.

**C)** Шоир ба шоҳон ва дарбориён муроҷиат карда мегӯяд, ки тамоми бадбахтии мардум аз ҳирсу зиёдахоҳӣ ва ҷангҳои бепоёни шумо барои кишваркушоӣ ва сарвати бештар аст.

**D)** Шоир мегӯяд, ки ин панду андарзи ман ба шумо манфиате надорад, чунки аз рӯйи таҷрибаи худ медонам, ки ба одамони тамаъкор ва ошиқи пулу мол панду насиҳат фоидае надорад.

РОЙГОН! Ҳарсомонаи www.ntc.tj

**190** **Кадом адиб бо тахаллуси “Ҳуҷҷат” шеър гуфтааст?**

**A)** Носири Хусрав
**B)** Абумансури Унсурӣ
**C)** Манучеҳрии Домғонӣ
**D)** Асҷадии Марвазӣ

**191** **Аввалин асари ёддоштии мансур, ки Носири Хусрав навиштааст, кадом аст?**

**A)** “Рӯшноинома”
**B)** “Саодатнома”
**C)** “Сафарнома”
**D)** “Хонулихвон”

**192** **Шоири бузурги қасидасаро, ки баъдан он ҳама мадҳу ғазалу ҳаҷви навиштаашро “шеъри ботил” номидааст.**

**A)** Асадии Тӯсӣ
**B)** Носири Хусрав
**C)** Саноии Ғазнавӣ
**D)** Анварии Абевардӣ

**193** **Шоири бузурге, ки қасидаи “Ашкҳои Хуросон”-аш машҳур аст.**

**A)** Асадии Тӯсӣ
**B)** Носири Хусрав
**C)** Анварии Абевардӣ
**D)** Саноии Ғазнавӣ

**194** **Кадом адибро устоди қасидасароӣ донистаанд?**

**A)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**B)** Анварии Абевардӣ
**C)** Абуалӣ ибни Сино
**D)** Саъдии Шерозӣ

**195** **Носири Хусрав дар кадом байт ба ҳақиқатҷӯӣ ва кӯр-кӯрона ба касе пайравӣ нанамуданаш ишора кардааст?**

**A)** Бархостам аз ҷою сафар пеш гирифтам,
Н-аз хона-м ёд омаду н-аз гулшану манзар.
**B)** В-аз фалсафиву монавию собиву даҳрӣ
Дархостам ин ҳоҷату пурсидам бемар.
**C)** Пурсанда ҳамерафтам аз ин шаҳр бад-он шаҳр,
Ҷӯянда ҳамегаштам аз ин баҳр бад-он бар.
**D)** Тақлид напазруфтаму ҳуҷҷат наниҳуфтам,
Зеро ки нашуд ҳақ ба тақлид мушаҳҳар.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**196** **Яке аз беҳтарин намунаҳои насри асри XI.**

**A)** “Ёдгори Бузургмеҳр”
**B)** “Ёдгори Зарирон”
**C)** “Самаки Айёр”
**D)** “Қобуснома”

**197** **Номи дигари “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус.**

**A)** “Тӯтинома”
**B)** “Гаршоспнома”
**C)** “Насиҳатнома”
**D)** “Гелоннома”

**198** **“Андар ойини дӯст гирифтан”, “Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар”, “Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ” ва ғайра бобҳои кадом асар аст?**

**A)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**B)** “Даҳ фасл”-и Убайди Зоконӣ
**C)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**D)** “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухорой

**199** **Сухан дар бораи кадом шоир аст?**

***Ному насаби аслиаш Абуҳомид Фаридуддин буда, соли 1221 ба дасти як сарбози Чингиз кушта шуд.***

**A)** Саъдуддини Варовинӣ
**B)** Аттори Нишопурӣ
**C)** Саъдии Шерозӣ
**D)** Бадриддини Ҳилолӣ

**200** **“Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино чӣ гуна асар аст?**

**A)** пандуахлоқӣ
**B)** динӣ
**C)** фалсафӣ
**D)** илмӣ

**201** **“Шайхурраис” унвони ифтихории кадом адиб ва олими тоҷик аст?**

**A)** Абуалӣ ибни Сино
**B)** Носири Хусрав
**C)** Умари Хайём
**D)** Абдурраҳмони Ҷомӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**202** **Абуалӣ ибни Сино дар илми луғат кадом китобро тасниф кардааст?**

**A)** “Рисолаи саргузашт”

**B)** “Китоб-уш-шифо”

**C)** “Лисон-ул-адаб”

**D)** “Ал-арузия”

**203** **Ибни Сино дар кадом рубоияш ба бемағзию нотавонбинии ҳарифонаш ишорат кардааст?**

**A)** “Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ...”

**B)** “Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст ...”

**C)** “Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст ...”

**D)** “Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд ...”

**204** **Абуалӣ ибни Сино таъкид намудааст, ки рисолаи “Саломон ва Абсол” *дар маърифат аст* ва ба *“аҳли ҳикмат”* нигаронида шудааст. Он чӣ гуна асар аст?**

**A)** ишқӣ

**B)** тиббӣ

**C)** бадеӣ

**D)** фалсафӣ

**205** **Кадом ҷавоб дар бораи Абуалӣ ибни Сино дуруст аст?**

**A)** Ӯ донишманди динӣ буд, ба ҳама чиз мувофиқи шариат муносибат мекард.

**B)** Ӯ донишманди моддигаро буд, ба Худо ва пайғамбар бовар надошт.

**C)** Ӯ шоири озодандеш ва ғазалсаро буд, мавзуи ғазалҳояш ишқи поки инсонист.

**D)** Ӯ мутафаккири ақлгаро буд, ба ҳама чиз аз рӯйи ақлу дониш муносибат мекард.

**206** **Асари “Зафарнома” (“Пирӯзинома”)-и мансуб ба Абуалӣ ибни Сино чӣ гуна асар аст?**

**A)** донишномаи ахлоқ

**B)** донишномаи фалсафа

**C)** дар илми мусиқӣ

**D)** дар илми тиб

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**207** **Кадом асари Абуалӣ ибни Синоро пас аз марги ӯ шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ давом додааст?**

**A)** “Донишнома”
**B)** “Китоби инсоф”
**C)** “Рисолаи саргузашт”
**D)** “Рисолаи тамсилоти форсӣ”

**208** **Матни зерин аз кадом асари Абуалӣ ибни Синост?**

***“Дар рӯзгори Анӯшервони одил ҳеҷ чиз аз ҳикмат азизтар набуда ва ҳукамои он аср ҳама парҳезгор будаанд.***

***Як рӯз Анӯшервон Бузургмеҳрро талаб кард ва гуфт:***

***– Мехоҳам сухане чанд муфид, дар лафз андак, маонӣ бисёр ҷамъ созӣ, чунонки дар дунё ва уқбо судманд бошад.***

***Бузургмеҳр як сол муҳлат хост ва ин чанд калимотро ҷамъ кард. Ва ба назди Анӯшервон бурд ва ӯро хуш омад ва фармуд, ки калимотро ба оби зар нависанд ...”***

**A)** “Зафарнома”
**B)** “Наврӯзнома”
**C)** “Донишнома”
**D)** “Рисолаи саргузашт”

**209** **Асадии Тӯсӣ ғайр аз навиштани достони паҳлавонӣ ва қасидаҳои мунозира боз чӣ хидмати арзандае ба адабиёту фарҳанг кардааст?**

**A)** таълифи куҳантарин луғати тафсирии забони форсии тоҷикӣ “Луғати фурс”
**B)** навиштани аввалин “Шоҳнома”-и манзум ба забони порсии дарӣ
**C)** навиштани “Шоҳнома” бо хоҳиши Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ
**D)** ба назм баргардонидани “Гаршоспнома”-и мансури Абулмуайяди Балхӣ

**210** **Нахустин шоири форсигӯ, ки дар пайравӣ аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ асар навиштааст:**

**A)** Асадии Тӯсӣ
**B)** Абумансури Дақиқӣ
**C)** Абулмуайяди Балхӣ
**D)** Марзбон писари Рустам

**211** **“Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ аз нигоҳи мавзуъ чӣ гуна асар аст?**

**A)** ирфонӣ
**B)** тамсилӣ
**C)** ҳаҷвӣ
**D)** ҳамосӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**212** **Кадоме аз ин вариантҳо ба Асадии Тӯсӣ марбут аст?**

**A)** Ӯ дар дарбори Сомониён зиндагӣ кардааст.
**B)** Ӯ маликушшуарои дарбори Ғазнавиён будааст.
**C)** Ӯ дар забони мо аввалин луғатномаро навиштааст.
**D)** Ӯ май ва майгусориро дар рубоиёташ васф кардааст.

**213** **Бобҳои “Андар шинохтани ҳаққи падар ва модар”, “Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар”, “Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ” аз кадом китоб аст?**

**A)** “Қобуснома”
**B)** “Шоҳнома”
**C)** “Гулистон”
**D)** “Насиҳат-ул-мулук”

**214** **Аз ҷумлаи зерин муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом асар аст:**
***“Бидон, эй писар, ки ман дар чиҳилу чаҳор боби ин китоб дар ҳар фанне, ки донистам, чунонки тавонистам, бо ту сухан гуфтам ва дар ҳар бобе сухане чанд туро насиҳат кардаму панде бидодам”.***

**A)** “Андарзнома”-и Бузургмеҳри Ҳаким
**B)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**C)** “Ганҷнома”-и Абдуллоҳи Ансорӣ
**D)** “Сиёсатнома”-и Низомулмулк

**215** **Маҷмуи осори адабӣ ва таърихии Самандархоҷаи Тирмизӣ, ки яке аз масъалаҳои аосиаш усул ва шартҳои давлатдорист:**

**A)** “Дастур-ул-мулук”
**B)** “Гулшан-ул-мулук”
**C)** “Музаккир-ул-асҳоб”
**D)** “Кашф-ул-асрор”

**216** **Кадоме аз ин асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ номи дигар ё нусхаи тозаэҷоди “Калила ва Димна” аст?**

**A)** “Ахлоқи Муҳсинӣ”
**B)** “Анвори Суҳайлӣ”
**C)** “Саргузашти Ҳотам”
**D)** “Футуватномаи султонӣ”

**217** **Ҳикояти “Гунҷишк ва сусмор” дар кадоме аз асарҳои зерин омадааст?**

**A)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**B)** “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ
**C)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ
**D)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**218** **Ҳикояти “Моҳихор” дар кадоме аз асарҳои зерин омадааст?**

**A)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**B)** “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ
**C)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ
**D)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**219** **Ҳикояти “Тадбири бӯзинагон” дар кадоме аз асарҳои зерин омадааст?**

**A)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**B)** “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ
**C)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ
**D)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**220** **Китоби “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус боз бо кадом ном машҳур аст?**

**A)** “Офариннома”
**B)** “Сиёсатнома”
**C)** “Насиҳатнома”
**D)** “Насиҳат-ул-мулук”

**221** **Мақсади Унсурулмаолии Кайковус аз навиштани “Қобуснома”:**

**A)** додани панду андарз ба фарзандаш
**B)** насиҳат кардани подшоҳони золим
**C)** танқиди вазъи нобасомони рӯзгораш
**D)** ситоиши шоирон ва адибони замонаш

**222** **Унсурулмаолии Кайковус барои писараш кадом асарро навиштааст?**

**A)** “Тӯтинома”
**B)** “Гаршоспнома”
**C)** “Насиҳатнома”
**D)** “Гелоннома”

**223** **Барҷастатарин намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи аввали асри XI (дар дарбори Ғазнавиён) киҳо буданд?**

**A)** Фароловӣ, Муродӣ, Кисоии Марвазӣ
**B)** Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухии Систонӣ
**C)** Анварӣ, Саноии Ғазнавӣ, Сайфи Исфарангӣ
**D)** Хусравонӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абумансури Дақиқӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**224** **Кадом адиби замони Ғазнавиён гуфтаст, ки “Ғазал Рӯдакивор неку бувад”?**

**A)** Унсурии Балхӣ

**B)** Асҷадии Марвазӣ

**C)** Фаррухии Систонӣ

**D)** Манучеҳрии Домғонӣ

**225** **Унсурӣ бо сухани *“Ғазал рӯдакивор неку бувад”* ба кадом хусусияти барҷастаи шеъри Рӯдакӣ ишора намудааст?**

**A)** маъниҳои печида ва воситаҳои тасвири ғайритабиӣ

**B)** забони сода, маъниҳо ва воситаҳои тасвири тару тоза

**C)** забони сода ва мазмуну мундариҷаи ирфонии қисме аз шеърҳо

**D)** забон ва воситаҳои тасвири сода, вале мазмуни андаке нофаҳмо

**226** **Носири Хусрав дар байти зерин кадом адибро дар назар дорад?**

***Ашъори зуҳду панд басе гуфтааст***
***Он тирачашм шоири равшанбин.***

**A)** Унсурии Балхӣ

**B)** Қатрони Табрезӣ

**C)** Абумансури Дақиқӣ

**D)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**227** **Носири Хусрав дар байти зерин ба кӣ муроҷиат намудааст?**

***Эй Ҳуҷҷати замини Хуросон, ба шеъри зуҳд***
***Ҷуз табъи Унсурит нашояд ба ходимӣ.***

**A)** Унсурии Балхӣ

**B)** Ба худаш

**C)** Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**228** **Носири Хусрав дар байти зерин аз чӣ ифтихор намудааст?**

***Ин фахр бас маро, ки ба ҳар ду забон***
***Ҳикмат ҳаме мураттабу девон кунам.***

**A)** забони арабиро нисбат ба забони форсӣ хубтар медонистааст

**B)** шеърҳояшро аз забони форсӣ ба арабӣ тарҷума кардааст

**C)** бо забонҳои форсӣ ва арабӣ шеъри ҳикмат гуфтааст

**D)** забонҳои форсӣ ва арабиро хуб медонистааст

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**229** **Носири Хусрав охирҳои умрашро дар куҷо гузаронидааст?**

A) Систон
B) Қубодиён
C) Балх
D) Юмгон

**230** **Дар осори кадом адиб дубайтӣ мавқеи асосӣ дорад?**

A) Саноии Ғазнавӣ
B) Аттори Нишопурӣ
C) Ҷалолиддини Балхӣ
D) Боботоҳири Урён

**231** **Асари муҳимми Низомулмулки Тӯсӣ, ки дар он доир ба масъалаҳои гуногуни давлатдорӣ, қоидаю усули роҳбарӣ маслиҳатҳои муфид додааст.**

A) “Зафарнома”
B) “Панднома”
C) “Сиёсатнома”
D) “Саодатнома”

**232** **“Чаро Оли Сосон завол ёфт?” бахше аз кадом асар аст?**

A) “Сиёсатнома”-и Низомулмулки Тӯсӣ
B) “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
C) “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ
D) “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**233** **Ҷалолиддини Балхӣ худро пайрави кадоме аз ин шоирон донистааст?**

A) Саноии Ғазнавӣ
B) Анварии Абевардӣ
C) Боботоҳири Урён
D) Хоқонии Шервонӣ

**234** **Кадом асари Ҳаким Саноӣ аз муҳимтарин асарҳои ӯ ва қадимтарин шоҳкори азими ирфони Аҷам ба шумор меравад?**

A) “Тариқ-ут-таҳқиқ”
B) “Сайр-ул-ибод”
C) “Ақлнома”
D) “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**235** **Дар кадом байтҳо Саноии Ғазнавӣ босаводи бепулро аз бесаводи доро беҳтар донистааст?**

**A)** Ҳар кӣ инсоф аз ӯ ҷудо бошад,
Дад бувад, дад, на подшо бошад.
Чун аз ӯ адлу беғамӣ набувад,
Худ чӣ султон, ки одамӣ набувад.

**B)** Манишин бо бадон, ки суҳбати бад
Гарчӣ покӣ, туро палид кунад.
Офтоб арчи равшан аст, варо
Пораи абр нопадид кунад.

**C)** Дарвеш наям, агарчи кам мекӯшам,
Девона наям, агарчи кам шуд ҳушам.
Гар бебаргӣ ба барг молад гӯшам,
Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.

**D)** Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,
Сад раҳ бувад аз тавонгари нодон беш.
Инро бишавад ҷоҳ, чу шуд мол аз пеш
В-он шод бувад мудом аз дониши хеш.

**236** **Кадом асари Ҳаким Саноиро донишномаи тасаввуф гуфтаанд?**

**A)** “Сайр-ул-ибод”
**B)** “Корномаи Балх”
**C)** “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа”
**D)** “Тариқ-ут-таҳқиқ”

**237** **Кадом асари Аттори Нишопурӣ маснавии тамсилист, ки мавзуи асосии он баёни сафари мурғон ба даргоҳи Симурғ аст?**

**A)** “Тазкират-ул-авлиё”
**B)** “Мантиқ-ут-тайр”
**C)** “Илоҳинома”
**D)** “Асрорнома”

**238** **Дар кадом асари Аттори Нишопурӣ масъалаи ҳафт водии ишқ ва ваҳдати вуҷуд шарҳ ёфтааст?**

**A)** “Тазкират-ул-авлиё”
**B)** “Асрорнома”
**C)** “Мантиқ-ут-тайр”
**D)** “Илоҳинома”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**239** **Панду андарзҳои кадом адиб ба “Чор китоб” ворид гардидааст?**

**A)** Аҳмади Ҷомӣ
**B)** Абдуллоҳи Ансорӣ
**C)** Аттори Нишопурӣ
**D)** Саъдии Шерозӣ

**240** **Кадом асари Аттори Нишопурӣ бо наср навишта шудааст?**

**A)** “Тазкират-ул-авлиё”
**B)** “Мантиқ-ут-тайр”
**C)** “Асрорнома”
**D)** “Илоҳинома”

**241** **Кадом асари Хоқонӣ ҳамчун як сарчашмаи боэътимод барои омӯхтани таърихи шаҳрҳо, касбу кори сокинон, ҳаёти илмиву адабии давр ва рӯзгори худи шоир арзиши адабӣ ва илмӣ дорад?**

**A)** “Туҳфат-ул-Ироқайн”
**B)** “Харобаҳои Мадоин”
**C)** “Девон”
**D)** “Муншаот”

**242** **Хоқонии Шервонӣ дар қасидаи “Харобаҳои Мадоин” вазъияти кадом маконро тасвир кардааст?**

**A)** Тахти Ҷамшед
**B)** Қасри Ширин
**C)** Тоҷмаҳал
**D)** Тоқи Кисро

**243** **Кадом сухан дар бораи Низомии Ганҷавист?**

**A)** асосгузори қасидасароӣ дар адабиёт
**B)** асосгузори мактаби бузурги хамсанависӣ
**C)** поягузори мактаби тасаввуф дар адабиёт
**D)** бузургтарин ҳамосасарои адабиёти форсӣ

**244** **Муҳимтарин асари Низомии Ганҷавӣ чӣ ном дорад?**

**A)** “Ҳафт авранг”
**B)** “Панднома”
**C)** “Хамса”
**D)** “Саодатнома”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**245** **Низомии Ганҷавӣ кадом достонашро бо ин байтҳо оғоз кардааст?**

***Бонуи Чин зи чеҳра чин бикшод***
***В-аз рутаб ҷӯйи ангубин бикшод.***
***Гуфт: Вақте зи шаҳри худ ду ҷавон,***
***Сӯйи шаҳри дигар шуданд равон...***

**A)** “Султон Санҷар ва пиразан”
**B)** “Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша”
**C)** “Хайр ва Шар”
**D)** “Хусраву Ширин”

**246** **Асари Низомии Ганҷавӣ, ки дорои панҷ маснавии ҷудогона аст.**

**A)** “Махзан-ул-асрор”
**B)** “Хамса”
**C)** “Хайр ва Шар”
**D)** “Ҳафт пайкар”

**247** **Достони “Хайр ва Шар” дар таркиби кадом асари Низомии Ганҷавӣ омадааст?**

**A)** “Ҳафт пайкар”
**B)** “Лайлӣ ва Маҷнун”
**C)** “Махзан-ул-асрор”
**D)** “Искандарнома”

**248** **Маснавии динию ахлоқӣ ва фалсафии Низомии Ганҷавӣ, ки дар он аз офариниши одаму олам, накуҳиши ғафлат ва дурӯён, бевафоии дунё, фазилати одамӣ бар ҳайвонот ва адлу инсоф сухан меравад, кадом аст?**

**A)** “Хусрав ва Ширин”
**B)** “Ҳафт пайкар”
**C)** “Махзан-ул-асрор”
**D)** “Искандарнома”

**249** **Кадом асари Низомии Ганҷавӣ аз рӯйи сохтор ва услуб ба “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа”-и Саноии Ғазнавӣ монанд аст?**

**A)** “Махзан-ул-асрор”
**B)** “Искандарнома”
**C)** “Ҳафт пайкар”
**D)** “Хусрав ва Ширин”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**250** **Дувумин асар аз “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ, ки дар он ҳақиқати таърихӣ бо ҳақиқати бадеӣ пайванд гардидааст.**

**A)** “Искандарнома”
**B)** “Хусрав ва Ширин”
**C)** “Ҳафт пайкар”
**D)** “Лайлӣ ва Маҷнун”

**251** **Ҳикояти “Бозаргон ва тӯтӣ” дар кадоме аз асарҳои зерин омадааст?**

**A)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ
**B)** “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ
**C)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ
**D)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**252** **Ҳикояти “Марди аблаҳ ва хирс” дар кадоме аз асарҳои зерин омадааст?**

**A)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ
**B)** “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ
**C)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ
**D)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**253** **Ҳикояти “Табиб ва бемор” дар кадоме аз асарҳои зерин омадааст?**

**A)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ
**B)** “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ
**C)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ
**D)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**254** **Кадоме аз ин адибон ҳамчун гӯяндаи қасидаҳои ҳабсия шинохта шудааст?**

**A)** Низомии Арӯзии Самарқандӣ
**B)** Масъуди Саъди Салмон
**C)** Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**D)** Сайидои Насафӣ

**255** **Масъуди Саъди Салмон дар байт ба кадом даврони рӯзгораш ишора мекунад?**

***Ҳафт солам бикӯфт Суву Даҳак,***
***Пас аз онам се сол қалъаи Ной.***

**A)** даврони дар ҳабс буданаш
**B)** даврони аскар буданаш
**C)** даврони муҳоҷираташ
**D)** даврони хуши ҷавониаш

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**256** **Қасидаи “Тиру теғ аст бар дилу ҷигарам”-и Масъуди Саъди Салмон кадом навъи қасида аст?**

**A)** хамрия

**B)** ишқия

**C)** ҳолия

**D)** мадҳия

**257** **Дар таърихи адабиёти тоҷик кадом адиб бештар бо асарҳои ҳаҷвияш шуҳрат ёфтааст?**

**A)** Убайди Зоконӣ

**B)** Саййидои Насафӣ

**C)** Бадриддини Ҳилолӣ

**D)** Абулмаолии Насруллоҳ

**258** **Кадом сухан дар бораи рисолаи “Даҳ фасл”-и Убайди Зоконӣ дуруст аст?**

**A)** Дар ҳар фасл калимаҳо ва истилоҳоти муайян оварда шуда, ба таври ҳаҷву тамасхур шарҳ ёфтаанд.

**B)** Дар ин асар дар бораи фаслҳои сол сухан рафта, хосиятҳо, зебоиҳо ва масъалаҳои ба он вобаста таҳлил шудааст.

**C)** Ин асар ёддоштӣ буда, саргузашти бузургони давр дар ҳар фасл ба таври кӯтоҳ ва мушаххас нақл шудааст.

**D)** Дар ин рисола вазъияти замон, воқеияту ҳақиқати зиндагӣ, рафтору кирдори одамон ва мушкилоти ҷомеа тариқи шеър баён шудааст.

**259** **Кадом шоир аз нодорӣ ва вазъи нохуби зиндагиаш чунин шикоят кардааст?**

***Нест дар дастам кунун аз хушку тар,***
***З-он чи вақте дар каноре омадӣ.***
***Ғайри ман дар хонаам чизе намонд,***
***Ҳам намондӣ гар ба коре омадӣ.***

**A)** Ибни Ямин

**B)** Саъдии Шерозӣ

**C)** Сайфи Фарғонӣ

**D)** Убайди Зоконӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**260** **Кадом шоир аз вазъи зиндагиаш чунин шикоят кардааст?**

***Дар хонаи ман зи неку бад чизе нест,***
***Ҷуз бангеюю пораи намад чизе нест.***
***Аз ҳар чӣ пазанд, нест ғайр аз савдо,***
***В-аз ҳар чӣ хӯранд, ҷуз лагад чизе нест.***

**A)** Убайди Зоконӣ
**B)** Ибни Ямин
**C)** Саъдии Шерозӣ
**D)** Сайфи Фарғонӣ

**261** **Кадом асари Убайди Зоконӣ “аз ҳикоятҳои хурд-хурд иборат буда, латифаҳои халқиро ба ёд меорад”?**

**A)** “Мушу гурба”
**B)** “Садпанд”
**C)** “Даҳфасл”
**D)** “Рисолаи дилкушо”

**262** **Киро “пайғамбари ғазал” гуфтаанд?**

**A)** Саъдии Шерозӣ
**B)** Ҳофизи Шерозӣ
**C)** Камоли Хуҷандӣ
**D)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**263** **Киро ҳамчун “муаллими ахлоқ ва устоди ҳикмат” ёд мекунанд?**

**A)** Ҳофизи Шерозӣ
**B)** Аттори Нишопурӣ
**C)** Саъдии Шерозӣ
**D)** Бадриддини Ҳилолӣ

**264** **“Дар сирати подшоҳон”, “Дар ахлоқи дарвешон”, “Дар таъсири тарбият” ва ғайра бобҳои кадом асаранд?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Даҳ фасл”-и Убайди Зоконӣ
**C)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**D)** “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ

**265** **“Дар фазилати қаноат”, “Дар фавоиди хомӯшӣ” ва ғайра бобҳои кадом асаранд?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Даҳ фасл”-и Убайди Зоконӣ
**C)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**D)** “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**266** **“Дар заъф ва пирӣ”, “Дар одоби суҳбат” ва ғайра бобҳои кадом асаранд?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**B)** “Даҳ фасл”-и Убайди Зоконӣ
**C)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ
**D)** “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ

**267** **Вобаста ба сухани зерини Садриддин Айнӣ кадом хулоса дуруст аст?**
***“Асарҳои Саъдӣ хазинаи суханҳои пурҳикматанд.”***

**A)** Саъдии Шерозӣ адиби башардӯст ва инсонпарвар аст.
**B)** Саъдии Шерозӣ мардумро ба илмомӯзӣ даъват намудааст.
**C)** Саъдии Шерозӣ муаллими ахлоқ, устоди панду андарз аст.
**D)** Саъдии Шерозӣ шоир ва нависандаи рӯичаҳонист.

**268** **Ин байт дар ибтидои кадом асари Саъдии Шерозӣ омадааст?**

***Дар ақсои олам бигаштам басе,***
***Ба сар бурдам айём бо ҳар касе ...***

**A)** “Гулистон”
**B)** “Бӯстон”
**C)** девони “Тайибот”
**D)** девони “Бадоеъ”

**269** **Мавзуъҳои *сирати подшоҳон, ахлоқи дарвешон, таъсири тарбият, ишқу муҳаббат, ҷавонмардиву қаноат, сухандонӣ ва одоби суҳбат* дар кадом асари Саъдии Шерозӣ баён гардидаанд?**

**A)** “Бӯстон”
**B)** “Бадоеъ”
**C)** “Гулистон”
**D)** “Хавотим”

**270** **Кадом хулоса ба ин байти Саъдии Шерозӣ мувофиқ аст?**

***Ба ширинзабонию лутфу хушӣ***
***Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.***

**A)** Сухани нарм морро аз хонааш берун меорад.
**B)** Сухан аз шамшер ҳам буррандатар аст.
**C)** Бо ҳар кас ба мисли худаш муносибат кун.
**D)** Хубӣ чу аз ҳад бигзарад, нодон хаёли бад кунад.

**271** **Кадоме аз шоирон ду “Хамса” эҷод намудааст?**

**A)** Низомии Ганҷавӣ
**B)** Абдурраҳмони Ҷомӣ
**C)** Алишери Навоӣ
**D)** Амир Хусрави Деҳлавӣ

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**272** **Дар кадом байт Саноии Ғазнавӣ ворастагӣ ва раҳоиро аз ҳар чизе болотар медонад?**

**A)** Ҳар кӣ инсоф аз ӯ ҷудо бошад,
Дад бувад, дад, на подшо бошад.

**B)** Манишин бо бадон, ки суҳбати бад
Гарчӣ покӣ, туро палид кунад.

**C)** Гар бебаргӣ ба барг молад гӯшам,
Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.

**D)** Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,
Сад раҳ бувад аз тавонгари нодон беш.

**273** **Идомаи мантиқии мисраи қасидаи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро муайян кунед:**

***Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,***

**..................................................................**

**A)** Нишоти ӯ ба фузун буду ғам ба нуқсон буд.

**B)** Ба шаб зи ёрии ӯ назди ҷумла пинҳон буд.

**C)** Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулф чавгон буд.

**D)** Бад-он замона надидӣ, ки инчунинон буд.

**274** **Идомаи мантиқии мисраи зерини ғазали Ҳофизи Шерозиро муайян намоед:**

***Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:***

**.......................................................................**

**A)** Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.

**B)** Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.

**C)** Бошад, ки боз бинем дидори ошноро.

**D)** Эй шайхи покдоман, маъзур дор моро.

**275** **Идомаи мантиқии мисраи ғазали Ҳофизи Шерозиро муайян кунед:**

***Саҳар ба бӯи гулистон ҳамешудам дар боғ,***

**............................................................................**

**A)** Яке чу соқии мастон ба каф гирифта аёғ.

**B)** Ниҳода лолаи ҳумро ба ҷону дил сад доғ.

**C)** Ки буд дар шаби торӣ ба равшанӣ чу чароғ.

**D)** Ки то ба булбули бедил кунам илоҷи димоғ.

**276** **Идомаи мантиқии мисраи Камоли Хуҷандиро интихоб кунед:**

***Гуфт: Агар ёбӣ нишони номи мо бар хоки роҳ,***

**............................................................................**

**A)** Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар. Гуфтам: Ба чашм!

**B)** Ташнагонро муждае аз мо бибар. Гуфтам: Ба чашм!

**C)** Боз месозаш чу шамъ аз гиря тар. Гуфтам: Ба чашм!

**D)** То саҳаргоҳон ситора мешумар. Гуфтам: Ба чашм!

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**277** **Идомаи мантиқии мисраи Камоли Хуҷандиро интихоб кунед:**
***Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ чӣ донӣ ҳоли мо?***
**........................................................................................**

**A)** Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб.
**B)** Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?
**C)** Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб.
**D)** Меҳнати ғурбат надонад ҳеч кас, илло ғариб.

**278** **Идомаи мантиқии мисраи зерини Камоли Хуҷандиро интихоб кунед:**
***Заҳмати худ бо табиби муддаӣ хоҳам намуд,***
**..........................................................................**

**A)** Дӯсттар аз ҷону сар дарду балои дӯстро.
**B)** Зудтар дарёб, ҷони ман, ризои дӯстро.
**C)** То бисозад чора дарди бедавои дӯстро.
**D)** Дасти олуда нашояд марҳабои дӯстро.

**279** **Идомаи мантиқии мисраи Сайидои Насафиро аз "Баҳориёт"-и ӯ муайян кунед:**
***Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам,***
**..........................................................................**

**A)** Имрӯз дар баробари ман кист дар ҷаҳон?!
**B)** Аз ҷони санг наъра барояд, ки ал-амон.
**C)** Ҷоям ҳамеша ҳаст ба паҳлуи меҳмон.
**D)** Гардад чу ман баҳушу адофаҳму нуктадон.

**280** **Идомаи мантиқии мисраи зерини Бадриддин Ҳилолиро интихоб кунед:**
***То рақибонро набинам хушдил аз ғамҳои хеш,***
**..........................................................................**

**A)** Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро.
**B)** Соате биншин, ки умри ҷовидон гӯям туро.
**C)** Аз ту бинам ҷавру бо худ меҳрубон гӯям туро.
**D)** Як сухан гар бишнавам, сад достон гӯям туро.

**281** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**
***Бархез, то ниҳем сари худ ба пойи дӯст,***
**..........................................................................**

**A)** Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.
**B)** То ошнои ман набувад ошнои дӯст.
**C)** Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.
**D)** Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**282** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**

***Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,***

**.............................................................................**

**A)** Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.

**B)** То ошнои ман набувад ошнои дӯст.

**C)** Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.

**D)** Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.

**283** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**

***Ҳошо, ки ғайри дӯст кунад ҷо ба чашми ман,***

**..................................................................................**

**A)** То ошнои ман набувад ошнои дӯст.

**B)** Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.

**C)** Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.

**D)** Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.

**284** **Идомаи мантиқии мисраи Сайфи Фарғониро интихоб кунед:**

***Андар ин даврон маҷӯ роҳат, ки кас осуда нест,***

**.....................................................................................**

**A)** Гар касе дорад ба неъмат дастрас, осуда нест.

**B)** Табъи шодиҷӯй аз ғам як нафас осуда нест.

**C)** З-оташ ар эмин бувад, аз бод хас осуда нест.

**D)** Ҳамчу ширинӣ зи иброми магас осуда нест.

**285** **Идомаи мантиқии мисраи Сайфи Фарғониро интихоб кунед:**

***Гарчи хокаш дар паноҳи хештан гирад чу об,***

**...................................................................................**

**A)** Гар касе дорад ба неъмат дастрас, осуда нест.

**B)** Табъи шодиҷӯй аз ғам як нафас осуда нест.

**C)** З-оташ ар эмин бувад, аз бод хас осуда нест.

**D)** Ҳамчу ширинӣ зи иброми магас осуда нест.

**286** **Идомаи мантиқии мисраи Сайфи Фарғониро интихоб кунед:**

***Одамии талхайш аз золимони туршрӯй,***

**...........................................................................**

**A)** Гар касе дорад ба неъмат дастрас, осуда нест.

**B)** Табъи шодиҷӯй аз ғам як нафас осуда нест.

**C)** З-оташ ар эмин бувад, аз бод хас осуда нест.

**D)** Ҳамчу ширинӣ зи иброми магас осуда нест.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**287** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**
***Баҳор мерасад, аммо баҳорро чӣ кунам?***
**..........................................................................**

**A)** Ғами ғарибию ҳиҷрони ёрро чӣ кунам?
**B)** Фиғону нолаи беихтиёрро чӣ кунам?
**C)** Чу сабр нест, дили беқарорро чӣ кунам?
**D)** Чу нест гулрухи ман, лолазорро чӣ кунам?

**288** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**
***Агарчи рӯи ту хуршедвор ҷилванамост,***
**..........................................................................**

**A)** Сиёҳрӯии шабҳои торро чӣ кунам?
**B)** Фиғону нолаи беихтиёрро чӣ кунам?
**C)** Чу сабр нест, дили беқарорро чӣ кунам?
**D)** Чу нест гулрухи ман, лолазорро чӣ кунам?

**289** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**
***Гирифтам ин, ки шаб аз май даме биосоям,***
**..........................................................................**

**A)** Сиёҳрӯии шабҳои торро чӣ кунам?
**B)** Фиғону нолаи беихтиёрро чӣ кунам?
**C)** Аласса́боҳ балои хуморро чӣ кунам?
**D)** Чу сабр нест, дили беқарорро чӣ кунам?

**290** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**
***Дӯстон, имшаб давои ҷони маҳзунам кунед,***
**..........................................................................**

**A)** Офарин бар эътидоли табъи мавзунам кунед.
**B)** З-ин гунаҳ аз шаҳр мехоҳам, ки берунам кунед.
**C)** Бар сарам афсонае хонеду афсунам кунед.
**D)** Шарҳи ин сурат ба шӯхи ҷомагулгунам кунед.

**291** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**
***Аз дӯст ҳар ҷафо, ки расад ҷои миннат аст,***
**..........................................................................**

**A)** Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.
**B)** Зеро, ки нест ҳеҷ вафо чун ҷафои дӯст.
**C)** Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.
**D)** Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**292** **Идомаи мантиқии мисраи Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**

***Лолагун шуд хирқаи садчокам аз хуноби ишқ,***

**..................................................................................**

**A)** Офарин бар эътидоли табъи мавзунам кунед.

**B)** З-ин гунаҳ аз шаҳр мехоҳам, ки берунам кунед.

**C)** Бар сарам афсонае хонеду афсунам кунед.

**D)** Шарҳи ин сурат ба шӯхи ҷомагулгунам кунед.

**293** **Кадом шоир худашро пайрави Саноию Аттор дониста, чунин гуфтааст?**

***Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,***
***Мо аз пайи Саноию Аттор омадем.***

**A)** Ҳофизи Шерозӣ

**B)** Ҷалолиддини Балхӣ

**C)** Саъдии Шерозӣ

**D)** Абдулқодири Бедил

**294** **Кадом зарбулмасал ё мақол ба мазмуни байти зерини Ҷалолиддини Балхӣ мувофиқ аст?**

***Ҳеч бонги каф задан н-ояд бадар,***
***Аз яке дасти ту бе дасти дигар.***

**A)** Даст дастро мешиносад.

**B)** Ҳар чӣ корӣ, ҳамон медаравӣ.

**C)** Аз як даст садо намеояд.

**D)** Ба кӯҳ овози хуш деҳ, то хуш ояд.

**295** **Кадом сухан ба байт мувофиқтар аст?**

***Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ,***
***Ҳеч аҳлийят беҳ аз хӯйи накӯ.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Дар рӯи олам як инсони боадаб ва хушахлоқ надидам.

**B)** Дар дунё беҳтарин чиз дӯстӣ ва муҳаббати инсонҳост.

**C)** Дар дунё ҳеч чизе беҳтар аз ахлоқи нек вуҷуд надорад.

**D)** Беҳтарин кор дар олам аз пайи илму дониш будан аст.

**296** **Кадом зарбулмасал ё мақол маънои ин байти Ҷалолиддини Балхиро дорад?**

***Чу дӣ рафту фардо наёмад ба пеш,***
***Мадеҳ хира бар бод авқоти хеш.***

**A)** Аввал андеша, баъд гуфтор.

**B)** Ҳамин дамро ғанимат дон.

**C)** Аз ҷав ҷав мерӯяд, аз гандум гандум.

**D)** Офтобро бо доман пӯшида намешавад.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**297** **Кадом сухан ба байт мувофиқ аст?**

***Дӯст ҳамчун зар, бало чун оташ аст,***
***Зарри холис дар дили оташ х(в)аш аст.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Дӯстони воқеӣ мисли оина барои якдигар ҳастанд.

**B)** Дӯсти воқеӣ дар вақти мусибат маълум мешавад.

**C)** Агар зар дошта бошед, дӯстони бисёре хоҳед дошт.

**D)** Дӯстӣ бо одамҳои нодон бефоида ва зараровар аст.

**298** **Кадом зарбулмасал ё мақол маънои ин байти Ҷалолиддини Балхиро дорад?**

***Баъди навмедӣ басе уммедҳост,***
***Аз паси зулмат басе хуршедҳост.***

**A)** Аввал андеша, баъд гуфтор.

**B)** Поёни шаби сияҳ сафед аст.

**C)** Аз ҷав ҷав мерӯяд, аз гандум гандум.

**D)** Офтобро бо доман пӯшида намешавад.

**299** **Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст: “*Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад*”. Муайян намоед, ки ин сухан дар кадом байти Саъдии Шерозӣ ифода шудааст**:

**A)** Банӣ одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.

**B)** Сари панҷаи нотавон бармапеч,
Ки гар даст ёбад, барой ба ҳеч.

**C)** Пашша чу пур шуд, бизанад пилро,
Бо ҳама сахтию салобат, ки ӯст.

**D)** Раият чу беханду султон дарахт,
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.

**300** **Дар таърихи адабиёти тоҷик кӣ ҳамчун “шоири дубайтисаро” машҳур шудааст?**

**A)** Умари Хайём

**B)** Саноии Ғазнавӣ

**C)** Боботоҳири Урён

**D)** Анварии Абевардӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**301** **Дар байти зерин Амир Хусрави Деҳлавӣ ба кадом воқеа ишора намудааст?**

***Сайф аз сарам бирафту дили ман дуним монд,***
***Дарёи ман равон шуду дурри ятим монд.***

**A)** Дар ҷанги ба муқобили Чингизиён кушта шудани падари шоир.

**B)** Асири лашкари муғул гардидани Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ.

**C)** Ба хидмати султонҳои Деҳлӣ рафтани падари Амир Хусрав.

**D)** Хусравро ба дарбори хеш – ба Мултон даъват намудани Буғрохон.

**302** **Вобаста ба қитъаи зерини Амир Хусрави Деҳлавӣ кадом сухан дуруст аст?**

***Накӯтар чиз андар шеър ном аст,***
***Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳӣ.***
***Тани Хусрав бимирад, ин яқин аст,***
***Вале Хусрав намирад ҳеч гоҳе.***

**A)** Ӯ ҳадафу мароми шоирии худро дар боқӣ гузоштани номи нек мебинад.

**B)** Шоир мехоҳад бо шеъру шоирӣ бар зидди марг муборизаи беамон барад.

**C)** Ӯ дар шеър масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фалсафиро инъикос мекунад.

**D)** Ӯ бовар ва эътиқод дорад, ки умри ҷовидон мебинад ва ҳеч гоҳ намемирад.

**303** **Аввалин девони Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки соли 1272 мураттаб гардида, ашъори то 19-солагӣ эҷодкардаи шоирро дар бар мегирад, кадом аст?**

**A)** “Ғуррат-ул-камол”

**B)** “Васат-ул-ҳаёт”

**C)** “Туҳфат-ус-сиғар”

**D)** “Бақияи нақия”

**304** **Кадом асари Амир Хусрави Деҳлавӣ дар асоси далелу бурҳонҳои таърихии замони зиндагии шоир иншо гардидааст ва онро достони ишқӣ-таърихӣ низ гуфтаанд?**

**A)** “Нуҳ сипеҳр”

**B)** “Дувалронӣ ва Хизрхон”

**C)** “Қирон-ус-саъдайн”

**D)** “Мифтоҳ-ул-футуҳ”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**305** **Дар кадом қитъа ва ё рубоӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ таърифу ситоиши ҳокимонро кори беҳуда ва сабаби марги истеъдод донистааст?**

**A)** Накӯтар чиз андар шеър ном аст,
Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳӣ.
Тани Хусрав бимирад, ин яқин аст,
Вале Хусрав намирад ҳеҷ гоҳе.

**B)** Не сина зи ҳирси зар ба оташ дорем,
Не дил зи пайи тамаъ мушавваш дорем.
Нони ҷаву оби чаҳу кунҷе холӣ,
Ё Раб, ки чӣ зиндагонии х(в)аш дорем.

**C)** Аз гуфтани мадҳ дил бимирад,
Шеър арчи тару фасеҳ бошад.
Гардад зи нафас чароғ кушта,
Гар худ нафаси Масеҳ бошад.

**D)** Дабдабаи хусравиям шуд баланд,
Ғулғула дар гӯри Низомӣ фиканд.
Гарчи бар ӯ хатми сухан муҳр баст,
Сиккаи ман муҳри сарашро шикаст.

РОЙГОН! Ҷар сомонаи www.ntc.tj

**306** **Дар кадом қитъа ва ё рубоӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ ба зинда будани ному осораш ишорат намудааст?**

**A)** Аз гуфтани мадҳ дил бимирад,
Шеър арчи тару фасеҳ бошад.
Гардад зи нафас чароғ кушта,
Гар худ нафаси Масеҳ бошад.

**B)** Дабдабаи хусравиям шуд баланд,
Ғулғула дар гӯри Низомӣ фиканд.
Гарчи бар ӯ хатми сухан муҳр баст,
Сиккаи ман муҳри сарашро шикаст.

**C)** Не сина зи ҳирси зар ба оташ дорем,
Не дил зи пайи тамаъ мушавваш дорем.
Нони ҷаву оби чаҳу кунҷе холӣ,
Ё Раб, ки чӣ зиндагонии х(в)аш дорем.

**D)** Накӯтар чиз андар шеър ном аст,
Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳӣ.
Тани Хусрав бимирад, ин яқин аст,
Вале Хусрав намирад ҳеҷ гоҳе.

**307** **Дар кадом қитъа ва ё рубоӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ ба қаноатпешагӣ ва зиндагии хоксоронааш ишорат намудааст?**

**A)** Накӯтар чиз андар шеър ном аст,
Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳӣ.
Тани Хусрав бимирад, ин яқин аст,
Вале Хусрав намирад ҳеҷ гоҳе.

**B)** Дабдабаи хусравиям шуд баланд,
Ғулғула дар гӯри Низомӣ фиканд.
Гарчи бар ӯ хатми сухан муҳр баст,
Сиккаи ман муҳри сарашро шикаст.

**C)** Аз гуфтани мадҳ дил бимирад,
Шеър арчи тару фасеҳ бошад.
Гардад зи нафас чароғ кушта,
Гар худ нафаси Масеҳ бошад.

**D)** Не сина зи ҳирси зар ба оташ дорем,
Не дил зи пайи тамаъ мушавваш дорем.
Нони ҷаву оби чаҳу кунҷе холӣ,
Ё Раб, ки чӣ зиндагонии х(в)аш дорем.

**308** **Зиёуддини Нахшабӣ дар байти зерин ба кадом лаҳзаи ҳаёташ ишора намудааст?**

***Зи ҳиҷрат ҳафсаду сӣ буд он шаб,***
***Ки ман ин қиссаҳо кардам мураттаб.***

**A)** Ба анҷом расонидани “Тӯтинома”

**B)** Тарҷума намудани “Лаззат-ун-нисо” аз забони ҳиндӣ ба форсии тоҷикӣ

**C)** Овардани ҳудуди 20 ҳикоя дар таркиби “Гулрез”

**D)** Ба анҷом расонидани “Ҷузъиёт ва куллиёт”

**309** **Кадом адиб аз шуҳрату эътибори шоирии худ чунин ифтихор кардааст?**

***Агар ба Форс равад корвони ашъорам,***
***Равони Саъдию Ҳофиз кунандаш истиқбол.***
***В-агар ба Ҳинд расад, Хусраву Ҳасан гӯянд:***
***Ки: “Эй ҷаҳони ҳунар, марҳабо, таол, таол!”***

**A)** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Камоли Хуҷандӣ

**C)** Саййидои Насафӣ

**D)** Бадриддини Ҳилолӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**310** **Кадом зарбулмасал (мақол) ба маънии байт мувофиқ аст?**

***Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,***
***Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** Фаввора чун баланд шавад, сарнагун мешавад.

**B)** Шунидан кай бувад монанди дидан.

**C)** Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.

**D)** Дар ҷавонӣ илм омӯхтан нақш бар санг аст.

**311** **Кадом сухан хусусияти хоси достони “Хираднномаи Искандарӣ”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ё фарқи он аз дигар “Искандарнома”-ҳост?**

**A)** Дар достони Ҷомӣ Искандар шахси меҳрубон ва хушсухан тасвир шудааст.

**B)** Дар достони Ҷомӣ Искандар шоҳи одил ва маърифатпарвар тасвир шудааст.

**C)** Дар достони Ҷомӣ Искандар кишваркушо ва далеру шуҷоъ тасвир шудааст.

**D)** Дар достони Ҷомӣ Искандар шоҳи ғоратгар, золим ва забткор тасвир шудааст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**312** **Кадом асари Зиёуддини Нахшабӣ ба “Ҳазору як шаб” шабоҳат дорад ва сароғози он аз ҳикояи шоҳзодаи Нахшаб – Махсумшоҳ ва духтари шоҳи париён – Нӯшлаб, ки дар асар ба сурати мурғ дода шудааст, оғоз мешавад?**

**A)** “Силк-ус-сулук”

**B)** “Гулрез”

**C)** “Тӯтинома”

**D)** “Насоих-ул-мавоиз”

**313** **Достони “Хиёнати аъробӣ” дар дохили кадом асари насри ривоятӣ омадааст?**

**A)** “Синбоднома”

**B)** “Доробнома”

**C)** “Ҳазору як шаб”

**D)** “Калила ва Димна”

**314** **Зиёуддини Нахшабӣ дар қитъаи зерин ба кадом хусусияти осори насрии худ ишора намудааст:**

***Ба насри хеш соҳибнасри лоиқ***
***Раво бошад, ки орад назми ҳар кас.***
***Валекин ман наовардам дар ин наср***
***Зи саъйи килки худ назми дигар кас.?***

**A)** Нахшабӣ дар эҷоди наср анъанаи нависандагони пешинро тағйир надодааст.

**B)** Нахшабӣ дар осори насриаш аз шеърҳои шоирони дигар истифода накардааст.

**C)** Нахшабӣ насри худро аз насри дигарон беҳтар медонад.

**D)** Нахшабӣ дар осори насриаш аз назм истифода накардааст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**315** **Адибе, ки дар эҷоди таркиббанду тарҷеъбандҳои содаю гӯшнавоз ва пурмазмун камназир аст:**

**A)** Ибни Ямин

**B)** Камоли Хуҷандӣ

**C)** Сайфи Фарғонӣ

**D)** Зиёуддини Нахшабӣ

**316** **Дар таърихи адабиёти тоҷик кӣ ҳамчун устоди жанри қитъа машҳур аст?**

**A)** Камоли Хуҷандӣ

**B)** Ибни Ямин

**C)** Сайфи Фарғонӣ

**D)** Ҳофизи Шерозӣ

**317** **Кадом асар дар пайравӣ бо сабки баёни “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ навишта шудааст?**

**A)** “Пандномаи Анушервон”-и Ибни Ямин

**B)** “Мусибатнома”-и Аттори Нишопурӣ

**C)** “Футуватномаи султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**D)** “Хираднома Искандарӣ”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**318** **Дар ҳаҷв кадоме аз ин шоирон устод аст?**

**A)** Фаррухии Систонӣ

**B)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**C)** Убайди Зоконӣ

**D)** Унсурии Балхӣ

**319** **Кадом асари Убайди Зокониро “асари бачагона” гуфтаанд?**

**A)** “Рисолаи дилкушо”
**B)** “Сад панд”
**C)** “Ришнома”
**D)** “Мушу гурба”

**320** **Шарҳи муносиб ба асари “Мушу Гурба”-и Убайди Зокониро интихоб кунед.**

**A)** Дар ин асар калимаҳо ва истилоҳоти муайян оварда шуда, ба таври ҳаҷву тамасхур шарҳ ёфтаанд.
**B)** Дар ин асар зиндагии гурбаҳо ва мушҳо тасвир шуда, шоир инсонҳоро ба табиатдӯстӣ даъват кардааст.
**C)** Ин асар тамсилӣ буда, саргузашти ҳайвонҳои гуногун дар ҳар фасл ба таври кӯтоҳ ва мушаххас нақл шудааст.
**D)** Дар ин асар зимни баёни саргузашти як гурба ва гурӯҳи мушҳо масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии давр нишон дода шудааст.

**321** **Дар кадом асари Убайди Зоконӣ калимаҳо ба таври ҳаҷв шарҳ ёфтаанд?**

**A)** Рисолаи “Дилкушо”
**B)** “Мушу Гурба”
**C)** Рисолаи “Даҳ фасл”
**D)** “Сад панд”

**322** **Ҳофизи Шерозӣ дар байти зерин ба кадом масъала ишорат намудааст?**

***Сухандонию хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,***
***Биё, Ҳофиз, ки мо худро ба мулки дигар андозем.***

**A)** беқадрии аҳли сухан дар зодгоҳи шоир
**B)** сафар кардани шоир ба мулки дигар
**C)** маъқул набудани шеърҳои ӯ ба ҳамватанонаш
**D)** ба шеъру суруд таваҷҷуҳ надоштани ҳамзамонони шоир

**323** **Кадом сухан ба байт мувофиқ аст?**

***Ман агар некам, агар бад, ту бирав худро бош,***
***Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** Инсон ҳосили амалҳои некро дар зиндагиаш хоҳад дид.
**B)** Мо набояд ба киштукори дигарон кор дошта бошем.
**C)** Натиҷаи корҳои хуб ё нохуби худро ҳар кас худаш мебинад.
**D)** Муҳаббату некӣ кардан ба одамони бад кори дуруст нест.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**324** **Дар кадом байт Ҳофизи Шерозӣ аз инсони хуб буданаш ифтихор кардааст?**

**A)** Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам,
Ки аз болобаландон шармсорам.

**B)** Зи чашми ман бипурс авзои гардун,
Ки шаб то рӯз ахтар мешуморам.

**C)** Ту аз хокам нахоҳӣ баргирифтан,
Ба ҷои ашк агар гавҳар биборам.

**D)** Ман аз бозуи худ дорам басе шукр,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам.

**325** **Вобаста ба байти зерини Камоли Хуҷандӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Дасти султонон намебӯсад Камол,***
***Нест султонро ба дарвеш эҳтиёҷ.***

**A)** Ягон нодор ба подшоҳ эҳтиёҷ надорад.

**B)** Шоир ба ёрии ягон подшоҳ эҳтиёҷ надоштааст.

**C)** Шоир дар ситоиши ягон подшоҳ шеър нагуфтааст.

**D)** Шоир орзуи хидмат дар дарбори шоҳонро накардааст.

**326** **Кадом асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ нусхаи тозаэҷоди “Калила ва Димна”-и Абулмаолии Насруллоҳ аст?**

**A)** “Анвори Суҳайлӣ”

**B)** “Саргузашти Ҳотам”

**C)** “Футувватномаи Султонӣ”

**D)** “Ахлоқи Муҳсинӣ”

**327** **Дар байти зерин аз марсияи Мавлоно Комӣ дар вафоти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом хислатҳо ва ё мақоми ӯ ишорат шудааст?**

***Ҳаргиз озурда нашуд аз суханаш хотири кас,***
***Дар дил аз ӯй ба ҷуз ҳасрати дидор намонд.***

**A)** хоксорӣ, фурӯтанӣ ва камгапӣ

**B)** олими бузург, сарвари аҳли сухан

**C)** хирадмандӣ, зиркӣ ва суханшиносӣ

**D)** инсондӯстӣ, меҳрубонӣ ва хушсуханӣ

**328** **Алишери Навоӣ дар байти зерин ба кадом масъала ишорат намудааст?**

***Гӯиё дар ростбозори сухан бикшудаам***
***Як тараф дуккони қаннодию як сӯ заргарӣ.***

**A)** мавқеи асосӣ доштани ғазал дар девони ашъораш

**B)** тавоноияш дар эҷоди асарҳо ба забони форсии тоҷикӣ

**C)** бо ду забон – форсии тоҷикӣ ва туркӣ эҷод намудани асарҳояш

**D)** дар пайравӣ ба шоирони гузашта ва ҳамзамонаш гуфтани ғазал

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**329** **Кадом байти Камолиддини Биноӣ бо байти зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳаммаъност?**

***Сухан гарчи бошад чу оби зулол,***
***Зи такрор хезад ғубори малол.***

**A)** Эй писар, дар сухан тааммул кун,
Баду неки сухан тахайюл кун.

**B)** Ҳар кӣ гӯяд сухан зи ҳад берун,
Шак маёвар, ки ҳаст аҳли ҷунун.

**C)** Ҳарфи неку агарчи дур(р) гӯйӣ,
Некӣ аз вай равад, чу пур гӯйӣ.

**D)** Гар сухан лоиқ аст, дар вай печ,
В-ар на сад сол гуфтаӣ, ҳама ҳеч.

**330** **Кадом байти Камолиддини Биноӣ бо байти зерин ҳаммаъност?**

***Сухан бисёр дону андаке гӯй,***
***Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.***

**A)** Бо бузурге, ки илм ёр шавад,
Дар бузургӣ яке ҳазор шавад.

**B)** Мухтасар гӯ, каломи тӯл гузор,
Арз манзур кун, фузул гузор.

**C)** Эй писар, дар сухан тааммул кун,
Баду неки сухан тахайюл кун.

**D)** Ҳар кӣ гӯяд сухан зи ҳад берун,
Шак маёвар, ки ҳаст аҳли ҷунун.

РОИГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**331** **Кадом байти Камолиддини Биноӣ бо байти зерини Низомии Ганҷавӣ ҳаммаъност?**

***Об арчи ҳаме зулол хезад,***
***Аз хӯрдани пур малол хезад.***

**A)** Ҳарфи неку агарчи дур(р) гӯйӣ,
Некӣ аз вай равад, чу пур гӯйӣ.

**B)** Мухтасар гӯ, каломи тӯл гузор,
Арз манзур кун, фузул гузор.

**C)** Шаҳд агар нафъи бекарон дорад,
Чун аз он пур хӯрӣ, зиён дорад.

**D)** Ҳар кӣ гӯяд сухан зи ҳад берун,
Шак маёвар, ки ҳаст аҳли ҷунун.

**332** **Мавзуи ҳикояти “Писари пирамард” (аз достони “Беҳрӯзу Баҳром”-и Камолиддини Биноӣ) кадом аст?**

**A)** фоидаи хомӯшӣ ва одоби сухангӯӣ

**B)** фоидаи илм ва мақоми шахси донишманд

**C)** накукорӣ ва зарар нарасонидан ба дигарон

**D)** надонистани қадри вақт ва парҳез аз ҳамнишини бад

**333** **Бадриддини Ҳилолӣ дар як ғазалаш мегӯяд: *“Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас...”*. Кадом шарҳ ба ин сухани шоир мувофиқ аст?**

**A)** Шоир достоне дар ишқ гуфтааст, ки то ҳол касе нагуфтааст.

**B)** Шоир ғазале дар ишқ гуфтааст, “ки Хусрав офарин карду Низомӣ”.

**C)** Шоир ҳамеша аз ишқу муҳаббат сухан мегӯяд, мавзуи эҷодиёташ ишқ аст.

**D)** Кори ҳаррӯзаи шоир ситоиши майи ноб ва хушгузаронии умр аст.

**334** **Калимаи *маҳзун* дар ин байти Ҳилолӣ чӣ маъно дорад?**

***Дӯстон, имшаб давои ҷони маҳзунам кунед,***
***Бар сарам афсонае хонеду афсунам кунед.***

**A)** ширин

**B)** ғамгин

**C)** зебо

**D)** нозук

**335** **Бадриддини Ҳилолӣ дар кадом байт ба мавзуи асосии ғазалиёташ – муҳаббату садоқати инсонӣ ишорат намудааст?**

**A)** Накди ганҷинаи сухан ғазал аст,
Шукри Борӣ, ки назми ман ғазал аст.

**B)** Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.

**C)** Ҳилолӣ аз камоли шеър дорад мансаби шоҳӣ,
Ки сӯзи Хусрав асту нозукиҳои Ҳасан бо ӯ.

**D)** Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас,
Оламе дорам, ки дар олам надорад ҳеҷ кас.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**336** **Дар ҳикояти “Зиёрати Ҷомӣ” (аз “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ) бештар кадом сифатҳои Мавлоно Ҷомӣ инъикос ёфтаанд?**

**A)** бузургманишӣ, бовиҷдонӣ, худшиносӣ

**B)** кордонӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ

**C)** хоксорию фурӯтанӣ, шикебоӣ, меҳрубонӣ

**D)** ҳушёрию зиракӣ, донишмандӣ, ҳикматдӯстӣ

**337** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро аз ғазали Камоли Хуҷандӣ муайян кунед:**

***Навбаҳорон зи гулам бӯйи ту хуш меояд,***

**..................................................................**

**A)** Бандаро ҳалқаи гесӯйи ту хуш меояд.

**B)** Ҳамаро боғу маро рӯйи ту хуш меояд.

**C)** Ки маро қомати дилҷӯйи ту хуш меояд.

**D)** Пеши рӯйи ту хами мӯйи ту хуш меояд.

**338** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро аз ғазали Камоли Хуҷандӣ муайян кунед:**

***Гуфт: "Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,***

**..................................................................**

**A)** Ташнагонро муждае аз мо бибар!" Гуфтам: "Ба чашм".

**B)** Боз месозаш чу шамъ аз дида тар! Гуфтам: "Ба чашм".

**C)** Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар". Гуфтам: "Ба чашм".

**D)** Қаъри ин дарё бипаймо сарбасар". Гуфтам: "Ба чашм".

**339** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро аз ғазали Ҳофизи Шерозӣ муайян кунед:**

***Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис боз пурс:***

**.....................................................................................**

**A)** "Қудсиён гӯӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд."

**B)** Ҳар замон хармуҳраро бо дурр баробар мекунанд.

**C)** Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?

**D)** Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.

**340** **Идомаи мантиқии мисраи зерини Сайидои Насафиро аз "Баҳориёт"-и ӯ муайян кунед:**

***Дорам даруни хона зи анвои хӯрданӣ,***

**............................................................**

**A)** Имрӯз дар баробари ман кист дар ҷаҳон?!

**B)** Аз ҷони санг наъра барояд, ки ал-амон.

**C)** Аз арзану ҷуворию мошу биринҷу нон.

**D)** Гардад чу ман бахушу адофаҳму нуктадон.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**341** **Идомаи мантиқии мисраи зерини Бадриддини Ҳилолиро интихоб кунед:**

***Дар олами бевафо касе хуррам нест,***

**..................................................................................**

**A)** Ё одам нест, ё аз ин олам нест.

**B)** Шодию нишот дар банӣ одам нест.

**C)** Он кас, ки дар ин замона ӯро ғам нест.

**D)** Ҳар кас ба дили пур аз ғамам марҳам нест.

**342** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро аз ғазали Бадриддини Ҳилолӣ муайян кунед:**

***Бархез то ниҳем сари худ ба пои дӯст,***

**..................................................................................**

**A)** Яъне ба даст нест маро ҷуз дуои дӯст.

**B)** То ошнои ман набувад ошнои дӯст.

**C)** Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.

**D)** Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.

**343** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро аз ғазали Бадриддини Ҳилолӣ муайян кунед:**

***Баҳор мерасад, аммо баҳорро чӣ кунам?***

**..................................................................................**

**A)** Сиёҳрӯи шабҳои торро чӣ кунам?

**B)** Чу нест гулрухи ман, лолазорро чӣ кунам?

**C)** Фиғону нолаи беихтиёрро чӣ кунам?

**D)** Чу сабр нест, дили беқарорро чӣ кунам?

## АДАБИЁТИ МУОСИР

**344** **Кадом асарҳои Садриддин Айнӣ бевосита ба мавзуи мардонагӣ ва ҷоннисорӣ дар ҳимояи Ватан муносибати қавӣ доранд?**

**A)** “Таърихи инқилоби Бухоро”, “Таърихи амирони манғитияи Бухоро”

**B)** “Исёни Муқаннаъ”, “Қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмалик”

**C)** “Ба шарафи инқилоби Октябр”, “Ахгари инқилоб”

**D)** “Аҳмади девбанд”, “Марги судхӯр”

**345** ***“Вафоти падару модар дар вабои умумӣ”*** **фасле аз кадом асари устод Садриддин Айнист?**

**A)** “Ғуломон”

**B)** “Ёддоштҳо”

**C)** “Дохунда”

**D)** “Одина”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**346** ***“Қалъаи обӣ ва киштии сарпӯшида”, “Сафари обӣ, домбуррӣ”, “Иштиёқи ёру диёр, зиндагонии ҷазира”*** **бахшҳое аз кадом асари Садриддин Айнӣ аст?**

**A)** “Одина”

**B)** “Дохунда”

**C)** “Ҷаллодони Бухоро”

**D)** “Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик”

**347** **Кадом байти Бедил ба аҳволи оншабаи Садриддини наврас:** ***шунидани хабари вафоти модар, эҳсоси танҳоӣ ва ҷудоӣ аз падару модар,*** **ки устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо” тасвир кардааст, мувофиқ буд?**

**A)** Саҳар оина ҳампардози дил буд,
Сафое имтиёзи обу гил буд.

**B)** Зи баъди мо на ғазал, не қасида мемонад,
Зи хомаҳо ду-се ҳарфи чакида мемонад.

**C)** Эй фаромӯшӣ, куҷоӣ, то ба фарёдам расӣ,
Боз андуҳи дили ғампарварам омад ба ёд.

**D)** Рафиқи ваҳшати ман ғайри доғи дил намебошад,
Дар ин ғурбатсаро хуршеди танҳогардро монам.

**348** **Асари “Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик” ба кадом самти фаъолияти устод Айнӣ мансуб аст?**

**A)** нависандагӣ

**B)** адабиётшиносӣ

**C)** забоншиносӣ

**D)** фарҳангнигорӣ

**349** **Кадом байти овардаи Садриддин Айнӣ, ки ҷавоби ҷанговарони Темурмалик ба муроҷиати ӯст, маънои суханҳои зеринро дорад?**

***Дар ин ҷанг танҳо касе иштирок карда метавонад, ки ... хорӣ асириро ба худ ор дониста, ҷони худро ба кафи даст гирифта ва синаашро сипар карда, ба майдон даромада тавонад.***

**A)** Ба дунё намонда касе ҷовидон,
Наёбем мо ҳам зи мурдан амон.

**B)** Ба номи накӯ кушта гаштан ба ҷанг,
Беҳ аз зиндагонии боайбу нанг.

**C)** Бифармо, ки мо ҷонсупорӣ кунем,
Ба ҷанги Ватан бар ту ёрӣ кунем!

**D)** Бифармо, ки мо дар сафи корзор,
Барорем аз мағзи душман димор!

РОЙГОН! Ҷойгиршуда дар сомонаи www.ntc.tj

**350** **Дар бораи кадом адиб гуфтаанд, ки “*... на танҳо нависанда, балки забоншинос, фарҳангнигор, адабиётшиноси муммоз ҳастанд ва доир ба ин соҳаҳо асарҳои пурарзиш иншо кардаанд.*”?**

**A)** Ҷалол Икромӣ

**B)** Сотим Улуғзода

**C)** Садриддин Айнӣ

**D)** Фотеҳ Ниёзӣ

**351** **Дар ҷумлаи “*Дар ҳавлии Қориишкамба дар як шабонарӯз танҳо як дона гӯгирд истифода мешуд.*” кадом хислатҳои Қориишкамба нишон дода шудаанд?**

**A)** баднафсӣ, чашмгуруснагӣ

**B)** боэҳтиётӣ, сарфакорӣ

**C)** хасисӣ, мумсикӣ

**D)** судхӯрӣ, манфиатҷӯӣ

**352** **Киро “*Шоири инқилобии Шарқ*” номидаанд?**

**A)** Ҳабиб Юсуфӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Пайрав Сулаймонӣ

**D)** Абулқосим Лоҳутӣ

**353** **Байти зеринро кадоме аз шоирон гуфтааст:**

***Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,***
***К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ?***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирсаид Миршакар

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Садриддин Айнӣ

**354** **Аз рӯи мазмуни байт муаллифи онро муайян кунед:**

***Ватан вайрона аз ёр аст, ё ағёр, ё ҳар ду?***
***Мусибат аз мусалмонҳост, ё куффор, ё ҳар ду?***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Лоиқ Шералӣ

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**355** **Аз рӯи мазмуни байт муаллифи онро муайян кунед:**

***Ҳама доди ватанхоҳӣ зананд, аммо намедонам,***
***Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст, ё кирдор, ё ҳар ду?!***

**A)** Лоиқ Шералӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Пайрав Сулаймонӣ

**D)** Абулқосим Лоҳутӣ

**356** **Аз рӯи мазмуни байт муаллифи онро муайян кунед:**

***Ватанро фитнаи маснаднишинон дод бар душман,***
***Ва ё ин мардуми бедониши бозор, ё ҳар ду?***

**A)** Мирзо Турсунзода

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Лоиқ Шералӣ

**D)** Муъмин Қаноат

**357** **Абулқосим Лоҳутӣ дар байти зерин аз шеъри “Саломи халқи тоҷик ба халқи Эрон” ба кадом масъала ишора намудааст?**

***Мо бародарҳои тоҷики туем,***
***Роҳдуру рӯҳназдики туем...***

**A)** Зулми ҷаҳонгирон дар байни тоҷикону эрониён девор сохт ва онҳоро аз ҳам ҷудо намуд.

**B)** Тоҷикону эрониён солҳои зиёде ҷудо аз ҳам дар асирии бегонагон зиндагӣ кардаанд.

**C)** Тоҷикону эрониён, агарчи дар кишварҳои аз ҳам ҷудо зиндагӣ мекунанд, вале бародарони ҳамхунанд.

**D)** Ҳеҷ кас намедонист, ки тоҷикону эрониён кистанд ва худи онҳо низ ҳамдигарро намешинохтанд.

**358** **Чунин услуби баёни эҳсоси меҳанпарастӣ ба кадом шоир хос аст?**

***Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,***
***Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирсаид Миршакар

**C)** Ҳабиб Юсуфӣ

**D)** Муъмин Қаноат

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**359** **Аз рӯйи байтҳои зерин муайян намоед, ки он услуби баёни кадом шоир аст?**

***Ватан, чу нағмасарой аст дил зи ишқи ту,***
***Туро хазинаи илҳоми хештан гӯяд...***
***Дар оғӯши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,***
***Ба ҳар куҷо-т равам, дил диёри ман гӯяд.***

**A)** Муъмин Қаноат

**B)** Ҳабиб Юсуфӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Абулқосим Лоҳутӣ

**360** **Кадом шоир гуфтааст, ки:**

***Гар, Ватан, дилро ту мехоҳӣ, фидо созам ба ҷон,***
***Дил барои меҳри ту, эй меҳри ман, бошад макон.***?

**A)** Боқӣ Раҳимзода

**B)** Ҳабиб Юсуфӣ

**C)** Муҳиддин Аминзода

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**361** **Дар кадом байт Ҳабиб Юсуфӣ Меҳанро хазинаи илҳом ва мояи ифтихор донистааст?**

**A)** Ман аҷаб, бас аҷаб Ватан дорам,
Як сӯяш офтобу як сӯ барф.

**B)** Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама пештар Ватан гӯяд.

**C)** Чун Ватан мардона дар ҷанг омадаст, имрӯз ман
Ин Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар.

**D)** Ман на танҳо дил, тану ҷон ҳам фидоят мекунам,
То шавам чун қаҳрамонҳои ту ман ҳам қаҳрамон.

**362** **Чунин услуби баёни эҳсоси ватандӯстӣ хоси кадом шоир аст?**

***Чун ниҳодам пойи худро бар сари хоки Ватан,***
***Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Муъмин Қаноат

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Ҳабиб Юсуфӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**363** **Кадоме аз ин адибон беш аз ҳама дар бораи сулҳу дӯстӣ асар навиштааст?**

**A)** Садриддин Айнӣ

**B)** Сотим Улуғзода

**C)** Бозор Собир

**D)** Мирзо Турсунзода

**364** **Асарҳои Мирзо Турсунзодаро муайян кунед.**

**A)** “Панҷи ноором”, “Ишқи духтари кӯҳсор”, “Одамон аз Боми Ҷаҳон”

**B)** “Гаҳвораи Сино”, “Тоҷикистон-исми ман”, “Мавҷҳои Днепр”

**C)** “Чароғи абадӣ”, “Аз Ганг то Кремл”, “Садои Осиё”

**D)** “Тоҷу давлат”, “Асрор”, “Рӯи сурх”

**365** **Кадом асари Мирзо Турсунзода доир ба рӯзгори сангини бачаи афғонистонӣ нақл мекунад?**

**A)** “Роҳи нури Офтоб”

**B)** “Сайёҳи Ҳинд”

**C)** “Ҳасани аробакаш”

**D)** “Чароғи абадӣ”

**366** **Ба байти Мирзо Турсунзода кадом сухан муносиб аст?**

***Ба олам насл аз мо ёдгор аст,***
***Ба ӯ фардои инсон чашмдор аст.***

**A)** Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар.

**B)** Фарзанди хуб – боғи падар.

**C)** Фарзанд – беҳтарин неъмат.

**D)** Фарзанд – давоми умри инсон.

**367** **Аз рӯйи мазмуни байтҳо муайян кунед, ки онҳо аз кадом шеър гирифта шудаанд:**

***Қалби замин фишурда, мардона чок кардӣ,***
***Обу арақ зи рӯят сад бор пок кардӣ.***
***Шуд рӯзҳо, ки дидам тарки хурок кардӣ,***
***То пунбадонаеро берун зи хок кардӣ.***

**A)** “Баҳори нав”-и Муҳиддин Аминзода

**B)** “Корези Фирдавсӣ”-и Лоиқ Шералӣ

**C)** “Халқи бузургворам”-и Боқӣ Раҳимзода

**D)** “Мо толиби сулҳем”-и Аминҷон Шукӯҳӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**368** **Боқӣ Раҳимзода дар кадом шеъри худ заҳматкашии деҳқони кишварро васф карда, ҳар қатра арақи ӯро ба дурру гуҳар баробар медонад?**

**A)** “Муаллим”

**B)** “Чашмасор”

**C)** “Республикаи ман”

**D)** “Халқи бузургворам”

**369** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Мо мардуми ин кишвари дар авҷу барорем,***
***Як зарра ҳам аз душмани худ тарс надорем.***
***Лекин ҳама чун як дилу ҷон сулҳшиорем,***
***Мо зидди хазонему тарафдори баҳорем.***

**A)** Боқӣ Раҳимзода

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Аминҷон Шукӯҳӣ

**D)** Муъмин Қаноат

**370** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,***
***Наравад ишқи ту дур аз сари ман.***
***Ман зи айёми ҷавонӣ ба барат***
***Ёфтам нашъунамо чун писарат.***

**A)** Боқӣ Раҳимзода

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Аминҷон Шукӯҳӣ

**D)** Муъмин Қаноат

**371** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Ба нураш гарчи ин хуршеди Ховар***
***Фаро гирад ҷаҳонеро саросар,***
***Намегардад валекин он баробар***
***Ба ин пурқувватӣ бо меҳри модар!***

**A)** Боқӣ Раҳимзода

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Аминҷон Шукӯҳӣ

**D)** Муъмин Қаноат

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**372** **Ҳодисаю воқеаҳои тасвиршудаи кадоме аз ин асарҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) мегузарад?**

**A)** “Вафо”-и Фотеҳ Ниёзӣ

**B)** “Ду моҳи пурмағал”-и Абдумалик Баҳорӣ

**C)** “Ҷони ширин”-и Мирзо Турсунзода

**D)** “Панҷи ноором”-и Мирсаид Миршакар

**373** **Асарҳои Мирсаид Миршакарро муайян кунед.**

**A)** “Панҷи ноором”, “Ишқи духтари кӯҳсор”, “Одамон аз Боми Ҷаҳон”

**B)** “Гаҳвораи Сино”, “Тоҷикистон-исми ман”, “Мавҷҳои Днепр”

**C)** “Чароғи абадӣ”, “Аз Ганг то Кремл”, “Садои Осиё”

**D)** “Тоҷу давлат”, “Асрор”, “Рӯйи сурх”

**374** **Кадом шарҳ ба байти Мирсаид Миршакар (аз достони “Панҷи ноором”) мувофиқ аст?**

***Кӯҳи хоро, нигар, ки уштурвор***
***Бар сари ганҷҳо намуда хоб.***

**A)** Ба гуфтаи шоир, барои ниҳон кардани ганҷҳо шутур болои он хобидааст.

**B)** Аз вазнинии бори худ дар болои кӯҳ нишастани шутур таъкид шудааст.

**C)** Аз корвон ақиб монда, дар роҳ хобидани шутур тасвир шудааст.

**D)** Бо тасвири шоирона пур аз лаълу ёқут будани кӯҳҳо зикр шудааст.

**375** **Мамараҷаб, симои романи “Вафо”-и Фотеҳ Ниёзӣ, дар яке аз муҳорибаҳо чӣ корнамоӣ нишон дод?**

**A)** Ӯ худашро ба пеши танки душман партофта, ватанашро ҳимоят намуд.

**B)** То омадани гурӯҳ ба танҳоӣ бо душманон мубориза беамон бурд.

**C)** Чанд нафар ҳамразмонашро, ки асир афтода буданд, озод намуд.

**D)** Ба аскароне, ки як моҳ беобу беғизо монда буданд, обу озуқа расонд.

**376** ***“Мурод ва номуродӣ”, “Молик-ибн-ур-Райб”, “Хоҷа ва ғулом”*** **бахшҳое аз кадом асари Сотим Улуғзода аст?**

**A)** “Восеъ”

**B)** “Фирдавсӣ”

**C)** “Субҳи ҷавонии мо”

**D)** “Ривояти суғдӣ”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**377** **Қаҳрамони марказии повести “Ривояти суғдӣ” кист?**

**A)** Нуфарн
**B)** Виркан
**C)** Ёдхишетак
**D)** Ревахшиён

**378** **Аз рӯйи матни зерин муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом симои асари “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода меравад:**

***“Падараш дар пирсолагӣ ба Самарқанд баргашт, дар деҳаи Ревдод, ки зодгоҳаш буд, сукунат ихтиёр кард.***

***Фарзанди даштҳои беканор ва кӯҳҳои баланд – ... ба деҳқонию боғдорӣ одат накард, ҳавасаш ба асп ва камон буду бас.”***

**A)** Виркан
**B)** Ревахшиён
**C)** Нуфарн
**D)** Ёдхишетак

**379** **Паҳлавони Суғд (аз “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода), ки дар гӯштӣ бар Виркан пирӯз мешавад ва ӯро ба тоҷире ба ивази чаҳорсад дирам мефурӯшад:**

**A)** Нуфарн
**B)** Ёдхишетак
**C)** Ревахшиён
**D)** Молик ибни Райб

**380** **Кадом асари Сотим Улуғзода ёддоштӣ аст?**

**A)** “Ривояти суғдӣ”
**B)** “Восеъ”
**C)** “Субҳи ҷавонии мо”
**D)** “Ёрони боҳиммат”

**381** **Симоҳои Зиёбобо, Ойшахон, Аҳрорамак ва Иқболхола дар кадом асари Фазлиддин Муҳаммадиев тасвир шудаанд?**

**A)** “Одамони куҳна”
**B)** “Раиси нав”
**C)** “Муҳоҷирон”
**D)** “Палатаи кунҷакӣ”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**382** **Кадоме аз ин нависандагон беш аз ҳама дар бораи қаҳрамонию ҷоннисории сарбозони Ватан асарҳо навиштааст?**

**A)** Ҷумъа Одина

**B)** Фотеҳ Ниёзӣ

**C)** Фазлиддин Муҳаммадиев

**D)** Сотим Улуғзода

**383** **Аз рӯйи байтҳои зерин муайян намоед, ки он услуби баёни кадом шоир аст?**

***... Днепр!***
***Ҳаст дар ёдат магар он соли сели оташин,***
***Мавҷҳои одамин монанди сели оҳанин***
***Омаду дар мавҷҳоят банд шуд?!...***

**A)** Ҳабиб Юсуфӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Муъмин Қаноат

**D)** Абулқосим Лоҳутӣ

**384** **Замини Украинаро зи сару бар қадам задан ва дар он ҷо дӯстони ба ҷон баробар пайдо кардани қаҳрамони лирикӣ дар кадом фасли “Мавҷҳои Днепр”-и Муъмин Қаноат тасвир шудааст?**

**A)** “Мавҷи одам”

**B)** “Мавҷ дар саҳро”

**C)** “Мавҷи суруд”

**D)** “Мавҷи бародарӣ”

**385** **Дар кадом достони Муъмин Қаноат мавзуи ватандӯстӣ ва *“бародарии ҷовидон”* бо халқҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ бо эҳсоси баланд баррасӣ шудааст?**

**A)** “Ҳамосаи дод”

**B)** “Гаҳвораи Сино”

**C)** “Мавҷҳои Днепр”

**D)** “Тоҷикистон – исми ман”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**386** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муайян кунед, ки онҳо аз кадом шеър гирифта шудаанд:**

***Мо мардуми ин кишвари дар авҷу барорем,***
***Як зарра ҳам аз душмани худ тарс надорем.***
***Лекин ҳама чун як дилу ҷон сулҳшиорем.***
***Мо зидди хазонему тарафдори баҳорем.***

**A)** “Баҳори нав”-и Муҳиддин Аминзода

**B)** “Корези Фирдавсӣ”-и Лоиқ Шералӣ

**C)** “Халқи бузургворам”-и Боқӣ Раҳимзода

**D)** “Мо толиби сулҳем”-и Аминҷон Шукӯҳӣ

**387** **Асарҳои Ғаффор Мирзоро муайян кунед.**

**A)** “Панҷи нооромˮ, “Ишқи духтари кӯҳсорˮ, “Одамон аз Боми Ҷаҳонˮ

**B)** “Гаҳвораи Синоˮ, “Тоҷикистон-исми манˮ, “Мавҷҳои Днепрˮ

**C)** “Чароғи абадӣˮ, “Аз Ганг то Кремлˮ, “Садои Осиёˮ

**D)** “Тоҷу давлатˮ, “Асрорˮ, “Рӯи сурхˮ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**388** **Лоиқ Шералӣ байтҳои зеринро дар васфи кадом адиб гуфтааст?**

***Бас аз хокистари хомӯш оташҳо фурӯзондӣ,***
***Шарарҳое басо аз сангҳои сард рӯёндӣ,***
***Сари гӯри ниёгон машъала афрӯхтӣ аз меҳр,***
***Аз ин рӯ ҳамчу машъал дар сари дасти замон мондӣ.***

**A)** Садриддин Айнӣ

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Сотим Улуғзода

**389** **Дар кадом шеъри Лоиқ Шералӣ дар кунҷи сандалӣ нишаста, бо дастони ларзон ҷомаи домодӣ дӯхтани модар, аз деҳа берун нарафтану зикри Худо кардани ӯ ва ба роҳҳои дур гусел кардани фарзандон тасвир ёфтааст?**

**A)** “Қасидаи модарˮ

**B)** “Суруди модарˮ

**C)** “Ба модарамˮ

**D)** “Муноҷот ба модарˮ

**390** **Лоиқ Шералӣ дар шеъри “Корези Фирдавсӣ” кадом маъниро таъкид кардааст?**

**A)** Заҳматҳои Фирдавсӣ аз ҷониби Султон Маҳмуд қадр нашуд ва орзуҳояш амалӣ нагардиданд, аммо номи шоир ҷовидон зинда монд.

**B)** Дар ивази “Шоҳнома” Султон Маҳмуд подоши хуб дод, ки бо он дар Тӯс корвонсарои боҳашамате сохтанд.

**C)** Фирдавсӣ мехост дар ивази “Шоҳнома” аз Султон Маҳмуд подош гирад ва зиндагиашро беҳтар намояд, аммо орзуяш амалӣ нагардид.

**D)** Фирдавсӣ дар ивази “Шоҳнома” аз Султон Маҳмуд подоши хуб гирифт ва бо он ҷӯе канда, заминҳои ташналаби деҳи Божро сероб кард.

**391** **Кадоме аз ин шоирон гуфтааст, ки шоири ҳақиқӣ бояд “*фарзанди айём*”, “*минбари виҷдон*”, “*сарбози миллат*” ва “*ровии армони халқ*” бошад?**

**A)** Бозор Собир

**B)** Лоиқ Шералӣ

**C)** Ғаффор Мирзо

**D)** Гулназар Келдӣ

**392** **Шеъри “Забонгумкарда”-и Лоиқ Шералӣ дар накӯҳиши киҳо гуфта шудааст?**

**A)** касоне, ки бо чандин забон гап мезананд

**B)** касоне, ки забони модарии худро фаромӯш кардаанд

**C)** хориҷиҳое, ки ба забони мо бо душворӣ сухан мегӯянд

**D)** онҳое, ки дар гуфтор калимаҳои лаҳҷавиро ба кор мебаранд

**393** **Гулназар Келдӣ ин мисраъҳоро дар ёди кӣ гуфтааст?**

***Дар сари қабри ту гиряд аз ҷудоиҳо баҳор,***
***Нола хезад аз дили ҳар санги хомӯши Ҳисор.***
***Ман чӣ гӯям, ки ту худ боре ба ҳасрат гуфтаӣ:***
***“Чашми ман хоҳад, ки бинад навбаҳори бешумор”.***

**A)** Бозор Собир

**B)** Лоиқ Шералӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Сафармуҳаммад Айюбӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**394** **Кадом адиб ин рубоиро ба шоири машҳури тоҷик Лоиқ Шералӣ бахшидааст?**

***Лоиқ, Лоиқ, нумуи миллат боқист!***
***Мастии ту дар сабӯи миллат боқист.***
***Аз гӯши гарони нокасон боке нест,***
***Фарёди ту дар гулӯи миллат боқист.***

**A)** Ғаффор Мирзо

**B)** Гулназар Келдӣ

**C)** Муъмин Қаноат

**D)** Сафармуҳаммад Айюбӣ

**395** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Ин нишон гумкардаеву дигаре***
***Хештанро бенишон гумкардае...***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Лоиқ Шералӣ

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**396** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Ин яке гар ними нон гум кардааст,***
***Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст...***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Мирзо Турсунзода

**C)** Пайрав Сулаймонӣ

**D)** Лоиқ Шералӣ

**397** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Аз забони модарӣ гумкарда лек***
***Мерасад рӯзе ватангумкардае...***

**A)** Мирзо Турсунзода

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Лоиқ Шералӣ

**D)** Муъмин Қаноат

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**398 Кадом шоир бо ин байтҳо моро ба эҳтироми модар даъват кардааст?**

***Писар, рав қадри модар дон, ки доим***
***Кашад ранҷи писар, бечора модар.***
***Бирав, беш аз падар, хоҳаш, ки хоҳад***
***Туро беш аз падар, бечора модар...***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Эраҷ Мирзо
**D)** Халилуллоҳ Халилӣ

**ЛУҒАТ**

**399 Дар байт калимаи *“бум”* чӣ маънӣ дорад?**

***Гармсерию хушксории бум,***
***Карда боди шимолро чу самум.*** Низомии Ганҷавӣ

**A)** зиндагӣ
**B)** дарозӣ
**C)** сарзамин
**D)** зимистон

**400 Дар байт калимаи *“меҳтарӣ”* чӣ маънӣ дорад?**

***Набувад меҳтарӣ ба рӯзу ба шаб***
***Бодаи хушгувор нӯшидан.*** Ибни Ямин

**A)** бузургӣ
**B)** покизагӣ
**C)** шукргузорӣ
**D)** ҷавонмардӣ

**401 Дар байт калимаи *“нияюшидан”* чӣ маънӣ дорад?**

***Ман бигӯям, ки меҳтарӣ чӣ бувад,***
***Гар бихоҳӣ зи ман нияюшидан.*** Ибни Ямин

**A)** кӯшидан
**B)** пурсидан
**C)** шунидан
**D)** пӯшидан

**402 Дар байт калимаи *“газоф”* чӣ маънӣ дорад?**

***Ба газофе, ки дар забон ду-се бор***
***Рондам аз баҳри гармии бозор.*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** дурӯғ, ҳазён
**B)** хато, иштибоҳ
**C)** зарар, зиён
**D)** рост, дуруст

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**403** **Дар байт калимаи *“зол”* чӣ маънӣ дорад?**

***Гуфт: - Ман ранҷкаш яке золам.***
***Камтар аз сад ба андаке солам.*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** пир
**B)** золим
**C)** деҳқон
**D)** фақир

**404** **Дар байт калимаи *“изн”* чӣ маънӣ дорад?**

***Сохт з-он банди сахт озодаш,***
***Изни рафтан ба ҷойи худ додаш.*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** рухсат, иҷозат
**B)** фармон, дастур
**C)** тухфа, инъом
**D)** санҷиш, имтиҳон

**405** **Дар байт калимаи *“эҳзон”* чӣ маънӣ дорад?**

***Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,***
***Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр!*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** ғам, андӯҳ
**B)** шодӣ, нишот,
**C)** кам, андак
**D)** бисёр, зиёд

**406** **Дар байт калимаи *“сомон”* чӣ маънӣ дорад?**

***Эй дили ғамдида, ҳолат беҳ шавад, дил бад макун,***
***В-ин сари шӯрида боз ояд ба сомон, ғам махӯр.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** сукут, хомӯшӣ
**B)** дараҷа, мартаба
**C)** тартиб, саранҷом
**D)** таҳаммул, сабр

**407** **Дар байт калимаи *“баид”* чӣ маънӣ дорад?**

***Гарчи манзил бас хатарнок асту манзил бас баид,***
***Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён, ғам махӯр!*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** хароб, вайрона
**B)** дур, нопадид
**C)** обод, солим
**D)** наздик, қариб

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**408** **Дар байт калимаи *“аҳбоб”* чӣ маънӣ дорад?**

***Паҳнои гулистонро гулгун бигирифт,***
***Бо боди сабо гӯянд аҳбоб дуруд.***

**A)** булбулон
**B)** модарон
**C)** дӯстон
**D)** парандагон

**409** **Дар байт калимаи *“ахтар”* чӣ маънӣ дорад?**

***Зи чашми ман бипурс авзои гардун,***
***Ки шаб то рӯз ахтар мешуморам.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** гавҳар
**B)** сарват
**C)** сайёра
**D)** ситора

**410** **Дар байт калимаи *“озарм”* чӣ маънӣ дорад?**

***К-эй малик, озарми ту кам дидаам,***
***В-аз ту ҳамасола ситам дидаам.*** Низомии Ганҷавӣ

**A)** ранҷу озор
**B)** меҳрубонӣ
**C)** некномӣ
**D)** гуфтугӯ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲО БАРОИ МУАЙЯН КАРДАНИ МУВОФИҚАТ

**1** **Жанри асарҳои халқиро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Эраҷи тилисмшикан” | **1)** ривоят |
| **B)** “Луқмони Ҳаким” | **2)** латифа |
| **C)** “Абдуллохон чӣ мегирад?” | **3)** афсона |
| **D)** “Шӯриши Восеъ” | **4)** суруд |
| | **5)** дубайтӣ |

**2** **Жанри асарҳои халқиро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Синдбоднома” | **1)** латифа |
| **B)** “Деҳқон ва кӯзаи зар” | **2)** суруд |
| **C)** “Ғарибнома” | **3)** афсона |
| **D)** “Хоҷа Ҳофиз ва хиштрез” | **4)** насри ривоятӣ |
| | **5)** рубоӣ |

**3** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Разми Исфандиёр бо Рустам”-и Абулқосими Фирдавсӣ | **1)** достони паҳлавонӣ |
| **B)** “Модари май”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | **2)** қасидаи мунозира |
| **C)** “Арабу Аҷам”-и Асадии Тӯсӣ | **3)** достони таърихӣ |
| **D)** “Шикоят аз пирӣ”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | **4)** қасидаи ҳолия |
| | **5)** қасидаи мадҳия |

**4** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Гуштоспнома”-и Абумансури Дақиқӣ | **1)** ғазал |
| **B)** “Хиради Нӯшервони одил” аз “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ | **2)** қасида |
| **C)** “Габру мусалмон”-и Асадии Тӯсӣ | **3)** ёддошт |
| **D)** “Эй қавми ба ҳаҷрафта, куҷоед, куҷоед...”-и Ҷалолиддини Балхӣ | **4)** достон |
| | **5)** ҳикоят |

**5** **Жанри асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ | **1)** достон |
| **B)** “Луҷҷат-ул-асрор”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ | **2)** ҳикоя |
| **C)** “Дувалронӣ ва Хизрхон”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ | **3)** тазкира |
| **D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **4)** қасида |
| | **5)** ёддошт |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**6** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Беҳрӯзу Баҳром”-и Камолиддини Биноӣ | **1)** қасида |
| **B)** “Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | **2)** достон |
| **C)** “Пиразани мазлум ва Нӯшервони одил” аз “Сиёсатнома”-и Низомулмулки Тӯсӣ | **3)** ҳикоят |
| **D)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав | **4)** ғазал |
| | **5)** ёддошт |

**7** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ | **1)** қасида |
| **B)** “Писари пирамард” аз “Беҳрӯзу Баҳром”-и Камолиддини Биноӣ | **2)** ғазал |
| **C)** “Харобаҳои Мадоин”-и Хоқонии Шервонӣ | **3)** ёддошт |
| **D)** “Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод...”-и Ҳофизи Шерозӣ | **4)** достон |
| | **5)** ҳикоят |

**8** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Моҳигир ва ҷавони ситамкор” аз “Насиҳат-ул-мулук”-и Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ | **1)** қасида |
| **B)** “Хайр ва Шар”-и Низомии Ганҷавӣ | **2)** қитъа |
| **C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **3)** ҳикоят |
| **D)** “Баҳория”-и Фаррухии Систонӣ | **4)** ёддошт |
| | **5)** достон |

**9** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Шикоят аз сиояти Абулфараҷ”-и Масъуди Саъди Салмон | **1)** ёддошт |
| **B)** “Хираднномаи искандарӣ”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ | **2)** қасида |
| **C)** “Зиёрати Ҷомӣ” аз “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **3)** қитъа |
| **D)** “Шабе дар Петербург” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш | **4)** ҳикоят |
| | **5)** достон |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**10** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Муш ва гурба”-и Убайди Зоконӣ
**B)** “Шукурбек” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
**C)** “Мунозира бо Худо”-и Носири Хусрав
**D)** “Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед...”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**1)** қасида
**2)** ғазал
**3)** қисса
**4)** ҳикоят
**5)** ёддошт

**11** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Восеъ”-и Сотим Улуғзода
**B)** “Одамони куҳна”-и Фазлиддин Муҳаммадиев
**C)** “Дақиқӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ
**D)** “Гар, Ватан, дилро ту мехоҳӣ, фидо созам ба ҷон...”-и Ҳабиб Юсуфӣ

**1)** повест (қисса)
**2)** ғазал
**3)** роман
**4)** драма
**5)** ҳикоя

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**12** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Модари май”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**B)** “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ
**C)** “Дил меравад зи дастам...”-и Ҳофизи Шерозӣ
**D)** “Шукурбек ” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш

**1)** ғазал
**2)** қасида
**3)** қитъа
**4)** ҳикоят
**5)** достон

**13** **Жанри асарҳои халқиро муайян намоед:**

**A)** “Доробнома”
**B)** “Савоби нимта нон”
**C)** “Кини Сиёвуш”
**D)** “Мушфиқӣ ва қозикалон”

**1)** латифа
**2)** суруд
**3)** афсона
**4)** насри ривоятӣ
**5)** рубоӣ

**14** **Жанри асарҳои халқиро муайян намоед:**

**A)** “Деҳқон ва кӯзаи зар”
**B)** “Ғарибнома”
**C)** “Хоҷа Ҳофиз ва хиштрез”
**D)** “Шӯриши Қаландаршоҳ”

**1)** тарона
**2)** латифа
**3)** афсона
**4)** суруд
**5)** дубайтӣ

**15** **Дар кадом жанр навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Гаршоспнома”-и Асадии Тӯсӣ — **1)** ғазал

**B)** “Подшоҳ ва ғуломи аҷамӣ” аз “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ — **2)** маснавӣ

**C)** “Саодатнома”-и Носири Хусрав — **3)** ёддошт

**D)** “Гул бе рухи ёр хуш набошад”-и Ҳофизи Шерозӣ — **4)** достон

**5)** ҳикоят

**16** **Жанри асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Бадриддин Ҳилолӣ — **1)** қасида

**B)** “Шукурбек” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш — **2)** ғазал

**C)** “Харобаҳои Мадоин”-и Хоқонии Шервонӣ — **3)** достон

**D)** “Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб”-и Камоли Хуҷандӣ — **4)** ҳикоят

**5)** ёддошт

**17** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Ёрони боҳиммат”-и Сотим Улуғзода — **1)** повест (қисса)

**B)** “Палатаи кунҷакӣ”-и Фазлиддин Муҳаммадиев — **2)** ғазал

**C)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ — **3)** роман

**D)** “Ватан вайрона аз ёр аст, ё ағёр, ё ҳар ду...”-и Абулқосим Лоҳутӣ — **4)** драма

**5)** ҳикоя

**18** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Шикоят аз пирӣ”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — **1)** ғазал

**B)** “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Низомии Ганҷавӣ — **2)** қасида

**C)** “Донӣ, ки чист давлат?...”-и Ҳофизи Шерозӣ — **3)** қитъа

**D)** “Ҷанги танбатан” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш — **4)** ҳикоят

**5)** достон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**19** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | “Омад баҳори хуррам...”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | **1)** | ғазал |
| **B)** | “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ | **2)** | қасида |
| **C)** | “Марҳабо, эй пайки муштоқон...”-и Ҳофизи Шерозӣ | **3)** | қитъа |
| **D)** | “Зиёрати Ҷомӣ” аз “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **4)** | ҳикоят |
| | | **5)** | достон |

**20** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | “Ду моҳи пурмағал”-и Абдумалик Баҳорӣ | **1)** | роман |
| **B)** | “Вафо”-и Фотеҳ Ниёзӣ | **2)** | ғазал |
| **C)** | “Чароғи адабӣ”-и Мирзо Турсунзода | **3)** | қисса |
| **D)** | “Қадри устод”-и Эраҷ Мирзо | **4)** | қитъа |
| | | **5)** | достон |

**21** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | “Мавҷҳои Днепр”-и Муъмин Қаноат | **1)** | драма |
| **B)** | “Гузашти айём”-и Ҷумъа Одина | **2)** | қисса |
| **C)** | “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ | **3)** | ғазал |
| **D)** | “Қадри модар”-и Эраҷ Мирзо | **4)** | достон |
| | | **5)** | роман |

**22** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | “Сурӯши Сталинград”-и Муъмин Қаноат | **1)** | ғазал |
| **B)** | “Иншо дар мавзуи озод”-и Ҷумъа Одина | **2)** | драма |
| **C)** | “Дақиқӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ | **3)** | қисса |
| **D)** | “Ватан”-и Абулқосим Лоҳутӣ | **4)** | достон |
| | | **5)** | роман |

**23** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | “Ғанимат аст”-и Саййидои Насафӣ | **1)** | драма |
| **B)** | “Модархонд”-и Абдумалик Баҳорӣ | **2)** | ғазал |
| **C)** | “Фишор”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ | **3)** | достон |
| **D)** | “Қишлоқи тиллоӣ”-и Мирсаид Миршакар | **4)** | роман |
| | | **5)** | қисса |

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**24** **Мувофиқатро муайян кунед:**

A) “Ғарибӣ”-и Камоли Хуҷандӣ
B) “Қаймоқи гирди коса”-и Абдумалик Баҳорӣ
C) “Одамон аз Боми Ҷаҳон”-и Мирсаид Миршакар
D) “Фишор”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

1) қисса
2) роман
3) достон
4) ғазал
5) драма

**25** **Мувофиқатро муайян кунед:**

A) “Гуфтам ба чашм”-и Камоли Хуҷандӣ
B) “Ҷабрдида”-и Абдумалик Баҳорӣ
C) “Ишқи духтари кӯҳсор”-и Мирсаид Миршакар
D) “Палатаи кунҷакӣ”-и Фазлиддин Муҳаммадиев

1) қисса
2) роман
3) достон
4) ғазал
5) драма

**26** **Мувофиқатро муайян кунед:**

A) “Тоҷикистон – исми ман”-и Муъмин Қаноат
B) “Димаи диловар”-и Фотеҳ Ниёзӣ
C) “Спитамен”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ
D) “Бандагӣ даркор нест”-и Абулқосим Лоҳутӣ

1) ғазал
2) драма
3) қисса
4) достон
5) роман

**27** **Мувофиқатро муайян кунед:**

A) “Гаҳвораи Сино”-и Муъмин Қаноат
B) “Ҳар беша гумон мабар, ки холист”-и Фотеҳ Ниёзӣ
C) “Заволи Ҷамбули Мастон”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ
D) “Ё ҳар ду”-и Абулқосим Лоҳутӣ

1) ғазал
2) драма
3) қисса
4) достон
5) роман

**28** **Мувофиқатро муайян кунед:**

A) “Панҷи нооором”-и Мирсаид Миршакар
B) “Гирдоб”-и Абдумалик Баҳорӣ
C) “Алии Сонӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ
D) “Омад ба ёд”-и Саййидои Насафӣ

1) ғазал
2) драма
3) қисса
4) достон
5) роман

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**29** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Ғуломон”-и Садриддин Айнӣ
**B)** “Димаи диловар”-и Фотеҳ Ниёзӣ
**C)** “Меҳмони мағрибӣ”-и Мирзо Турсунзода
**D)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**1)** драма
**2)** роман
**3)** қисса
**4)** қитъа
**5)** достон

**30** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Панҷи нооромˮ-и Мирсаид Миршакар
**B)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**C)** “Гузашти айём”-и Ҷумъа Одина
**D)** “Дақиқӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**1)** драма
**2)** қисса
**3)** ёддошт
**4)** достон
**5)** роман

**31** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Сурӯши Сталинград”-и Муъмин Қаноат
**B)** “Иншо дар мавзуи озод”-и Ҷумъа Одина
**C)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
**D)** “Спитамен”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**1)** ёддошт
**2)** драма
**3)** қисса
**4)** достон
**5)** роман

**32** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Синбоднома”
**B)** “Деҳқон ва кӯзаи зар”
**C)** “Луқмони ҳаким”
**D)** “Раис ва Мушфиқӣ”

**1)** латифа
**2)** нақлу ривоятҳо
**3)** афсона
**4)** насри ривоятӣ
**5)** зарбулмасал

**33** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода
**B)** “Гузашти айём”-и Ҷумъа Одина
**C)** “Спитамен”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ
**D)** “Ватан вайрона аз ёр аст, ё ағёр, ё ҳар ду?...”-и Абулқосим Лоҳутӣ

**1)** ҳикоя
**2)** ғазал
**3)** роман
**4)** драма
**5)** повест (қисса)

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**34** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** “Шикоят аз пирӣ”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**B)** “Хираднномаи Искандарӣ”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ
**C)** “Марҳабо, эй пайки муштоқон,...”-и Ҳофизи Шерозӣ
**D)** “Шукурбек ” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш

**1)** ғазал
**2)** қасида
**3)** қитъа
**4)** ҳикоят
**5)** достон

**35** **Муайян кунед, ки ин таъкидҳо ва тасвирҳо дар кадом бахши эҷодиёти устод Рӯдакӣ омадаанд:**

**A)** Шод зӣ бо сиёҳчашмон, шод...
**B)** Коҳ набуд ӯ, ки ба боде парид...
**C)** Меҳи озодагону мафхари Эрон...
**D)** Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд...

**1)** дар ғазалҳои содаву равон
**2)** дар қасидаи “Шикоят аз пирӣ”
**3)** дар қасидаи “Модари май”
**4)** дар маснавии “Даврони офтоб”
**5)** дар марсия ба марги Муродӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**36** **Муайян кунед, ки дар байтҳои зерини Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба кадом масъалаҳо ишора шудаанд?**

**A)** Шод зӣ бо сиёҳчашмон, шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.

**B)** Бирав зи таҷрибаи рӯзгор
бахра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводиси
туро ба кор ояд.

**C)** Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

**D)** То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

**1)** Дар ҳар даврy замон аз илму дониш бениёз набудани одамон.
**2)** Дӯст доштани сарзамин ва хизмат кардан ба мардуми он.
**3)** Гузарон будани дунё ва ғам нахӯрдану хуш гузаронидани зиндагӣ.
**4)** Ибрат гирифтан аз гузашти замон барои ҳал кардани мушкилиҳо дар зиндагӣ.
**5)** Меҳрубон будан бо бечорагону дармондагон ва ёрӣ додан ба онҳо.

**37** **Муайян кунед, ки Абдуллоҳи Ансорӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Бо мардуми ноаҳл мабодо суҳбат,
Аз марг батар суҳбати ноаҳл бувад.

**B)** Макун, ки оҳи фақире шабе бурун ояд,
Ҳазор ҳамчу ту аз хонумон барандозад.

**C)** Матоз бар сари мазлуми сокин, эй золим,
Ки дасти фитнаи айём бар сарат тозад.

**D)** Гар ҳамедонӣ чӣ гуфтам, ҷаҳд кун, дар илм кӯш,
Кинаро аз дил бадар кун, бас кун ин озорро.

**1)** Боиси озори инсони нодоре нашав, зеро оқибати нохуб дорад.

**2)** Дилатро аз бадӣ пок кун ва барои омӯхтани дониш талош кун.

**3)** Ҳамдамӣ бо одами нодон аз мурдан ҳам сахттар аст.

**4)** Дӯстӣ бо одамони донотар аз худ боиси сарафрозист.

**5)** Ба бечорагон ситам накун, ки замона ҷазоятро хоҳад дод.

РОЙГОН! Дарсномаи www.ntc.tj

**38** **Муайян кунед, ки Аттори Нишопурӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Ҳар ки аз душман набошад барҳазар,
Оқибат бинад аз ӯ ранҷу зарар.

**B)** Ҳар ки пой аз ҳадди худ бартар ниҳад,
Сар диҳад бар боду тан бар сар ниҳад.

**C)** Ҳеч касро дар ҷаҳони баҳру бар
Аз қаноат нест мулке бештар.

**D)** Ҷумла торикист ин меҳмонсарой,
Илм дар вай чун чароғи раҳнамой.

**1)** Дониши воқеӣ боиси равшании тирагиҳои олам мегардад.

**2)** Дар олам беҳтар аз шикастанафсӣ ва ризомандӣ сарвате нест.

**3)** Дониш сабаби бузургӣ ва беҳрӯзии мо дар зиндагӣ мегардад.

**4)** Ба андозаи донишу фаҳмиши худ бояд кор кард, то хатаре ба мо нарасад.

**5)** Аз бадхоҳи худ бояд дурӣ кард, вагарна зиён хоҳем дид.

**39** **Муайян кунед, ки Аттори Нишопурӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,
Нарму ширин гӯй бо мардум калом.

**B)** Ҳар ки ӯро маърифат ҳосил нашуд,
Ҳеч бар мақсуди худ восил нашуд.

**C)** Ҳар ки дорад донишу ақлу тамиз,
Аҳли ақлу илмро дорад азиз.

**D)** Ҳар ҷо ки офтоб рахшон гардад,
Пайдо бошад, ки соя пинҳон гардад.

**1)** Одамҳои бесаводу бофаҳм олимону оқилонро эҳтиром мекунанд.

**2)** Дар ҷое, ки хубию меҳрубонӣ бошад, бадию зулмат нопадид мешавад.

**3)** Инсон бояд дар ҷустуҷӯи илму дониш ҳамаи ранҷу машаққатҳоро таҳаммул кунад.

**4)** Одамҳои оқил бо дигарон оҳиставу мулоим суҳбат мекунанд.

**5)** Касе, ки илму фаҳмиши баланд ба даст намеорад, ба орзуҳои дилаш нахоҳад расид.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**40** **Муайян кунед, ки Аттори Нишопурӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Аз такаллуф дур бош, эй мизбон,
То гаронӣ набвадат аз меҳмон.

**B)** Маърифат дорӣ, гиреҳ бар зар мабанд,
Чун расад меҳмон ба рӯяш дар мабанд.

**C)** Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ мекунад,
Кӯшише дар некномӣ мекунад.

**D)** Дӯсти бад бошад зиёнкор, эй писар!
Ту тамаъ з-он дӯст бардор, эй писар!

**1)** Азиз доштани меҳмон боиси пайдо кардани обрую эътибор аст.

**2)** Аз ҳамнишини нохуб дар канор бош, чунки аз ӯ ҷуз зарар чизе намебинӣ.

**3)** Ҳамеша бо инсонҳои донотар ва калонсолтар аз худат дӯстию ҳамнишинӣ кун.

**4)** Аз зиёдаравӣ худро канор гир, то меҳмондорӣ бароят душвор наафтад.

**5)** Меҳмонро бо рӯи хуш истиқбол гир ва аз харҷ кардан натарс.

**41** **Муайян кунед, ки Аттори Нишопурӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Ҳар ки ӯ меҳмони кас нохонда шуд,
Назди мардум хору зору ронда шуд.

**B)** Ҳоҷати худро магӯ бо душманон!
З-ин батар хорӣ набошад дар ҷаҳон.

**C)** Аз фурӯмоя муроди худ маҷӯй,
То наёяд мар туро хорӣ ба рӯй.

**D)** Ҳар ки меҳмонро ба рӯйи тоза дид,
Аз Худо алтофи беандоза дид.

**1)** Аз мухолифони худ чизеро хостан ниҳояти ҳақирию бечорагист.

**2)** Агар меҳоҳӣ эътиборатро нигоҳ дорӣ, аз одами паст дархосте накун.

**3)** Касе, ки меҳмонро бо хушҳолӣ пешвоз мегирад, хубиҳои зиёде хоҳад дид.

**4)** Ҳеҷ вақт аз дигарон чизеро нахоҳ, магар ин ки бисёр маҷбур шавӣ.

**5)** Касе, ки бе даъват ба ҳар кучо меравад, қадру эътибораш коста мегардад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**42** **Муайян кунед, ки Аттори Нишопурӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Он ки бошад дар пайи қути ҳаром,
Дар тани ӯ дил ҳамемирад тамом.

**B)** Бандагӣ аз худшиносӣ шуд тамом,
Нест марди беадаб соҳибмақом.

**C)** Бирав савдои беҳуда мапаймой,
Манеҳ берун зи ҳадди хештан пой.

**D)** Чун гуноҳи нақд омад дар вуҷуд,
Тавбаи нася надорад ҳеч суд.

**1)** Шахсе, ки ахлоқ надорад, эҳтирому обрӯ ҳам нахоҳад ёфт.

**2)** Дар ҳар коре ҳадду ҳудудро бояд нигоҳ дошт ва орзуҳои хом набояд кард.

**3)** Ҳар вақте ки хатое кардӣ, дар ҳамон лаҳза бояд узру бахшиш пурс.

**4)** Ба ҳар коре, ки талошу кӯшиш кунем, ҳатман муваффақ мегардем.

**5)** Касе, ки ризқашро аз роҳҳои ношоиста ба даст меорад, одами бераҳму беқалб мешавад.

**43** **Муайян кунед, ки Аттори Нишопурӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ.

**B)** Иллати мардум зи пурхорӣ бувад,
Хӯрдани пур тухми беморӣ бувад.

**C)** Роҳате набвад ҳасуди шумро,
Козиби бадбахтро набвад вафо.

**D)** Тавбаи бадхӯ куҷо маҳкам бувад,
Мар бахилонро мурувват кам бувад.

**1)** Аз меъёр бештар хӯрдан сабаби гирифтор шуданамон ба беморихо мешавад.

**2)** Инсони нотавонбин оромиш надорад ва аз дурӯғгӯй садоқат интизор шудан хатост.

**3)** Одами нохуб дар қавлаш побарҷо нест ва мумсик чандон дӯстӣ надорад.

**4)** Дӯстию садоқат боиси саодатмандӣ ва хушбахтии насли инсон мегардад.

**5)** Эҳтиром кардани калонсолон боиси эҳтиром дидани мо мегардад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**44** **Муайян кунед, ки Аттори Нишопурӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** То тавонӣ ташнаро сероб кун,
Дар маҷолис хидмати асҳоб кун.

**B)** Дур шав, з-он кас, ки хоҳад аз ту суд!
Гар сари худ бар қадамҳои ту суд.

**C)** Бар сари болини беморон гузар,
З-он, ки ҳаст ин суннати хайрулбашар.

**D)** Дӯстӣ ҳаргиз макун бо бодахор,
Аз чунин кас хештанро дур дор!

**1)** Аз касе, ки аз ту фақат манфиат мехоҳад дурӣ кун ва ба илтимосҳои ӯ таваҷҷуҳ накун.

**2)** Ба инсонҳои ниёзманд ёрӣ деҳ ва дар нишастҳо хидматгузори дӯстон бош.

**3)** Ҳамнишинӣ бо одамҳое, ки бисёр шароб мехӯранд, кори дурусте нест. Беҳтар аст, ки аз онҳо фосила бигирӣ.

**4)** Ба инсонҳое, ки муҳтоҷу бечора ҳастанд, дар ёфтани кор ва ба роҳ мондани зиндагиашон кумак кун.

**5)** Беҳтарин амал дар зиндагӣ хабар гирифтан аз ҳоли одамони ранҷур аст.

**45** **Муайян кунед, ки Ҷалолиддини Балхӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Ин забон чун сангу ҳам оҳанваш аст,
В-он чи бичҳад аз забон чун оташ аст.

**B)** Оламеро як сухан вайрон кунад,
Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.

**C)** Нуктае, к-он ҷаст ногоҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки ҷаст он аз камон.

**D)** Ҳар кӣ дод ӯ ҳусни худро дар мазод,
Сад қазои бад суи ӯ рӯ ниҳод.

**1)** Ҳар ҳарфе, ки аз даҳон мебарояд, метавонад мисли тири камон кушанда бошад.

**2)** Инсони оқил боиси озору норохатии дигарон намешавад ва дар оромиш зиндагӣ хоҳад кард.

**3)** Гоҳе як ҷумла метавонад дунёро хароб кунад, ё инсонро рӯҳбаланду шуҷоъ гардонад.

**4)** Сухане, ки аз даҳон берун меояд, метавонад ба монанди сангу оташ сахту сӯзанда бошад.

**5)** Ҳар касе, ки бо ҷиҳатҳои мусбати худ меболаду онҳоро ба намоиш мегузорад, мумкин аст боиси мушкилоти ӯ гарданд.

**46** **Муайян кунед, ки Ҷалолиддини Балхӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Шермардонанд дар олам мадад,
Он замон, к-афғони мазлумон расад.

**B)** Пок кун ду чашмро аз мӯю айб,
То бубинӣ боғу сарвистони ғайб.

**C)** Ғулли бухл аз дасту гардан дур кун,
Бахти нав дарёб аз чархи куҳун.

**D)** Ин ҳама гуфту ба гӯшам дарнарафт,
Бадгумонӣ мардро саддест зафт.

**1)** Агар чизҳои зебою хушро дидан мехоҳӣ, чашмонатро аз бадбинӣ пок кун.

**2)** Барои расидан ба иқболу саодат бояд ҳасадро аз вуҷуди худ берун кунем.

**3)** Фикру андешаи нек надоштан дар бораи касе ё чизе боиси нафаҳмидани ҳақиқат дар он бора мегардад.

**4)** Вақте ки нолаи бечорагон баланд мешавад, мардони далер ба ёрии онҳо мерасанд.

**5)** Инсонҳои огоҳ барои пешрафти дигарон монеъ намешаванд ва бо ҳама дӯстона рафтор мекунанд.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**47** **Муайян кунед, ки Ҷалолиддини Балхӣ ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

**A)** Меҳри аблаҳ меҳри хирс омад яқин,
Кини ӯ меҳр асту меҳри ӯст кин.

**B)** Кори поконро қиёс аз худ магир,
Гарчи монад дар навиштан шер шир.

**C)** Чун ғараз омад ҳунар пӯшида шуд,
Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯйи дида шуд.

**D)** Ҳар кӣ ӯ бинҳод нохуш суннате,
Сӯйи ӯ нафрин равад ҳар соате.

**1)** Вақте ки қасди бад дошта бошем, чашмамон наметавонад ҳақиқатро бинад.

**2)** Дӯстӣ бо инсонҳои нодон манфиате надорад ва фақат боиси мушкилоту дарди сар мегардад.

**3)** Дар муқоиса кардани худ бо инсонҳои нек бояд эҳтиёт бошем ва аз пеши худ тасаввурот насозем.

**4)** Барои расидан ба мақсадҳои худ бояд тамоми кӯшишу талоши худро ба кор барем.

**5)** Ҳар касе, ки кори бадеро расм кунад, ҳамеша ӯро лаънат хоҳанд кард.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**48** **Муайян намоед, ки шахсони зерин дар "Гуштоспнома"-и Дақиқӣ ба сифати кӣ муаррифӣ шудаанд:**

**A)** Гуштосп
**B)** Зардушт
**C)** Арҷосп
**D)** Ҷомосп

**1)** сари мубадон, ситорашиноси гаронмоя
**2)** оварандаи оини дини беҳӣ
**3)** сардори сипоҳиёни Эрон
**4)** соҳиби тахти Эронзамин
**5)** турконхидев, солори туркони Чин

**49** **Муайян намоед, ки суханҳои зерин дар бораи кадом адиб гуфта шудааст:**

**A)** Ҳар киро бузургию неъмат аз ину аз он бошад, ӯро бузургию неъмат аз Оли Сомон буд.

**B)** Дар ҷавонӣ ба дасти яке банда кушта шуд ва "Шоҳнома"-аш нотамом монд.

**C)** Басе ранҷ бурд ба бисёр сол ва Аҷамро ба порсӣ зинда кард.

**D)** Дар бораи асараш яке аз мухолифонаш гуфтааст: "... агар Буқрот ва Ҷолинус зинда шаванд, раво бувад, ки пеши ин китоб саҷда кунанд".

**1)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**2)** Абулқосими Фирдавсӣ
**3)** Умари Хайём
**4)** Абуалӣ ибни Сино
**5)** Абумансури Дақиқӣ

**50** **Муайян намоед, ки Абулқосими Фирдавсӣ паёмҳои зеринро дар кадом бахши “Шоҳнома” овардааст:**

| | |
|---|---|
| **A)** Некию бадӣ пойдор нест, вале беҳтар он аст, ки некӣ ёдгор бошад. | **1)** “Таърихи анҷоми “Шоҳнома”” |
| **B)** Поёни ҳама гуна хусумату душманӣ ҷанг, нохушӣ ва фоҷиа аст. | **2)** “Достони Заҳҳок ва Коваи оҳангар” |
| **C)** Ҷоҳталабӣ ва ҷангхоҳӣ оқибат марг ба бор меоварад. | **3)** “Достони Рустам” |
| **D)** Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам, Ки тухми суханро парокандаам. | **4)** “Достони Суҳроб” |
| | **5)** “Достони разми Исфандиёр бо Рустам” |

**51** **Сифатҳо ва амалҳои додашуда ба кадом симоҳои достони “Кова ва Заҳҳок” хосанд?**

| | |
|---|---|
| **A)** Мардос | **1)** шаҳриёри бадкуниш, ки дар замони ӯ “ҳунар хор шуд, ҷодуӣ – арҷманд” |
| **B)** Иблис | **2)** меҳтари ростоне, ки “дар он мазҳари аждаҳо ногузир гувоҳӣ навиштанд ...” |
| **C)** Заҳҳок | **3)** гаронмоя ҳам шоҳу ҳам некмард, ки “ба доду деҳиш бартарин поя буд” |
| **D)** Кова | **4)** деви бадкирдор, чораҳои ниҳонӣ месохт ва “дили меҳтар аз роҳи некӣ бибурд” |
| | **5)** марди ситамдида, ки чарм бар сари найза кард ва мардумро ба додхоҳӣ даъват намуд |

**52** **Кӣ будани паҳлавонон – симоҳои “Достони Суҳроб”-ро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Паҳлавони размдида, нигаҳбони Дижи сапед, ки барои кушта нашудани Рустам нишони ӯро аз Суҳроб ниҳон дошт | **1)** Тӯс |
| **B)** Сипаҳбади туронӣ, ки бо супориши Афросиёб нишони Рустамро аз Суҳроб ниҳон дошт | **2)** Гударз |
| **C)** Сипаҳбади эронӣ, ки бо номае аз Рустам ба назди Ковус рафт ва аз ӯ барои Суҳроб нӯшдору хост | **3)** Ҳумон |
| **D)** Сипаҳбади эронӣ, ки хост бо фармони Ковус дасти Рустамро баста ба назди ӯ барад. | **4)** Ҳаҷир |
| | **5)** Гаждаҳам |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**53** **Маънои байтҳои Абулқосими Фирдавсиро муайян кунед:**

**A)** Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостор,
Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор.

**B)** Ба омӯхтан гар бубандӣ миён,
Зи дониш равӣ бар сипеҳри равон.

**C)** Мар онро, ки дониш бувад, тӯша бурд,
Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.

**D)** Ба дониш бувад мардро обрӯй,
Ба бедонишӣ, то тавонӣ, мапӯй.

**1)** Ҳар кӣ мехоҳад ба хостаҳояш даст ёбад, бояд дониш омӯзад.

**2)** Шахси донишманд дар маҳфилҳо ҳамеша болонишин аст.

**3)** Илму дониш инсонро ба мартабаҳои баланд мерасонад.

**4)** Инсон аз илму дониш шаъну шараф касб мекунад.

**5)** Шахси донишманд дар хотираҳо ҳамеша зинда мемонад.

**54** **Муайян намоед, ки байтҳои додашуда аз забони кадом қаҳрамони “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ гуфта шудаанд:**

**A)** Ки: “Рустам кӣ бошад, ки фармони ман.
Кунад пасту печад зи паймони ман?!”

**B)** Киро омад ин пеш, к-омад маро,
Ки фарзанд куштам ба пиронсаро?

**C)** Агар тахт хоҳӣ ҳаме бо кулоҳ,
Раҳи Систон гиру баркаш сипоҳ.

**D)** Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар,
Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?

**1)** Кайковус

**2)** Гуштосп

**3)** Рустам

**4)** Исфандиёр

**5)** Суҳроб

**55** **Муайян намоед, ки ба байтҳои Абулқосими Фирдавсӣ кадом зарбулмасал ё мақол мувофиқ аст:**

**A)** Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ними кирдор нест.

**B)** Чу некӣ кунад кас, ту подош кун,
В-агар бад кунад, низ пархош кун.

**C)** Ба ранҷ-андар аст, эй хирадмад ганҷ,
Наёбад касе ганҷ, нобурда ранҷ.

**D)** Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ.

**1)** Ҳар сухан нест лоиқи гуфтан.

**2)** Арзиши мард дар амалаш аст, на дар суханаш

**3)** Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ.

**4)** Ҷойи гул гул бошу ҷойи хор хор.

**5)** Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**56** **Шарҳи мувофиқи байтҳои Абулқосими Фирдавсиро интихоб кунед:**

**A)** Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ними кирдор нест.

**B)** Ҳунармандро шоду наздик дор,
Ҷаҳон бар бадандеш торик дор.

**C)** Мар онро, ки дониш бувад тӯша бурд,
Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.

**D)** Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

**1)** Дӯсти одамҳои бофазлу ҳунар шав ва аз инсонҳое, ки андешаҳои хуб надоранд, дур бош.

**2)** Инсонҳое, ки илму савод доранд, некному ҷовидон хоҳанд буд.

**3)** Ҷойгоҳи инсон на аз рӯйи суханаш, балки аз рафтору амалаш муайян мешавад.

**4)** Илму донише, ки бо ранҷу машаққат ба даст меояд, асоси зиндагии шоду ободи инсон мегардад.

**5)** Ҳеч чиз дар олам абадӣ нест. Пас, беҳтар аст, ки аз мо кори нек ва номи накӯ боқӣ бимонад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**57** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб меравад:**

**A)** Расидани худро ба шуҳрату бузургӣ ва неъмату доройӣ ба шарофати Оли Сомон медонад.

**B)** Дар ҷавонӣ ба дасти ғуломе кушта мешавад ва “Шоҳнома”-аш нотамом мемонад.

**C)** Ҳамосасарои бузург, дар зиндагӣ бисёр ранҷ кашид ва дар тӯли сӣ сол Аҷамро ба забони порсӣ зинда кард.

**D)** Яке аз намунаҳои хуби шеъри ӯ қасидаест, ки дар асл “Номаи аҳли Хуросон ба хоқони Самарқанд” унвон дошта, бо номи “Ашкҳои Хуросон” машҳур аст.

**1)** Абулқосими Фирдавсӣ

**2)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**3)** Умари Хайём

**4)** Абумансури Дақиқӣ

**5)** Анварии Абевардӣ

**58 Сухан дар бораи кӣ меравад?**

**A)** Соли 1512 дар қатли омми шаҳри Қаршӣ ба дасти сарбозони Исмоили Сафавӣ кушта мешавад. Беҳтарин асари ахлоқии адиб “Беҳрӯзу Баҳром” аст.

**B)** Қасидаи ӯ чунон иштиёқи Бухороро дар дили Наср ибни Аҳмад бедор кард, ки вай бе мӯза пой дар рикоб гузошту рӯй ба Бухоро ниҳод.

**C)** Асарҳои “Муноҷот”, “Малфузот”, “Ганҷнома” ва ғайраро навиштааст. Ӯ дар осораш андешаҳои тасаввуфии хешро тарғиб кардааст.

**D)** Дар нимаи дуюми асри XI ва нимаи аввали асри XII зиндагӣ кардааст. Асари ҳаҷман бузурги “Марзбоннома” ба ӯ таааллуқ дорад.

**1)** Аҳмади Ҷомӣ

**2)** Саъдудини Варовинӣ

**3)** Камолиддини Биноӣ

**4)** Абдуллоҳи Ансорӣ

**5)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**59 Муайян намоед, ки ба байтҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ кадом хулоса мувофиқ аст:**

**A)** Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
Эй тиҳӣ аз фазилату инсоф!

**B)** Касе, ки бо ҳама кас хӯи бад ба кор барад,
Ҳамеша дар кафи сад ғусса мумтаҳан донаш.

**C)** Ҳар чӣ омад ба дасти марди карим,
Ҳама дар пойи дӯстон афшонд.

**D)** Машав афсӯспеша бо хурдон
В-арна фарри бузургият биравад.

**1)** Онҳое, ки бо дигарон ахлоқи нек надоранд, ҳамеша дучори ғаму андӯҳанд.

**2)** Иззату эътибору инсон бо ҳазлу шӯхиҳои ноҷо аз миён меравад.

**3)** Аз пешрафту комёбии дигарон хушҳол шудан аз ахлоқи ҷавонмардон аст.

**4)** Инсони саховатпеша дар ҳама ҳолат дастгиру бахшанда аст.

**5)** Хандидан ба зоҳири дигарон аз рӯи инсоният нест.

**60** **Сухан дар бораи кӣ меравад?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | Ӯ шоири ҷаҳондида аст. Дар мадрасаи машҳури “Низомия” таҳсил кардааст.<br>Ин байт аз ӯст:<br>*Бигзор то бигирям чун абр дар баҳорон,*<br>*К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон.* | **1)** | Анварии Абевардӣ |
| **B)** | Ӯ қасидае бо номи “Ашкҳои Хуросон” дорад, ки дар он аз хоқони Самарқанд хостааст, то Хуросонро аз тохтутози қавми ғуз наҷот диҳад.<br>Матлаи қасида ин аст:<br>*Бар Самарқанд агар бигзарӣ, эй боди саҳар,*<br>*Номаи аҳли Хуросон ба бари хоқон бар.* | **2)** | Аттори Нишопурӣ |
| **C)** | Оромгоҳаш дар шаҳри Қуния аст. Девонашро ба номи устодаш гузоштааст. Ин байт аз ӯст:<br>*Биё то қадри якдигар бидонем,*<br>*Ки то ногаҳ зи якдигар намонем.* | **3)** | Абдуллоҳи Ансорӣ |
| **D)** | Адиб дар қатли оми муғулҳо дар соли 1219/1221 дар шаҳри худ кушта шудааст. Ин байт аз ӯст:<br>*Марҳабо, эй ҳудҳуди ҳодишуда,*<br>*Дар ҳақиқат пайки ҳар водӣ шуда.* | **4)** | Саъдии Шерозӣ |
| | | **5)** | Ҷалолиддини Балхӣ |

**61** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом адиб меравад:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | Аз амирзодагони давр буда, барои фарзандаш асари пандуандарзӣ менависад, ки дар он дар мавриди ҳаққи падару модар, меҳмонӣ, ҳунармандӣ ва ғайра сухан гуфта шудааст. | **1)** | Носири Хусрав |
| **B)** | Охири умри худро дар дараи Юмгон гузаронида, мадҳи шоҳони давр накардааст. Маснавиҳои “Рӯшноинома” ва “Саодатнома”-ро навиштааст. | **2)** | Абулқосими Фирдавсӣ |
| **C)** | Барои навиштани асари худ сӣ соли умри худро бахшидааст. Моҷарои ӯ ва Султон Маҳмуд машҳур аст. | **3)** | Ҷалолиддини Балхӣ |
| **D)** | Тахаллусашро аз рӯи касбаш гирифтааст. Асари барҷастаи “Мантиқ-ут-тайр” аз ӯст, ки дар бораи сафари сӣ паранда ба сӯи Симурғ нақл мекунад. | **4)** | Унсурулмаолии Кайковус |
| | | **5)** | Фаридуддини Аттор |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**62** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом асар меравад:**

**A)** Асари пандуандарзӣ буда, дар он дар мавриди ҳаққи падару модар, одоби таом хӯрдан, меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан, фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар ва ғайра гуфта шудааст.

**B)** Номи дигари он “Панҷ ганҷ” буда, асари манзум аст. Достонҳои ошиқонаи Хусраву Ширин ва Лайлию Маҷнун дар ин асар омадааст.

**C)** Достонҳои паҳлавонону қаҳрамон ва таърихи гузаштаи мардум дар ин асар ба назм даромадааст.

**D)** Ин асар барои таълиму тарбияи Зиёуддин Юсуф навишта шудааст. Аз муқаддима, 8 равза ё боб ва хотима иборат аст.

**1)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**2)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**3)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**4)** “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ

**5)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**63** **Муайян намоед, ки Носири Хусрав дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳои вобаста ба зиндагӣ ва андешааш ишорат кардааст:**

**A)** Надонад ҳолу кори ман
чуз он кас,
Ки дунонаш кунанд
аз хона берун.

**B)** Зи Ҳуҷҷат ин суханҳоёд медор,
Ки дар Юмгон нишаста
подшаҳвор.

**C)** Ашъори зуҳду панд
басе гуфтааст,
Он тирачашм шоири равшанбин.

**D)** Ман онам, ки дар
пойи хукон нарезам,
Мар ин қиматӣ дурри
лафзи дариро.

**1)** Шоири ҳаким дар ситоиш ва мадҳи ҳеҷ кадом аз амирони ҷоҳили вақт (ба забони тоҷикӣ) шеър нагуфтааст.

**2)** Шоир дар миёни мардуми Бадахшон иззату эҳтиром ва қадру манзалати фавқулодае дошт.

**3)** Шоири ҳаким ситоиш ва мадҳи касеро ҷоиз медонад, ки соҳиби ақлу ҳикмат, ҳиммату адл бошад.

**4)** Ҳолати ногувори адиб, ки амирон ва муллоҳои ҷоҳил ӯро кофир эълон карда, аз Хуросон рониданд.

**5)** Арҷгузории шоир ба шеъри Рӯдакӣ, ки шеъри ҳикмат аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**64** **Маънои панду андарзҳои Аттори Нишопуриро муайян намоед:**

A) Эй писар, кам гӯй бо мардум дурушт,
В-ар бигӯӣ, бар ту гардонанд пушт.

B) Чун ҳадиси хуб гӯй бо фақир,
Беҳ бувад з-онаш, ки пӯшонӣ ҳарир.

C) Ҳар кӣ бо мардум насозад дар ҷаҳон,
Зиндагонӣ талх дорад ҷовидон.

D) Аз маломат то бимонӣ дар амон,
Бош доим ҳамнишини олимон.

1) Бо одамон сухани бад магӯй, ки аз ту рӯй мегардонанд.

2) Бо бечорагон сухани нағз гуфтан беҳтар аз он аст, ки ба онҳо либоси зебое диҳӣ.

3) Бо одамон муросо накунӣ, рӯзгорат ҳамеша нохуш хоҳад шуд.

4) Агар хоҳӣ, ки аз балоҳо дур бошӣ, ҳамсуҳбати донишмандон шав.

5) Хоҳӣ, ки номат ба накуӣ бубаранд, номи дигарон низ ба накуӣ бубар.

**65** **Маънои панду андарзҳои Аттори Нишопуриро муайян намоед:**

A) Ҳар кӣ бо мардум насозад дар ҷаҳон,
Зиндагонӣ талх дорад ҷовидон.

B) Дур шав з-он кас, ки хоҳад аз ту суд,
Гар сари худ бар қадамҳои ту суд.

C) Аз фурӯмоя муроди худ маҷӯй,
То наёяд мар туро хорӣ ба рӯй.

D) Дӯсти бад бошад зиёнкор, эй писар!
Ту тамаъ з-он дӯст бардор, эй писар!

1) Аз дӯсте, ки ҳамеша зарар меорад, чашми некӣ мадор.

2) Аз дӯсти нодон душмани доно беҳтар аст.

3) Аз касе, ки ба ту хушомад кардаву тамаъҷӯйӣ мекунад, бигрез.

4) Аз сифла некӣ чашм мадор, ки беқадр шавӣ.

5) Касе, ки бо дигарон муросо накунад, зиндагиаш ҳаргиз ширин нашавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**66** **Маънои панду андарзҳои Аттори Нишопуриро муайян намоед:**

**A)** Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,
Нарму ширин гӯй бо мардум калом!

**B)** Ҳар кӣ по аз ҳадди худ бартар ниҳад,
Сар диҳад бар боду тан бар сар ниҳад.

**C)** Ҳар кӣ ӯро маърифат ҳосил нашуд,
Ҳеҷ бар мақсуди худ восил нашуд.

**D)** Ҳар кӣ дорад донишу ақлу тамиз,
Аҳли ақлу илмро дорад азиз.

**1)** Касе, ки андоза нигаҳ надорад, ба балоҳо гирифтор ояд.

**2)** Касе, ки аз донишу хирад ва одоб баҳравар аст, олимонро гиромӣ медорад.

**3)** Касе, ки дар ҳаққи бузургон бадгӯӣ кунад, мардум аз ӯ рӯй гардонанд.

**4)** Касе, ки аз дониш дур аст, муродаш ҳосил нашавад.

**5)** Агар оқилӣ, бо ҳама сухан бо муҳаббат гӯй.

**67** **Маънои пандҳои Аттори Нишопуриро муайян намоед:**

**A)** Хар киро бинӣ ба роҳи носавоб,
Сар ба роҳаш ор, то ёбӣ савоб.

**B)** Заҳмати худро зи мардум дур дор,
Бори худ бар кас маяфкан, зинҳор.

**C)** Ҳар кӣ мехоҳад, ки бошад дар амон,
Муҳр мебояд ниҳодан дар забон.

**D)** Аз маломат то бимонӣ дар амон,
Бош доим ҳамнишини олимон.

**1)** Хирадмандонро бад нагӯянд ва сарзаниш накунанд.

**2)** Каҷравонро роҳи рост бинамой, то кори хайре карда бошӣ.

**3)** Касро ранҷ мадеҳ ва мушкилоти зиндагиатро ба дӯши дигарон магзор.

**4)** Хоҳӣ, ки аз таънаи мардумон дур бимонӣ, ҳамсуҳбати хирадмандон бош.

**5)** Сар ба саломат хоҳӣ, сухани дурушт магӯй.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**68** **Маънои байтҳои зерини Саъдии Шерозиро майян кунед:**

**A)** Мазан бе тааммул ба гуфтор дам,
Наку гӯй, гар дер гӯйӣ, чӣ ғам?

**B)** Сари чашма шояд гирифтан ба бел,
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил.

**C)** Пиндошт ситамгар, ки ҷафо
бар мо кард,
Дар гардани ӯ бимонду
бар мо бигузашт.

**D)** Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез.

**1)** Сари чашмаро бо бел бояд дуруст кард.

**2)** Ҳар кӣ бад кард, ба худ кард, на ба дигарон.

**3)** Ҳар кӣ даст аз ҷон бишӯяд, ҳар чӣ дар дил дорад, бигӯяд.

**4)** Андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ хӯрдан, ки чаро гуфтам.

**5)** Ҳар корро дар вақташ бояд анҷом дод.

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**69** **Маънои байтҳои зерини Саъдии Шерозиро майян кунед:**

**A)** Нагуфта надорад касе бо ту кор,
Валекин чу гуфтӣ, далелаш биёр!

**B)** Ду оқилро набошад кину пайкор,
На доное ситезад бо сабукбор.

**C)** То тавонӣ даруни кас махрош,
К-андар он роҳ хорҳо бошад.

**D)** Магӯ андуҳи хеш бо душманон,
Ки “ло ҳавл” гӯянд шодикунон.

**1)** Сухан нагуфтан беҳтар аст, агар гӯйӣ, асос пеш ор.

**2)** Хирадмандон гиребони ҳамдигар нагиранд, бо нодонон низ тундӣ накунанд.

**3)** Бикӯш, то касеро озор надиҳӣ, ки рӯзе ба сазои он бирасӣ.

**4)** Ғаму дарди худро ба бадхоҳонат магӯй, ки хурсанд мешаванд.

**5)** Бо мардум сухани нек гӯй, ки нек гуфтан муҳаббатро зиёда кунад.

**70** **Маънои байтҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро муайян намоед:**

**A)** Ҳар кӣ ранҷе дид, ганҷе шуд падид,
Ҳар кӣ ҷидде кард, дар ҷидде расид.

**B)** Ҳадди худ бишносу бар боло мапар,
То наяфтӣ дар нишеби шӯру шар.

**C)** Гар таваккул мекунӣ, дар кор кун,
Кишт кун, пас такя бар ҷаббор кун.

**D)** Ҳар кӣ нақси хешро диду шинохт,
Андар истикмоли худ даҳаспа тохт.

**1)** Аблаҳ айби худашро намебинад ва ҳамеша аз пайи айбҷӯйӣ аст.

**2)** Аввал дар кор бикӯш, он гаҳ ба умеди Худо бош.

**3)** Касе, ки айбашро донад, барои расидан ба камол ҳарчи бештар мекӯшад.

**4)** Касе, ки меҳнат мекунад, роҳат мебинад касе ки меҷӯяд, меёбад.

**5)** Касе, ки мавқеашро бидонад, мағрур нагардад ва гирифтори бало нашавад.

**71** **Маънои байтҳои зерини Ҷалолиддини Балхиро муайян намоед:**

**A)** Рӯҳ бо илм асту бо ақл аст ёр,
Рӯҳро бо тозию туркӣ чӣ кор?

**B)** Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.

**C)** Хоб бедорист, чун бо дониш аст,
Вой бедоре, ки бо нодон нишаст.

**D)** Хотами мулки Сулаймон аст илм,
Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.

**1)** Ҷаҳон тан, илм рӯҳи он аст, мисли нигинест дар ангуштарӣ.

**2)** Донишманд ҳамеша огоҳу ҳушёр аст, аммо ҳамнишинӣ бо нодон заволи ақли ӯст.

**3)** Доно бар иморати сухан, нодон бар иморати бадан машғул аст.

**4)** Маслиҳат бо дигарон бар хирад ва огоҳии кас афзояд ва мушкилӣ бар ӯ саҳл гардад.

**5)** Равони инсон бо илму хирад пайваст аст ва онро бо нажоду миллат коре нест.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**72** **Мувофиқати байтҳои Ҷалолиддини Балхӣ ва залбулмасалу мақолҳоро муайян намоед:**

**A)** Ақл бо ақли дигар дуто шавад,
Нур афзун гашту раҳ пайдо шавад.

**B)** Кӯйи намедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ машав, хуршедҳост.

**C)** То нагиряд абр, кай хандад чаман,
То нагиряд тифл, кай нӯшад лабан?

**D)** То намурдаст ин чароғи богуҳар,
Ҳин, фатила-ш созу равған зудтар.

**1)** Поёни шаби сияҳ сафед аст.

**2)** Имрӯз бикун, чу метавонӣ, коре.

**3)** Кори шаб – хандаи рӯз.

**4)** То талаб накунӣ, чизе ба даст наояд.

**5)** Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

**73** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом симои достони "Дувалронӣ ва Хизрхон"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ меравад:**

**A)** Ғосиб, зулмпарвар ва бераҳм аст. Барои ӯ давлату сарват муҳим аст. Инсон, ҳатто зану фарзанд ҳам барояш арзише надоранд. Ба муқобили падар ва писар ҷангид ва чашмони писарро кӯр кард.

**B)** Ишқи пок дорад ва барои ба мақсад расидан дар ин роҳ устувор аст, саъю талош дорад, вале мубориз нест. Бештар ба гапи падару модар гӯш медиҳад.

**C)** Ӯ ба расму русум ва дину оини худ эътиқодманд аст ва намехоҳад, ки ду дилдода ба висоли ҳам расанд, аммо дар охир хатои худро дарк карда, ислоҳ мешавад ва дилдодагонро ба мурод мерасонад.

**D)** Ӯ зоҳиран ва ботинан зебост ва дар роҳи ишқ устувор. Ақли расо ва ишқи поки ҳиндудухтар дар симои ӯ таҷассум ёфтааст.

**1)** Дувалронӣ

**2)** Хизрхон

**3)** Алоуддин

**4)** Муборакшоҳ

**5)** Офоқбону

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**74** **Сухан дар бораи кадом асари Убайди Зоконӣ меравад?**

| | |
|---|---|
| **A)** Аз даҳ боб иборат аст ва он бо номи “Таъкидот” ҳам ёд мешавад. Нависанда истилоҳотро мувофиқи унвони боб ва мақсади худ шарҳу тавзеҳ додааст. | **1)** “Ахлоқ-ул-ашроф” |
| **B)** Ин асар бачагона буда, ба назм иншо гардидааст. Дар оғози достон адиб гуфтааст: Ҷони ман, панд гир аз ин қисса, Ки шавӣ дар замона шодоно... | **2)** “Мушу гурба” |
| **C)** Ин асар маҷмуи ҳикоёту латифаҳои Убайди Зоконист. Мавзуи ҳикоёту латоиф гуногун аст. Дар он лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти нависанда низ инъикос ёфтааст. | **3)** “Сад панд” |
| **D)** Асари мазкур соли 1340 иншо гардида, мавзуи он нишон додани рафтору кирдори асилзодагон аст. Он дар 7 боб аст. | **4)** “Дилкушо” |
| | **5)** “Даҳ фасл” |

**75** **Маънои байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомиро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Дар талаби илм камар чуст кун,<br>Даст зи ашғоли дигар суст кун. | **1)** Аз рӯйи чизи донистаат амал кун ва чизе, ки намедонӣ, аз дигарон пурс. |
| **B)** Нахуст аз илму дониш баҳравар шав,<br>Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав. | **2)** Бо талаби илм худро аз банди нодонӣ раҳо кун. |
| **C)** Илм касир омаду умрат қасир,<br>Он чӣ зарурист, ба он шуғл гир. | **3)** Дар умри кӯтоҳ аз пайи омӯзиши илмҳои зарурӣ бояд буд. |
| **D)** Он чӣ худ донӣ, равиш мекун бар он,<br>В-он ки не, мепурс аз донишварон. | **4)** Ба корҳои беҳуда вақти худро сарф накарда аз пайи омӯзиши илм бош. |
| | **5)** Донишманд ҳамеша огоҳу ҳушёр аст, аммо ҳамнишинӣ бо нодон заволи ақли ӯст. |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**76** **Маънии байтҳои Абдурраҳмони Ҷомиро муайян намоед:**

**A)** Дарунро биёрой ҳамчун бурун,
Ва ё кун бурунро ба ранги дарун.

**B)** Сидқ мебояд ба ҳар коре, ки ҳаст,
То фитад домони мақсудат ба даст.

**C)** Касе, ки бо ҳама кас хӯи бад ба кор барад,
Ҳамеша дар кафи сад ғусса мумтаҳан донаш.

**D)** Чу оини накукорӣ кунӣ соз,
Нагардад бо ту ҷуз он некуӣ боз.

**1)** Ҳама бадиҳо аз дурӯғ сарчашма мегирад.

**2)** Ҳар кӣ бо дигарон бадрафторӣ мекунад, доим ғамгину нохушнуд хоҳад буд.

**3)** Вақте ба дигарон некӣ мекунӣ, ҳатман ба ту низ некӣ хоҳанд кард.

**4)** Агар мехоҳӣ ба хостаҳоят даст ёбӣ, ҳамеша ростиро пеша кун.

**5)** Сурату сирати инсон бояд якранг бошад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**77** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом асар меравад:**

**A)** Муаллиф ин асарро дар тӯли як сол (соли 1257) ба анҷом расонд. Дар он дидаву шунидаҳои адиб дар вазни “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба риштаи назм кашида шудааст.

**B)** Асари насрист, вале бо пораҳои шеърӣ, қитъаҳо, рубоиёт ё байтҳои алоҳида ороста шудааст. Аз ҳашт равза ё боб иборат аст.

**C)** Муаллиф асарро дар тӯли даҳ сол навиштааст. Он аз шаш қисмат ё шаш дафтар иборат аст. Ин асарро “Қуръони форсӣ” ҳам мегӯянд.

**D)** Ин асар аз панҷ достони мустақил иборат буда, дар ҷавоби панҷ достони Низомии Ганҷавӣ суруда шудааст.

**1)** “Хамса”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ

**2)** “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ

**3)** “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ

**4)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**5)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**78** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом асар аст:**

**A)** Нусхаи таҳрирёфта ва тозаэҷоди “Калила ва Димна” буда, аз ҳикоятҳои пандомез иборат аст.

**B)** Асари мансур буда, аз ҳикоятҳои хурд-хурд иборат аст, латифаҳои халқиро ба ёд меорад. Ҳикоятҳо ба тариқи ҳазлу мутоиба гуфта шудаанд, вале мазмуни ҷиддии танқидӣ доранд.

**C)** Асар аз 8 боб иборат буда, дар ҳар боби он ҳикоятҳои пандомез, ҳикматҳои зиндагӣ, рӯзгори ибратбахши шахсони бузург ва шоирон ба ҳам омадааст.

**D)** Асари панду ахлоқӣ буда, аз 22 боб иборат аст. Адиб бо воситаи ҳикоятҳои пандомез хостааст, ки ахлоқи ҳукуматдоронро ислоҳ намояд ва ба онҳо усул ва шартҳои мамлакатдориро биомӯзонад.

**1)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**2)** “Синбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ

**3)** “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**4)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ

**5)** “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ

**79** **Сухан дар бораи кадом асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ меравад?**

**A)** Ин асар ҷанбаи назарӣ ва амалӣ дорад ва ба илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Кошифӣ дар бораи 300 навъи санъати бадеӣ маълумот додааст.

**B)** Асари мазкур дар мавзуи панду ахлоқ аст. Он соли 1500 иншо гардидааст.

**C)** Асари мазкурро дар бораи хусусиятҳои илмӣ ва назарии фанни номанигорӣ офаридааст.

**D)** Ин асар солҳои 1473-1504 навишта шуда, дар бораи илми нуҷум баҳс мекунад.

**1)** “Анвори Суҳайлӣ”

**2)** “Бадоеъ-ул-афкор”

**3)** “Сабъаи Кошифӣ”

**4)** “Ахлоқи Муҳсинӣ”

**5)** “Махзан-ул-иншо”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**80** **Сухан дар бораи кӣ меравад?**

**A)** Ӯро яке аз нобиғаҳои ҷаҳон медонанд. Ӯ табиб ва файласуф буд ва дар вақтҳои фароғаташ шеър ҳам месуруд.

**B)** Дар баробари шоирӣ илми мусиқиро ҳам ба хубӣ медонист. Ӯро бо унвонҳои "Одамушшуаро", "устоди шоирони ҷаҳон" ва ғайра ном мебаранд.

**C)** Ӯ асосан бо дубайтиҳояш машҳур шудааст. Хусусияти асосии дубайтиҳои ӯ наздикии баёни он ба адабиёти шифоҳӣ аст.

**D)** Асари тарбиявии худро дар 63-солагӣ барои писараш Гелоншоҳ навиштааст.

**1)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**2)** Абуалӣ ибни Сино

**3)** Унсурулмаолии Кайковус

**4)** Боботоҳири Урён

**5)** Абулқосими Фирдавсӣ

**81** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом асар меравад:**

**A)** Асари илмӣ-адабӣ буда, доир ба таърихи пайдоиш ва расму оинҳои марбут ба яке аз асоситарин ҷашнҳои миллии мо маълумот додааст.

**B)** Номи дигари он "Панҷ ганҷ" буда, асари манзум аст. Достонҳои ошиқонаи Хусраву Ширин ва Лайлию Маҷнун дар ин асар омадааст.

**C)** Гузаштаи устуравӣ ва таърихии халқҳои эронинажод дар ин асар ривоят шуда, қаҳрамонию мубориза ҳои онҳо мавриди ситоиши зиёд қарор гирифтааст.

**D)** Дар пайравии асаре аз Саъдӣ навишта шуда, хусусияти тарбиявӣ дорад. Аз муқаддима, 8 равза ё боб ва хотима иборат аст.

**1)** "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ

**2)** "Наврӯзнома"-и Умари Хайём

**3)** "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**4)** "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ

**5)** "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**82** **Сухан дар бораи кӣ меравад?**

**A)** Ӯ асосан ситорашинос ва риёзидон буд ва бо сарварии ӯ “Тақвими ҷалолӣ” сохта шудааст. Дар адабиёт бо рубоиҳояш машҳур шудааст.

**B)** Шоире буд, ки Ҷалолиддини Балхӣ худро аз ҷумлаи пайравони ӯ шуморидааст. Асари “Ҳадиқат-ул-ҳақиқа” аз ӯст.

**C)** Ӯро пайғамбари қасидасарой донистаанд. Қасидаи “Ашкҳои Хуросон”-аш машҳур аст.

**D)** Ӯ аз зумраи шоирони машҳури ҳавзаи Қафқоз аст ва дар марги ӯ Низомии Ганҷавӣ марсияи ҷонгудозе гуфтааст.

**1)** Аттори Нишопурӣ

**2)** Умари Хайём

**3)** Хоқонии Шервонӣ

**4)** Анварии Абевардӣ

**5)** Саноии Ғазнавӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**83** **Хулосаҳои зерин ба кадом ҳикояти “Калила ва Димна”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дахл доранд?**

**A)** Ситамгар зи зулм оташе барфурӯхт,
Чун зад шуъла, аввал ҳам ӯро бисӯхт.

**B)** Чун хасм қасди ту кард,
аз барои дафъи зарар,
Ба ҷидду ҷаҳд бикӯш,
ар ба ақл машҳурӣ.

**C)** Ҳар кӣ дар асл бадниҳод афтод,
Ҳеҷ некӣ аз ӯ мадор умед.

**D)** Ҳар кӣ бо ғайри ҷинси худ пайвандад, киштии умраш ба гирдоби фалокат афтад.

**1)** Ҳикояти “Гунҷишк ва сусмор”

**2)** Ҳикояти “Моҳихор”

**3)** Ҳикояти “Тадбири маймунҳо”

**4)** Ҳикояти “Кабки дарӣ”

**5)** Ҳикояти “Подшоҳи Чин”

**84** **Маънии байтҳои зеринро, аз “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ, муайян кунед:**

**A)** Агар ба чашми хирад
дар сухан нигоҳ кунӣ,
Бизоатест, ки ҳам суду
ҳам зиён дорад.

**B)** Ақл аст, ки бунёди
шараф муҳкам аз ӯст,
Афзунии ҳурмати
банӣ Одам аз ӯст.

**C)** Ройи равшан зи бузургони
куҳансол талаб,
Обҳо соф дар айёми
хазон мегардад.

**D)** Сухан, к-он аз сари андеша н-ояд,
Навиштанрову гуфтанро нашояд.

**1)** Касе, ки сухан андешида мегӯяд, дар роҳат зиндагӣ хоҳад кард.

**2)** Дар ҳама корҳо бо шахсони соҳибтаҷриба машварат бояд кард.

**3)** Шарафу бузургии инсон аз ақлу идроки ӯ вобаста аст.

**4)** Сухане, ки беандеша гуфта шудааст, арзиш надорад.

**5)** Сухан чизест, ки ба гӯянда ҳам фоида ва ҳам зарар расонида метавонад.

**85** **Маънои байтҳои Камолиддини Биноиро муайян намоед:**

**A)** Мухтасар гӯ, каломи тӯл гузор,
Арз манзур кун, фузул гузор.

**B)** Ҳар кӣ моил ба май чу ҷом шавад,
Шак маёвар, ки талхком шавад.

**C)** Гар шудӣ тоҷ мӯҷиби эъзоз,
Ном будӣ хурӯсро шаҳбоз.

**D)** Умр аз каф ба ройгон надиҳӣ,
Ройгон ганҷи шойгон надиҳӣ.

**1)** Сухан бисёр дону андаке гӯй!

**2)** Иззату бузургӣ аз мансабу сарват вобаста нест.

**3)** Ҳаёти инсон ганҷро мемонад ва қадри онро надонистан аз рӯйи хирад нест.

**4)** Шаробнӯшӣ инсонро ба пастӣ мебарад.

**5)** Тоҷу тахт мӯҷиби иззату икроми инсон мегардад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**86** **Маънои байтҳои Бадриддини Ҳилолиро муайян намоед:**

**A)** Гуле, к-он ҳар замон бошад ба ҷое,
Намеояд аз ӯ бӯи вафое.

**B)** Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.

**C)** Касе, к-аз дӯстӣ берун ниҳад пай,
Дар оини вафо саг беҳтар аз вай.

**D)** Ба ҳар кас рӯзи неъмат аҳд бастӣ,
Фаромӯшаш макун дар тангдастӣ.

**1)** Ҳар кӣ тарки паймон кунад, дар садоқат камтар аз ҳайвон бошад.

**2)** То тавонӣ аз нодонону бевафоён бигурез, ки онҳо дӯстиро нашоянд.

**3)** Бо ҳар кӣ ба вақти тавонгариаш паймон кардаӣ, ба вақти нодорӣ тарки паймон макун.

**4)** Пеш аз паймон кардан андеша бояд кард, чун паймон кардӣ, дигар тарки он макун.

**5)** Аз касе, ки гаҳ бо ину гоҳ бо он паймон мекунад, чашми дӯстию садоқат мадор.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**87** **Муайян намоед, ки ба байтҳои Камолиддини Биноӣ кадом хулоса мувофиқ аст:**

**A)** Чун ба гургон рафиқ гардад меш,
Оқибат дар фано ниҳад тани хеш.

**B)** Ҳар кӣ атвори неку бад гирад,
Ҳама аз ҳамнишини х(а)ад гирад.

**C)** Нек бо бад макун, ки дармонӣ,
Абадуддаҳр дар зарар монӣ.

**D)** Гуфт Кисро: “Яқин, ки ҳеҷ самар,
Набувад ҳамчу илм ҷонпарвар”.

**1)** Дониш судмандтарин чиз дар дунёст.

**2)** Ганҷ бе ранҷ нест.

**3)** Обу оташ ошноӣ надоранд.

**4)** Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ.

**5)** Ба одамони бад некӣ накун, ки худат зиён мебинӣ.

**88** **Суханҳои зерин мазмуни кадом байти Бадриддини Ҳилолиянд?**

**A)** Дар ҳар коре андозаро нигоҳ доштан шарти адаб бошад, ки андоза нигоҳ доштан ба ҳама хушоянд аст.

**B)** Бо касе, ки дар вақти доро буданаш дӯст будӣ, дар нодориаш низ дӯстии ӯро аз хотир набарор.

**C)** Одами дурӯя ва булҳавас наметавонад бовафо ва содиқ бошад.

**D)** Вақте ки бо касе аҳду паймон бастӣ, бояд онро то охир нашиканӣ.

**1)** Ба ҳар кас рӯзи неъмат аҳд бастӣ,
Фаромӯшаш макун дар тангдастӣ.

**2)** Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб, ки хоҳӣ, дар миён ой.

**3)** Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.

**4)** Гуле, к-он ҳар замон бошад ба ҷое,
Намеояд аз ӯ бӯи вафое.

**5)** Ҳама корат ба қадри хеш бояд,
Зи қадри худ на кам, на беш бояд.

**89** **Маънои байтҳои Камолиддини Биноиро муайян намоед:**

**A)** Эй писар, дар сухан тааммул кун,
Баду неки сухан тахайюл кун.

**B)** Соҳиби илм ҳар куҷо бошад,
Ҳама кораш ба муддао бошад.

**C)** Бо бузурге, ки илм ёр шавад,
Дар бузургӣ яке ҳазор шавад.

**D)** Ҳарфи неку агарчи дурр гӯйӣ,
Некӣ аз вай равад, чу пур гӯйӣ.

**1)** Илму маърифат мақому мартабаи бузургонро меафзояд.

**2)** Ҳар кӣ бомаърифат аст, корҳояш табъи дил ва мувофиқи мақсад бошад.

**3)** Ҳар кӣ илму маърифат дорад, сухан бисёр нагӯяд.

**4)** Аввал андеша кун, пас аз он забон ба гуфтор биовар.

**5)** Сухани хуб чун гавҳар аст, вале чун ба такрор гуфта шавад, хубӣ аз вай биравад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**90** **Муайян кунед, ки порчаҳо аз кадом асар оварда шудаанд?**

**A)** Аммо ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст. Ҳунарманд ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар ҳар ҷо, ки равад, луқма чинад ва сахтӣ бинад.

**B)** Боре дар пойтахти императори рус будам... Шабе аз хоб барҷастам, бинобар тараддуди мардум ба кӯча давидам. Ҳама рафиқон рафтаанд, сабаб пурсидам, гуфтанд: Маҳалле оташ гирифта, ба тамошо баромаданд.

**C)** Лӯлие бо писари худ моҷаро мекард, ки “ту ҳеч коре намекунӣ ва умр дар батолат ба сар мебарӣ. Чанд бо ту гӯям, ки муаллақ задан биёмӯз, саг аз чанбар ҷаҳонидан ва расанбозӣ таълим кун, то ки аз умри худ бархурдор шавӣ...”

**D)** Сухан, ки бар мардум намойӣ, накутарин намой, то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш.

**1)** “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш

**2)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**3)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**4)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**5)** “Рисолаи дилкушо”-и Убайди Зоконӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**91** **Муайян кунед, ки ин суханҳо аз кадом асаранд:**

**A)** Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.

**B)** Ҳар кӣ атвори неку бад гирад,
Ҳама аз ҳамнишини х(в)ад гирад.

**C)** Пас забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст.

**D)** Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.

**1)** “Беҳрӯзу Баҳром”-и Камолиддини Биноӣ

**2)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**3)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**4)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**5)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**92** **Муайян кунед, ки ин суханҳо аз кадом асаранд:**

**A)** Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос.

**B)** Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи дили падару модар нахоҳӣ ва хор надорӣ... Ҳаққи падару модар, агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хирад ва мардумӣ бингар...

**C)** Эй писар, кам гӯй бо мардум дурушт,
В-ар бигӯӣ, бар ту гардонанд пушт.

**D)** Бузургмеҳр забон бикушод ва гуфт:
- Аз устоди худ пурсидам: "Эй устод, аз Худои азза ва ҷалла чӣ хоҳам, ки ҳамаи некуиҳо хоста бошам"?
Гуфт:
- Се чиз: тандурустӣ, амонӣ ва тавонгарӣ.

**1)** "Зафарнома"-и Абуалӣ ибни Сино

**2)** "Пандномa"-и Аттори Нишопурӣ

**3)** "Ганҷнома"-и Абдуллоҳи Ансорӣ

**4)** "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ

**5)** "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**93** **Муайян кунед, ки ин суханҳо аз кадом асаранд:**

**A)** Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун... Ва ҳар чӣ гӯйӣ, рост гӯй...

**B)** Ҳар кӣ шуд ҳамнишини шуъла чу дуд,
Шуъла дар вай гирифта бинӣ зуд.

**C)** Якеро гуфтанд:
- Олими беамал ба чӣ монад?
Гуфт:
- Ба занбӯри беасал.

**D)** Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,
Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.

**1)** "Беҳрӯзу Баҳром"-и Камолиддини Биноӣ

**2)** "Хайр ва Шар"-и Низомии Ганҷавӣ

**3)** "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ

**4)** "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус

**5)** "Ғазалиёт"-и Бадриддини Ҳилолӣ

**94** **Масъалаҳои додашуда дар кадом асар баррасӣ шудаанд?**

**A)** Ҳуҷуми арабҳо, разми Виркан ва Ёдхишетак, ғоратгариҳои Молик Ибн-ур-Райб

**B)** Ҳодисаю воқеаҳои давраи бачагии адиб, зиндагӣ ва таҳсил дар Бухоро, ошноӣ бо одамони бузурги замон

**C)** Муносибату муоширату андешаю одатҳои хубу аҷиби одамҳои калонсол – Зиёамак ва Аҳрорамак

**D)** Мазаммати танбалӣ, фиребгарӣ, ошнобозӣ ва дузанагӣ

**1)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**2)** “Одамони куҳна”-и Фазлиддин Муҳаммадиев

**3)** “Иншо дар мавзуи озод”-и Ҷумъа Одина

**4)** “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ

**5)** “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**95** **Муайян кунед, ки ин суханҳо аз кадом асаранд:**

**A)** Ҳар кӣ илм хонду амал накард, бадон монад, ки гов ронду тухм наафшонд.

**B)** Гуфтам:
- Чӣ кунам, ки бар табиб ҳоҷат набошад?
Гуфт:
- Кам хӯрдан, кам хобидан ва кам гуфтан.

**C)** Ҳама сар ба сар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред.

**D)** Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.

**1)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**2)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**3)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**4)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**5)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**96** **Муайян кунед, ки ин суханҳо аз кадом асаранд:**

**A)** Се кор аз се гурӯҳ зишт ояд: тундӣ аз подшоҳон, ҳирс бар мол аз доноён ва бухл аз тавонгарон.

**B)** Гуфтам:
- Некуӣ беҳтар ё аз бадӣ дур будан?
Гуфт:
- Аз бадӣ дур будан сари ҳамаи некуиҳост.

**C)** Баъди навмедӣ басе умедҳост,
Аз паси зулмат басе хуршедҳост.

**D)** Мехоҳам аз вуҳуш замоне сухан кунам,
Дафъи малол то шавад аз табъи мардумон.

**1)** "Зафарнома"-и Абуалӣ ибни Сино

**2)** "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**3)** "Баҳориёт"-и Саййидои Насафӣ

**4)** "Панднома"-и Аттори Нишопурӣ

**5)** "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**97** **Муайян кунед, ки ин суханҳо аз кадом асаранд:**

**A)** Эй писар, бояд ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад... Сухан, ки бар мардумон намоӣ, накутарин намой ...

**B)** Гуфтам:
- Чӣ чиз аст, ки донишро биафзояд?
Гуфт:
- Ростӣ.

**C)** Луқмони Ҳакимро гуфтаанд:
- Адаб аз кӣ омӯхтӣ?
Гуфт:
- Аз беадабон: ҳар чӣ аз онҳо дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам.

**D)** Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ!

**1)** "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ

**2)** "Панднома"-и Аттори Нишопурӣ

**3)** "Беҳрӯзи Баҳром"-и Камолиддини Биноӣ

**4)** "Зафарнома"-и Абуалӣ ибни Сино

**5)** "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус

**98** **Байтҳои додашуда аз кадом достони Мирзо Турсунзодаанд?**

**A)** Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.
Ҷустуҷӯ мекард он инсофро,
Осмони софи кӯҳи Қофро.

**B)** Ҳеҷ шунидӣ гапи садсоларо,
Қиссаи деринаи Банголаро?...
Нақл намоянд, ки аз Ғарби тор,
Кард сафар бандаи кибру виқор.

**C)** Шабе, ки то саҳар бедор будам,
Мушавваш, тангдил, ночор будам.
Нахуфтам, доштам уммедворӣ,
Диламро мефишорид интизорӣ.

**D)** Кӯдаке мегашт бо қуттии худ,
Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.
Метавонистӣ, ки дар чашмони ӯ
Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.

**1)** "Ҳасани аробакаш"

**2)** "Меҳмони мағрибӣ"

**3)** "Сайёҳи Ҳинд"

**4)** "Чароғи абадӣ"

**5)** "Духтари муқаддас"

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**99** **Симоҳои қиссаи "Одамони кӯҳна"-и Фазлиддин Муҳаммадиевро муайян намоед**:

**A)** Зиёбобо

**B)** Ойшахон

**C)** Иқболхола

**D)** Аҳрорамак

**1)** Аслаш аз Исфара аст. Ҷиддӣ аст ва дар назари аввал шахси мутакаббир ва ҳавобаланд менамояд, аммо дар асл бисёр ҳалим ва меҳрубон аст.

**2)** Солхӯрда аст, аммо корҳои хона дар ихтиёри ӯст. Дар вуҷудаш гӯё хуни ҷавонӣ ҷӯш мезанад ва бисёр чолок аст.

**3)** Ҳалиму меҳрубон аст, ба касе "не" гуфта наметавонад. Аризаи мӯйсафедро барои манъи сохтмони дукони арақфурӯшӣ навишта медиҳад.

**4)** Завҷаи меҳрубон аст, доимо шавҳарашро бо номҳои "хӯҷаин", "соҳиб", "муаллим" хитоб мекунад.

**5)** Аслаш аз ӯзбекҳои фарғона буда, ҳоло танҳост. Як писар дорад, ки соле ҳашт моҳ дар кӯҳу дараҳо гашта, кони маъдан мековад, геолог аст.

**100** **Аз маънои байт муайян кунед, ки он аз кадом шеър гирифта шудааст:**

**A)** Ба ҷои дур меравад дилам ҳамеша сӯйи ту,
Шудам калону омадам кунун
ба ҷустуҷӯйи ту.

**B)** Пас дари илм ба ман бикшодӣ,
Ақлу идроку заковат додӣ.

**C)** Каманди бандагӣ бар гардани
бечорагон маҳкам,
Зи банди сабҳа шуд, ё риштаи зуннор,
ё ҳар ду?

**D)** Бори гарони меҳнат бар дӯши худ кашидӣ,
То сарбаланд гардӣ, бисёр сар хамидӣ.

**1)** “Ватан”-и Абулқосим Лоҳутӣ

**2)** “Корези Фирдавсӣ”-и Лоиқ Шералӣ

**3)** “Шаҳри азизам”-и Аминҷон Шукуҳӣ

**4)** “Мавҷи бародарӣ”-и Муъмин Қаноат

**5)** “Халқи бузургворам”-и Боқӣ Раҳимзода

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**101** **Аз маънои байт муайян кунед, ки он аз кадом шеър гирифта шудааст:**

**A)** Зи лавҳаҳои мармарин ба ҳирс
ҷуста номи ту,
Бикофтам, наёфтам нишони ноаёни ту.

**B)** Ту ба оғӯши худат чандин сол,
Парвариш кардӣ маро ҳамчу ниҳол.

**C)** Ба қатлу ғорати деҳқону
истисмори заҳматкаш,
Фақат масҷид бувад бонӣ ва ё дарбор,
ё ҳар ду?

**D)** Фасли баҳор дидам пур аз ғубор рӯят,
Бо қомати хамида дар киштзор рӯят.

**1)** “Ватан”-и Абулқосим Лоҳутӣ

**2)** “Халқи бузург-ворам”-и Боқӣ Раҳимзода

**3)** “Шаҳри азизам”-и Аминҷон Шукуҳӣ

**4)** “Корези Фирдавсӣ”-и Лоиқ Шералӣ

**5)** “Мавҷи бародарӣ”-и Муъмин Қаноат

**102** **Аз маънои байт муайян кунед, ки он аз кадом шеър гирифта шудааст:**

**A)** Замони кӯдакии ман ту аз ҳама калон будӣ,
Миёни аҳли деҳи мо ҷавони паҳлавон будӣ.

**B)** Ман зи айёми ҷавонӣ ба барат
Ёфтам нашъунамо чун писарат.

**C)** Бинои зулму истибдоди
синфи муфтхӯр вайрон,
Зи чаккуш мешавад, ё доси ҷавҳардор,
ё ҳар ду?

**D)** Ҳар қатраи ҷабинаш бо шеър баркашидам,
Оре, ба риштаи назм дурру гуҳар кашидам.

**1)** “Корези Фирдавсӣ”-и Лоиқ Шералӣ

**2)** “Мавҷи бародарӣ”-и Муъмин Қаноат“

**3)** “Халқи бузург-ворам”-и Боқӣ Раҳимзода“

**4)** “Ватан”-и Абулқосим Лоҳутӣ

**5)** Шаҳри азизам”-и Аминҷон Шукуҳӣ

**103** **Муайян кунед, ки байтҳо аз кадом шеъри Муҳиддин Аминзода гирифта шудаанд:**

**A)** Хотири худро ба боғи илму фан
Хурраму масрур мебояд намуд.
Як тараф тарғибу ташвиқотро,
В-аз дигар сӯ зӯр мебояд намуд.

**B)** Манам донаро карда андар бағал,
Пайи туъмаи мардуми камбағал.
Ҳама халқро зиндагӣ бо ман аст,
Ду чашми халоиқ суи хирман аст.

**C)** Гар зи хатту савод бехабарӣ,
Доимо зери панҷаи зарарӣ.
Рав ба мактаб, хату савод омӯз,
Ин туро нафъи ҷовидон бошад.

**D)** Ба бахти хеш худ ҳастӣ сабабгор,
Ба бадбахтӣ худат ҳастӣ гунаҳкор.
Набояд кард он коре, ки бад кард,
Бадӣ номи касон бад то абад кард.

**1)** “Ба фарзандам”

**2)** “Бесаводӣ балои ҷон бошад”

**3)** “Мо ҷанг намехоҳем”

**4)** “Хӯша ва деҳқон”

**5)** “Таълими умумии маҷбурӣ”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**104** **Маънои байтҳои зеринро аз шеъри “Ба фарзандам”-и Муҳиддин Аминзода муайян кунед:**

**A)** Бадӣ гар дар рухат доғе нишонад,
Натанҳо ман, ҳама лаънат бихонад.

**B)** Ба бахти хеш худ ҳастӣ сабабгор,
Ба бадбахтӣ худат ҳастӣ гунаҳгор.

**C)** Набояд кард он коре, ки бад кард,
Бадӣ номи касон бад то абад кард.

**D)** Раҳи бадро ҳамеша чоҳ дар пеш,
Дар охир рафта меафтӣ, биандеш.

**1)** Шахси бадкирдор дар ҷомеа мавқеи сазовор надорад.

**2)** Ҳар некиву бадие, ки ба сари инсон меояд, аз худаш вобаста аст.

**3)** Ба инсони бадрафтору бадкирдор ҳама лаънат мехонанд.

**4)** Аз шахси бадрафтору бадкирдор ҳамеша ба бадӣ ёд мекунанд.

**5)** Ҳар кӣ ба дигарон бадӣ мекунад, оқибат ба бадӣ гирифтор хоҳад шуд.

**105** **Маънои байтҳои Муҳиддин Аминзодаро муайян кунед:**

**A)** Аз чароғи илму нури маърифат,
Хонаро пурнур мебояд намуд.

**B)** Аз паи илму маърифат кӯшед,
Пешрафти шумо бар он бошад.

**C)** Гар зи хатту савод бехабарӣ,
Доимо зери панҷаи зарарӣ.

**D)** Кори ҳаққонӣ ба ҳар ҷо ғолиб аст,
Поквиҷдон халқи дунё ғолиб аст.

**1)** Илму дониш инсонро осудахотир ва рӯҳашро болида мегардонад.

**2)** Садоқату поквиҷдонӣ дар ҳама кор инсонро ба пирӯзӣ мерасонад.

**3)** Инсон бояд ҳамеша дар пайи илму маърифат бошад ва аз нури он вуҷудашро мунаввар намояд.

**4)** Шахси камсаводу беилм дар зиндагӣ доим дар ранҷ аст.

**5)** Пирӯзӣ ва муваффақияти ҳар як миллат аз илму маърифат вобаста аст, пас бояд дар пайи омӯзиши илму маърифат буд.



Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**106** **Маънои байтҳоро аз шеъри “Муаллим”-и Боқӣ Раҳимзода муайян кунед:**

**A)** То сарбаланд бошам,
бисёр сар хамидӣ,
Бори гарони меҳнат
бар дӯши худ кашидӣ.

**B)** Дар гиру дори ҳастӣ,
гуфтӣ, ки боҳунар шав,
Бар авҷ сар кашидӣ,
аз қаър бохабар шав.

**C)** Омӯхта бароям
дунёи гуфтугӯро,
Во карда пеши чашмам
дунёи орзуро.

**D)** Омӯзгор он гаҳ
мамнуну бахтиёр аст,
Шогирди бовафояш
бар халқ ифтихор аст.

**1)** Муаллим касест, ки ба шогирд суханро меомӯзад ва ӯро ба олами орзуҳояш роҳнамоӣ мекунад.

**2)** Барои ба камол расидан ва бомаърифат шудани шогирдон муаллим ранҷи зиёд мекашад.

**3)** Тақдири миллат ба муаллим вобастагӣ дорад ва аз ин ҷиҳат ӯ шахси соҳибэътибор аст.

**4)** Муаллим замоне худро хушбахт меҳисобад, ки шогирдаш ба халқу миллат хизмати содиқона намояд.

**5)** Муллим ба шогирдон дар баробари ҳунар омӯхтан дар авҷи шуҳрату камол тарк накардани инсониятро талқин менамояд.

**107** **Масъалаҳои додашуда дар кадом асар инъикос ёфтаанд?**

**A)** орзуи модар, ки тифли нозанинаш калон ва бофазлу доно шавад

**B)** ишқи ёр, ифтихор аз ватану миллат, дар ёди миллат зинда будани номи Лоиқ

**C)** иззату эҳтиром, донистани қадри ёрони ҷонӣ

**D)** муқоисаи баҳори зебову мағрур бо духтарони хоксору ҳунарманди тоҷик, ки дасти эъҷози онҳо Тоҷикистонро мафтункунанда сохтааст

**1)** “Рубоиёт”-и Гулназар

**2)** “Муҳаббати модар”-и Эраҷ Мирзо

**3)** “Тоҷу давлат”-и Ғаффор Мирзо

**4)** “Дар сари гаҳвора”-и Ғаффор Мирзо

**5)** “Дӯст”-и Ғаффор Мирзо

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**108** **Муайян намоед, ки суханҳои зерин мазмун ва мундариҷаи кадом шеъранд:**

A) Кӯшиш инсонро ба мақсад мерасонад, пойдорӣ дар корҳо душвориҳоро осон мегардонад.

B) Варзандагӣ мояи зиндагӣ ва асоси тандурустист, аммо фарҷоми сустӣ сарафгандагист. Пас, кӯшандаву ҷӯянда бояд буд.

C) Дар кунҷи зиндон будану ба сахтиҳо зиндагӣ кардан, ба мӯ кӯҳи гаронеро кашидану ба мижгон санги хороро буридан аз зиндагӣ дар асорати бегонагон осонтар аст.

D) Миллате, ки озодӣ надорад, хушҳол нест ва ба монанди мурғест, ки бол надорад.

1) “Иди Наврӯз”-и Эраҷ Мирзо

2) “Сахт ва мушкил”-и Абдулҳақи Бетоб

3) “Неъмати истиқлол”-и Абдулҳақи Бетоб

4) “Варзиш”-и Маликушшуаро Баҳор

5) “Чашма ва санг”-и Маликушшуаро Баҳор

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**109** **Муайян кунед, ки ин суханҳо ба кадом мисраъҳои “Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мувофиқанд?**

A) Муаллиф аз гузаштагон мерос мондани ватанро зикр намуда, барои ояндагон боқӣ гузоштани кишвари ободу озодро таъкид менамояд.

B) Муаллиф ватанро ҳамчун модар медонад ва осудагии хонаводаашро ба осудаю бардавом мондани ватан вобаста медонад.

C) Муаллиф аз таърихи қадима доштани миллаташ ифтихор намуда, омода будани мардумро барои хидмат ба ватан баён намудааст.

D) Муаллиф сарбаланд будани кишварашро бахти худ медонад ва барои диёраш орзуи сарбаландию саодат ва дур будан аз офатҳоро кардааст.

1) Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф
кашидаем, кашидаем...

2) Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи
ту баланд бод!
Саодати ту, давлати ту
бегазанд бод!...

3) Барои ному нанги мо
Ту аз умеди рафтагони
мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон
ҷаҳони ҷовидонаӣ...

4) Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои
хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми
ҷисму ҷони мо!...

5) Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон
ҳабиби мост, ҳабиби мост!...

**110** **Дар кадом шеър ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ шудааст?**

**A)** донистани қадри модар, ки дар дунё ҳеҷ кас бештар аз ӯ барои фарзанд заҳмат намекашад

**B)** эҳтиром ба омӯзгор, ки мисли падар бузург ва роҳбари олами маонист ва ҳам тақдири насли миллат бар зиммаи ӯ бор аст

**C)** иззату эҳтиром, наку донистани қадри омӯзгор, ки ҳар чӣ медонист ба шогирдаш омӯхт

**D)** муқоисаи писари хуб ва бад: писари хуб дар ҳар ҷашн ба хидмати модар ва дастбӯси падар ояд, вале писари бад не

**1)** "Муаллим"-и Боқӣ Раҳимзода

**2)** "Муҳаббати модар"-и Эраҷ Мирзо

**3)** "Иди Наврӯз"-и Эраҷ Мирзо

**4)** "Қадри устод"-и Эраҷ Мирзо

**5)** "Дар сари гаҳвора"-и Ғаффор Мирзо

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**111** **Шарҳи муносиби байтҳои Эраҷ Мирзоро интихоб кунед:**

**A)** Гуфт устод: "Мабар дарс аз ёд!"
Ёд бод он чӣ маро гуфт устод!

**B)** Ҳеҷ ёдам наравад ин маънӣ,
Ки маро модари ман нодон зод.

**C)** Падарам низ чу устодам дид,
Гашт аз тарбияти ман озод.

**D)** Пас маро миннат аз устод бувад,
Ки ба таълими ман устод истод.

**1)** Муаллимонро ҳамеша ба некӣ ба хотир меорам ва ваъда медиҳам, ки дарсҳоямро хуб мехонам.

**2)** Муаллим (хотирааш гиромӣ бод!) ҳамеша таъкид мекард, ки сабақҳоямро фаромӯш накунам.

**3)** Ҳаргиз инро фаромӯш намекунам, ки ман бесавод ба дунё омадаам.

**4)** Омӯзишу таълими ман фақат ба ухдаи муаллим гузошта шуд.

**5)** Барои ҳамин ҳамеша аз муаллимам сипосгузорам, ки маро тарбия ва омӯзиш дод.

**112** **Шарҳи муносиби байтҳои Эраҷ Мирзоро интихоб кунед:**

**A)** Ҳарчи медонист омӯхт маро,
Ғайри як асл, ки ногуфта ниҳод.

**B)** Қадри устод наку донистан,
Ҳайф, устод ба ман ёд надод.

**C)** Гар бимурдааст, равонаш пурнур
В-ар бувад зинда, Худо ёраш бод!

**D)** Пас маро миннат аз устод бувад,
Ки ба таълими ман устод истод.

**1)** Аз муаллим бисёр сипосгузорам, ки дар омӯзишу тарбияи ман заҳмати зиёд кашидааст.

**2)** Ҳамаи чизҳоеро, ки худ омӯхта буд, ба ман ёд дод, ба ҷуз як нукта.

**3)** Ҳоло ман афсӯс мехӯрам, ки дарсҳои додаи муаллимонро хуб ёд нагирифтам.

**4)** Агар даргузашта бошад, руҳаш шод ва агар зинда бошад, умраш дароз бод!

**5)** Ҳурмату арҷгузории шоиста ба худашро муаллим ба мо наомӯхт.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**113** **Шарҳи муносиби байтҳои Эраҷ Мирзоро интихоб кунед:**

**A)** Писар, рав қадри модар дон, ки доим,
Кашад ранҷи писар, бечора модар.

**B)** Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад,
Туро беш аз падар, бечора модар.

**C)** Зи ҷон маҳбубтар дораш, ки дорад,
Зи ҷон маҳбубтар, бечора модар.

**D)** Нигаҳдорӣ кунад нуҳ моҳу нуҳ рӯз,
Туро, чун ҷон ба бар, бечора модар.

**1)** Модар туро бештар аз ҳама дӯст медорад, пас ба қадри ин дӯстдории ӯ расидан лозим аст.

**2)** Ӯро аз руҳу равонат ҳам бештар дӯст дор, зеро ки ӯ туро аз худаш ҳам азизтар медонад.

**3)** Бояд эҳтироми модарро ба ҷо орем, зеро барои мо заҳмати зиёд кашидааст.

**4)** Агар ҳамаи дунёро ба модар ҳадя кунӣ ҳам, наметавонад ба андозаи як шаб бедории ӯ барои ту бошад.

**5)** Муддати зиёде туро мисли ҷон дар батнаш парвариш мекунад, бояд арзиши ин корро дарёбӣ.

**114** **Масъалаҳои додашуда дар кадом асар баррасӣ шудаанд?**

**A)** Ҳуҷуми арабҳо, разми Виркан ва Ёдхишетак, ғоратгариҳои Молик Ибн-ур-Райб

**B)** Ҳодисаю воқеаҳои давраи бачагии адиб, зиндагӣ ва таҳсил дар Бухоро, ошноӣ бо одамони бузурги замон

**C)** Муносибату муошират ва андешаю одатҳои хубу аҷиби одамҳои калонсол – Зиёамак ва Аҳрорамак

**D)** Мазаммати танбалӣ, фиребгарӣ, ошнобозӣ ва дузанагӣ

**1)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**2)** “Одамони куҳна”-и Фазлиддин Муҳаммадиев

**3)** “Иншо дар мавзуи озод”-и Ҷумъа Одина

**4)** “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ

**5)** “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**115** **Масъалаҳои додашуда дар кадом асар баррасӣ шудаанд?**

**A)** Ҳуҷуми чингизиён ба Хуҷанд, мудофиаи шаҳр ва корнамоиҳои мардум бо роҳбарии ҳокими Хуҷанд

**B)** Ҳодисаю воқеаҳои давраи бачагии адиб – вафоти падару модар дар вабои умумӣ

**C)** Мардонагию ҷоннисории сарбозони содиқи Ватан Сафар Одинаев, Мамараҷаб ва дигарон

**D)** Хислату рафтор, муносибатҳои дӯстонаи ҷӯраҳои ҳамсолу ҳамсинф Алиҷону Азиз

**1)** “Панҷи нооромˮ-и Мирсаид Миршакар

**2)** “Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик”-и Садриддин Айнӣ

**3)** “Вафо”-и Фотеҳ Ниёзӣ

**4)** “Ду моҳи пурмағал”-и Абдумалик Баҳорӣ

**5)** “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ

**116** **Ин суханҳо ба қалами кадом шоир мансубанд?**

**A)** Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман
Модар яктост, Тоҷикистон яктост!

**B)** Вале ман дар ҳама ҷо,
дар ҳама кунҷу канори даҳр
Ҳамеша бо Ватан будам,
ҳамеша бо Ватан масрур.

**C)** Тоҷикистон, сари ҳар санги ту
бар ман Ватан аст,
Бари ҳар буттаи хори ту бароям чаман аст.

**D)** Танида ёди ту дар тору пудам,
Меҳан, эй Меҳан!
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам,
Меҳан, эй Меҳан!

**1)** Абулқосим Лоҳутӣ
**2)** Бозор Собир
**3)** Мирзо Турсунзода
**4)** Лоиқ Шералӣ
**5)** Гулрухсор

**117** **Муайян кунед, ки ин суханҳо ба қалами кадом шоир мансубанд:**

**A)** Агарчанде дилам доғи Бухорост,
Душанбе ҳам Бухоро шуд, муборак!

**B)** Мазори Мири Сомон дар Бухорост,
Мақоми Оли Сомонӣ, Душанбе.

**C)** Тахти Сомон дар Бухоро
гар фурӯ афтода буд,
Ҳайкалаш андар Душанбе
шаҳриёри ваҳдат аст.

**D)** Аҷаб шаҳри дилорой, Душанбе,
Хаёлам зеби дунёй, Душанбе.

**1)** Низом Қосим
**2)** Шаҳрия
**3)** Боқӣ Раҳимзода
**4)** Гулназар
**5)** Меҳринисо

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**118** **Муайян кунед, ки ин суханҳо ба қалами кадом шоир мансубанд:**

**A)** Ватан, дар ҳар куҷо омад,
ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту.

**B)** Дар пайкари гарми ту Душанбе ҷон аст,
Хоки туву ҷисми ман, Ватан, яксон аст.
Эй Меҳани ман, Меҳани ман, Меҳани ман,
Ҳар узви замини туст узви тани ман.

**C)** Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст.
Бо хасу хорат баробар
зиндагӣ кардан бас аст.

**D)** Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман.
Ватани кору хонаи ишқам,
Табъи шеъру таронаи ишқам!

**1)** Бозор Собир
**2)** Абулқосим Лоҳутӣ
**3)** Мирзо Турсунзода
**4)** Боқӣ Раҳимзода
**5)** Камол Насрулло

**119** **Муайян кунед, ки ин байтҳо аз кадом шеърҳо ё асарҳоянд:**

**A)** Бародар бар бародар гар зафар кард,
Ба олам хешро шармандатар кард.
Аё волӣ, мадеҳ бар Наср озор,
Каси доно набошад тундкирдор!

**B)** Лек не Маҳмуд инъомаш бидод,
Не замини ҳамдеҳонаш об хӯрд.
Шоир андар орзуи ҷӯйи об
Ҳамчу оби ҷӯй печу тоб хӯрд.

**C)** Ватани кору хонаи ишқам,
Табъи шеъру таронаи ишқам!
Ваҳ, чӣ рахшонӣ, эй шарораи сурх,
Ҷон фидои ту, эй ситораи сурх!

**D)** Моро Ватану модару ҷонона азиз аст,
Меҳри дилу ободии ҳар хона азиз аст.
Осудагию кори далерона азиз аст,
Ҳар як қадами худ ба ҳамин азм гузорем.

**1)** “Ба Тоҷикистон”-и Абулқосим Лоҳутӣ
**2)** “Мо толиби сулҳем”-и Аминҷон Шукӯҳӣ
**3)** “Мо ҷанг намехоҳем”-и Муҳиддин Аминзода
**4)** “Корези Фирдавсӣ”-и Лоиқ Шералӣ
**5)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**120** **Аз маънои байтҳо муайян кунед, ки аз кадом шеър гирифта шудаанд?**

| | |
|---|---|
| **A)** Фасли баҳор дидам пур аз ғубор рӯят,<br>Бо қомати хамида дар киштзор рӯят. | **1)** “Ватан”-и<br>Абулқосим Лоҳутӣ |
| **B)** Ба хандаҳои ғамбарор чу мавҷҳои беқарор,<br>Нигоҳи туст ошкор, ҳаёти туст пойдор. | **2)** “Ба модарам”-и<br>Лоиқ Шералӣ |
| **C)** Гулгункафанонро чӣ баҳору чӣ зимистон,<br>Хунинҷигаронро чӣ биёбон, чӣ гулистон. | **3)** “Халқи бузургворам”-и<br>Боқӣ Раҳимзода |
| **D)** Каманди бандагӣ дар<br>гардани бечорагон маҳкам,<br>Зи банди сабҳа шуд<br>ё риштаи зуннор, ё ҳар ду? | **4)** “Мавҷи бародарӣ”-и<br>Муъмин Қаноат |
| | **5)** “Наврӯзи оворагон”-и<br>Халилуллоҳи Халилӣ |

**121** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом шеъри Лоиқ Шералӣ меравад:**

| | |
|---|---|
| **A)** Аввалин шеъри ӯст ва соли 1959 дар маҷаллаи “Садои Шарқ” чоп шудааст. | **1)** “Корези Фирдавсӣ” |
| **B)** Дар ин шеър дар симои модари худаш симои тамоми модарони кӯҳистонии тоҷикро бо маҳорати баланд тасвир кардааст. | **2)** “Забонгумкарда” |
| **C)** Дар ин шеър сухан дар бораи аҳаммияти забони модарӣ ва фаромӯш накардани он меравад. | **3)** “Дасти дуои модар” |
| **D)** Ин шеър дар бораи заҳматҳои Абулқосими Фирдавсӣ дар навиштани “Шоҳнома” ва ҷовидонӣ шудани номи ӯст. | **4)** “Ба модарам” |
| | **5)** “Ном” |

**122** **Дар кадом шеър ба масъалаҳои зерин тавоҷҷуҳ шудааст?**

| | |
|---|---|
| **A)** Нерӯи бузурги меҳри модар, ки ҳатто нуру гармии Офтоб ба он баробар шуда наметавонад. | **1)** “Ай зан”-и<br>Маликушуаро Баҳор |
| **B)** Бадтарини корҳо дар ҷаҳон фаромӯш кардани забони модарист. | **2)** “Қадри модар”-и<br>Эраҷ Мирзо |
| **C)** Дар парваридани фарзанд ҳеҷ касе дар ҷаҳон бештар аз модар ранҷу заҳмат намекашад. | **3)** “Дар сари гаҳвора”-и<br>Ғаффор Мирзо |
| **D)** Ширинию зебоии фарзанд барои модар ва орзуи модар, ки фарзандаш калон ва бофазлу доно шавад. | **4)** “Забонгумкарда”-и<br>Лоиқ Шералӣ |
| | **5)** “Ҳурмати мӯи сафедаш”-и<br>Аминҷон Шукӯҳӣ |



Дар сомона ройгон! www.ntc.tj

**123** **Муаллифи байтҳоро муайян намоед:**

**A)** Орзуе дошт Фирдавсӣ ба дил,
Ранҷи чандинсола гар судаш диҳад,
Баҳри подоши суханҳои баланд
Силае гар шоҳ Маҳмудаш диҳад...

**B)** Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

**C)** Писар, рав қадри модар дон, ки доим
Кашад ранҷи писар, бечора модар.
Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад
Туро беш аз падар, бечора модар...

**D)** Шаҳри ман, кишвари ман, дилбари ман,
Наравад ишқи ту дур аз сари ман.
Ман зи айёми ҷавонӣ ба барат
Ёфтам нашъунамо чун писарат...

**1)** Садриддин Айнӣ

**2)** Лоиқ Шералӣ

**3)** Аминҷон Шукӯҳӣ

**4)** Муҳиддин Аминзода

**5)** Эраҷ Мирзо

**124** **Шарҳи дурусти байтҳои Ҳабиб Юсуфиро интихоб кунед:**

**A)** Ватан, чу нағмасарой аст
дил зи ишқи ту,
Туро хазинаи
илҳоми хештан гӯяд.

**B)** Дар оғӯши ту ҳазорон
диёру шаҳр бувад,
Ба ҳар кӯҷо-т равам,
дил диёри ман гӯяд.

**C)** Ҳазору як сифататро
адо нахоҳад кард,
Ҳазор шоир,
агар асрҳо сухан гӯяд.

**D)** Қалам ба даст бигирам,
ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама пештар
Ватан гӯяд.

**1)** Ту ҳазору як хосият дорӣ ва агар ҳазорон шоир қарнҳо васфи туро кунанд ҳам, наметавонанд ҳамаи хубиҳои туро баён кунанд.

**2)** Барои ободию озодии ватан ҳамаи мардуми он ҳозир ҳастанд тамоми дороии худро фидо кунанд ва ҳатто тану ҷони худро дареғ надоранд.

**3)** Шоир ошиқи ватанаш аст. Вақте мехоҳад даҳонашро барои сухан гуфтан боз кунад, аввалин калимае, ки бар забонаш ҷорӣ мешавад, калимаи “Ватан” аст.

**4)** Ватан паҳновар аст ва шаҳрҳову деҳаҳои зиёдеро фаро мегирад. Ба ин сабаб, ҳамаи гӯшаву канори он барои шоир мисли зодгоҳи худаш азизу дӯстдоштанист.

**5)** Адиб кишварашро манбаи илҳоми худ медонад, зеро он боиси тарабнокӣ ва хушхонии мурғи дили шоир аст.

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**125** **Шарҳи муносиби байтҳо аз шеъри “Ба Ватан”-и Ҳабиб Юсуфиро интихоб кунед:**

**A)** Гар, Ватан, дилро ту мехоҳӣ,
фидо созам ба ҷон,
Дил барои меҳри ту, ай меҳри
ман, бошад макон.

**B)** Дил, бидон, аз баҳри ту як
лаҳза ҳам бегона нест,
Ҳамчу мурғе карда андар
шохи меҳрат ошён.

**C)** Ту чунон маҳбубаи
ошиқнавозӣ, меҳри ту
Ҷо гирифта дар дили
меҳнаткаши рӯи ҷаҳон.

**D)** Шавкати дил, шодии дил,
ҳастии дил бо ту аст,
Ҳарчӣ мехоҳӣ, бифармо, дил ба
фармонат равон.

**1)** Қалби ман туро ошноии худ медонад ва монанди парандае дар оғӯши ту ҷо гирифтааст.

**2)** Ту монанди ёри меҳрубон ҳастӣ ва ишқи ту дар қалби инсонҳои заҳматқарини олам ҷо шудааст.

**3)** Тамоми фараҳу хушии қалби ман бо туст, пас ҳарчи мехоҳӣ амр кун, барои иҷро омодаам.

**4)** Тамоми сахтиҳои олам дар оғӯши Меҳан ба осоиш табдил мешавад ва ҳамаи заҳро шаҳд мегардад.

**5)** Меҳан дар қалбам хона дорад ва агар зарур шавад, қалбамро дар роҳи ҳифзи кишвар мебахшам.

**126** **Шарҳи муносиби байтҳо аз шеъри “Ба Ватан”-и Ҳабиб Юсуфиро интихоб кунед:**

**A)** Аз чӣ ман дилро макон дар
синаи худ додаам?
З-он ки меҳри ту намуда
синаи дилро макон.

**B)** Хирмани ғамҳои дилро оташи
меҳри ту сӯхт,
Доимо дилро баҳор асту
баҳораш бехазон.

**C)** Дил дар оғӯши чу бустони ту
доим хуррам аст
Бо ҳазорон дилбарони
дилрабои дилситон.

**D)** Дил куҷо тоқат намояд,
душманат гар дам занад,
Аз барои дафъи ӯ кӯшиш
намояд ҳар замон.

**1)** Ишқи ту андӯҳи маро мебарад ва ба қалбам сарсабзию шукуфоӣ мебахшад.

**2)** Дар канори ту ҳамроҳ бо ёрони маҳбубу зебо қалбам мисли макони сарсабзу босафост.

**3)** Дар оғӯши босафои ту барои расидан ба орзуҳои худ то ҷон дорам, талошу кӯшиш хоҳам кард.

**4)** Барои он қалбро дар сина ҷо додаам, ки ишқи ту дар он хона дорад.

**5)** Агар аз ҷониби бегонае нисбат ба ту бадиеро эҳсос кунам, қалбам як лаҳза ҳам наметавонад сабр кунад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**127** **Аз маънои байт муайян кунед, ки он аз кадом шеър гирифта шудааст?**

**A)** Ба дида нақши рӯйи ту,
ба гӯш гуфтугӯйи ту,
Ҳанӯз аз димоғи ман
нарафтааст бӯйи ту.

**B)** Чу ба ҳуснат ту диламро бурдӣ,
Меҳр бастам ба ту ман аз хурдӣ.

**C)** Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман.

**D)** Баҳри сипоси хотир
дастат ҳамефишорам,
Минатпазирам аз ту доим
ба рӯзгорам.

**1)** “Ба Тоҷикистон”-и
Абулқосим Лоҳутӣ

**2)** “Корези Фирдавсӣ”-и
Лоиқ Шералӣ

**3)** “Шаҳри азизам”-и
Аминҷон Шукуҳӣ

**4)** “Мавҷи бародарӣ”-и
Муъмин Қаноат

**5)** “Муаллим”-и
Боқӣ Раҳимзода

**128** **Аз маънои байт муайян кунед, ки он аз кадом шеър гирифта шудааст?**

**A)** Ба ҷои дур меравад дилам
ҳамеша сӯйи ту,
Шудам калону омадам кунун ба
ҷустуҷӯйи ту.

**B)** Ту ба оғӯши худат чандин сол,
Парвариш кардӣ маро
ҳамчу ниҳол.

**C)** Ваҳ, чӣ рахшонӣ,
эй шарораи сурх,
Ҷон фидои ту, эй ситораи сурх!

**D)** Ҳарфе дуруст хондам,
аз шавқ медамидӣ,
Ноқис, ки менавиштам,
бар хеш метапидӣ.

**1)** “Ба Тоҷикистон”-и
Абулқосим Лоҳутӣ

**2)** “Муаллим”-и
Боқӣ Раҳимзода

**3)** “Шаҳри азизам”-и
Аминҷон Шукуҳӣ

**4)** “Мавҷи бародарӣ”-и
Муъмин Қаноат

**5)** “Корези Фирдавсӣ”-и
Лоиқ Шералӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**129** **Аз маънои байт муайян кунед, ки он аз кадом шеър гирифта шудааст?**

**A)** Замини Украинаро зи сару бар
қадам задам,
Ба ҳар диёр дар задам,
ба ҳар мазор дам задам.

**B)** Ман зи айёми ҷавонӣ ба барат,
Ёфтам нашъунамо чун писарат.

**C)** Бурҷи Машриқ агарчи хонаи туст,
Лек олам пур аз фасонаи туст.

**D)** То сарбаланд бошам, бисёр сар хамидӣ,
Бори гарони меҳнат
бар дӯши худ кашидӣ.

**1)** "Корези Фирдавсӣ"-и Лоиқ Шералӣ

**2)** "Мавҷи бародарӣ"-и Муъмин Қаноат"

**3)** "Муаллим"-и Боқӣ Раҳимзода

**4)** "Ба Тоҷикистон"-и Абулқосим Лоҳутӣ

**5)** Шаҳри азизам"-и Аминҷон Шукуҳӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**130** **Муайян кунед, ки байтҳо ба кадом ҷумлаҳо мувофиқанд?**

**A)** Туро рӯзе ба куштан
медиҳад ночор, Лоҳутӣ,
Забони ростгӯ, ё табъи оташбор,
ё ҳар ду!
Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Гар ба шарти пойбӯсӣ
сар бимонад бар танат,
Ҷон деҳу рад кун,
ки сарафкандагӣ даркор нест.
Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Ашки модар ганҷи гавҳарҳо шавад,
Мард аз он як қатра чун дарё шавад.
Халилуллоҳи Халилӣ

**D)** Эй гули нав, хор ба дилҳо машав,
Шохи каҷи бесару бепо машав.
Халилуллоҳи Халилӣ

**1)** Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.

**2)** Модар доштан аз тамоми сарвати рӯйи олам болотар аст.

**3)** Ҳаргиз боиси озори дигарон нашав!

**4)** Забони сурх сари сабзро бар бод медиҳад.

**5)** Мурдан дар озодӣ аз зиндагӣ дар ғуломӣ беҳтар аст.

**131** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом шоир ё нависанда меравад:**

| | |
|---|---|
| **A)** Соли 1916 дар оилаи мударрис, дар гузари Боғи Майдони шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ба ҳимояи Ленинград рафта, соли 1945 ҳалок шудааст. Бо ашъори ватандӯстонааш машҳур аст. | **1)** Лоиқ Шералӣ |
| **B)** Соли 1910 дар Сорбоғи Рашт ба дунё омадааст. Аввалин маҷмуааш соли 1945 бо номи “Ба фронт” чоп шудааст. Яке аз шеърҳои машҳури ӯ “Республикаи ман” аст. | **2)** Аминҷон Шукӯҳӣ |
| **C)** Соли 1928 дар оилаи саҳҳоф (ҷилдсоз) ба дунё омадааст. Донишкадаи адабии ба номи М. Горкийро хатм кардааст. Асарҳои “Одамони куҳна”, “Палатаи кунҷакӣ” ва ғайраро навиштааст. | **3)** Ҳабиб Юсуфӣ |
| **D)** Соли 1941 дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1963 Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанберо ба итмом расонидааст. Аввалин шеъраш “Ном” буда, бо шеъри “Ба модарам” ҳамчун шоир шинохта шудааст. | **4)** Боқӣ Раҳимзода |
| | **5)** Фазлиддин Муҳаммадиев |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**132** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Соҳилҳо” | **1)** Бозор Собир |
| **B)** “Иншо дар мавзуи озод” | **2)** Ҷумъа Одина |
| **C)** “Заволи Чамбули Мастон” | **3)** Сафармуҳаммад Айюбӣ |
| **D)** “Кӯчабоғи ошиқон” | **4)** Аминҷон Шукӯҳӣ |
| | **5)** Лоиқ Шералӣ |

**133** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Алии сонӣ” | **1)** Аминҷон Шукӯҳӣ |
| **B)** “Корези Фирдавсӣ” | **2)** Лоиқ Шералӣ |
| **C)** “Суруди чашмасор” | **3)** Ҷумъа Одина |
| **D)** “Гузашти айём” | **4)** Сафармуҳаммад Айюбӣ |
| | **5)** Бозор Собир |

**134** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

**A)** “Спитамен”
**B)** “Тоҷикистон – исми ман”
**C)** “Забонгумкарда”
**D)** Операи “Бозгашт”

**1)** Лоиқ Шералӣ
**2)** Муъмин Қаноат
**3)** Сафармуҳаммад Айюбӣ
**4)** Бозор Собир
**5)** Аминҷон Шукӯҳӣ

**135** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

**A)** “Мавҷҳои Днепр”
**B)** “Ёрони боҳиммат”
**C)** “Одамони куҳна”
**D)** “Тӯй дар Хуррамдара”

**1)** Сафармуҳаммад Айюбӣ
**2)** Фазлиддин Муҳаммадиев
**3)** Ҷумъа Одина
**4)** Сотим Улуғзода
**5)** Муъмин Қаноат

**136** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

**A)** “Гаҳвораи Сино”
**B)** “Алломаи Адҳам”
**C)** “Палатаи кунҷакӣ”
**D)** “Амир Исмоил”

**1)** Фазлиддин Муҳаммадиев
**2)** Муъмин Қаноат
**3)** Сафармуҳаммад Айюбӣ
**4)** Ҷумъа Одина
**5)** Сотим Улуғзода

**137** **Муаллифи байтҳоро муайян намоед:**

**A)** Эй халқи азизи ман, саломат бошӣ,
Парвардаи номусу шарофат бошӣ.
**B)** Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.
**C)** Адлро барпо кунад паймони сулҳ,
Бахтро парво кунад даврони сулҳ.
**D)** Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

**1)** Лоиқ Шералӣ
**2)** Муъмин Қаноат
**3)** Гулназар Келдӣ
**4)** Садриддин Айнӣ
**5)** Мирзо Турсунзода

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**138** **Муаллифи байтҳоро муайян намоед:**

**A)** Ҳама доди ватанхоҳӣ зананд,
аммо намедонам,
Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст, ё кирдор,
ё ҳар ду?!

**B)** Мавҷро оё ба саҳро дидаӣ?
Шарфаи онро магар бишнидаӣ?

**C)** З-ин рӯ бузург ҳастӣ мисли падар,
муаллим,
Дар олами маонӣ ҳам роҳбар, муаллим.

**D)** Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо
модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният.

**1)** Лоиқ Шералӣ
**2)** Ғаффор Мирзо
**3)** Абулқосим Лоҳутӣ
**4)** Муъмин Қаноат
**5)** Боқӣ Раҳимзода

**139** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

**A)** “Сози Мунаввар”
**B)** “Суруши Сталинград”
**C)** “Калтакдорони сурх”
**D)** Драмаи “Дақиқӣ”

**1)** Сафармуҳаммад Айюбӣ
**2)** Фазлиддин Муҳаммадиев
**3)** Сотим Улуғзода
**4)** Муъмин Қаноат
**5)** Ҷумъа Одина

РОИГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## НАМУНАИ СУБТЕСТИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

**1** **Дар кадом жанри маъмули асарҳои халқӣ хислатҳои ношоистаи одамон беғаразона ва ё бо оҳанги ҳазл мазаммат карда мешавад?**

**A)** ҳикоя
**B)** латифа
**C)** афсона
**D)** тарона

**2** **Кадом зарбулмасал ё мақол бар шарҳи сухани Айнулҳаёт меояд?** ***Айнулҳаёт чун сухани доя бишунид, бихандиду гуфт: "Эй доя, рози ман бармало афтодааст (ошкор шудааст)."***

**A)** Аз дӯст ҳар чӣ мерасад, хуш аст.
**B)** Он чӣ дар дег аст, дар кафлез меояд.
**C)** Моргазида аз ресмони ало метарсад.
**D)** Офтобро бо доман пӯшида намешавад.

**3** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом навъи шеър аст:** ***"Ҳар байташ қофияи ҷудогона дорад ва ҳаҷман бузургтарин навъи шеър аст. Достонҳои ҳамосӣ, қаҳрамонӣ ва ишқӣ дар ҳамин навъ гуфта шудаанд."***

**A)** мусаммат
**B)** қасида
**C)** маснавӣ
**D)** қитъа

**4** **Дар байти зерин кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,***
***Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** талмеҳ
**B)** киноя
**C)** тавсиф
**D)** ташбеҳ

**5** **"Дарахти Асуриг" чӣ гуна асар аст?**

**A)** лирикӣ
**B)** мунозиравӣ
**C)** ҳамосӣ
**D)** драмавӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**6** **Кадом адиби замони Ғазнавиён гуфтаст, ки “Ғазал Рӯдакивор неку бувад”?**

**A)** Унсурии Балхӣ

**B)** Асҷадии Марвазӣ

**C)** Фаррухии Систонӣ

**D)** Манучеҳрии Домғонӣ

**7** **Мавзуъҳои** ***сирати подшоҳон, ахлоқи дарвешон, таъсири тарбият, ишқу муҳаббат, ҷавонмардиву қаноат, сухандонӣ ва одоби суҳбат*** **дар кадом асари Саъдии Шерозӣ баён гардидаанд?**

**A)** “Бадоеъ”

**B)** “Хавотим”

**C)** “Бӯстон”

**D)** “Гулистон”

**8** **Дар кадом асари Аттори Нишопурӣ масъалаи ҳафт водии ишқ ва ваҳдати вуҷуд шарҳ ёфтааст?**

**A)** “Тазкират-ул-авлиё”

**B)** “Асрорнома”

**C)** “Мантиқ-ут-тайр”

**D)** “Илоҳинома”

**9** **Адибе, ки дар эҷоди таркиббанду тарҷеъбандҳои содаю гӯшнавоз ва пурмазмун камназир аст:**

**A)** Ибни Ямин

**B)** Камоли Хуҷандӣ

**C)** Сайфи Фарғонӣ

**D)** Зиёуддини Нахшабӣ

**10** **Носири Хусрав дар байти зерин кадом адибро дар назар дорад?**

***Ашъори зуҳду панд басе гуфтааст***
***Он тирачашм шоири равшанбин.***

**A)** Унсурии Балхӣ

**B)** Қатрони Табрезӣ

**C)** Абумансури Дақиқӣ

**D)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**11** **Дар байти зерин аз марсияи Мавлоно Комӣ дар вафоти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом хислатҳо ва ё мақоми ӯ ишорат шудааст?**

***Ҳаргиз озурда нашуд аз суханаш хотири кас,***
***Дар дил аз ӯй ба ҷуз ҳасрати дидор намонд.***

**A)** хоксорӣ, фурӯтанӣ ва камгапӣ
**B)** хирадмандӣ, зиркӣ ва суханшиносӣ
**C)** инсондӯстӣ, меҳрубонӣ ва хушсуханӣ
**D)** олими бузург, сарвари аҳли сухан

**12** **Идомаи мантиқии мисраи зеринро аз ғазали Камоли Хуҷандӣ муайян кунед:**

***Навбаҳорон зи гулам бӯйи ту хуш меояд,***
**..................................................................**

**A)** Бандаро ҳалқаи гесӯйи ту хуш меояд.
**B)** Ҳамаро боғу маро рӯйи ту хуш меояд.
**C)** Ки маро қомати дилҷӯйи ту хуш меояд.
**D)** Пеши рӯйи ту хами мӯйи ту хуш меояд.

**13** **Кадом асари Мирзо Турсунзода доир ба рӯзгори сангини бачаи афғонистонӣ нақл мекунад?**

**A)** “Сайёҳи Ҳинд”
**B)** “Чароғи абадӣ”
**C)** “Роҳи нури Офтоб”
**D)** “Ҳасани аробакаш”

**14** **Қаҳрамони марказии повести “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода кист?**

**A)** Нуфарн
**B)** Виркан
**C)** Ёдхишетак
**D)** Ревахшиён

**15** **Дар кадом байт аз “Хитоб ба авлоди Ватан” Халилуллоҳи Халилӣ бачаи афғонистониро ба кӯшишу ғайрат ва заҳмат кашидан даъват намудааст?**

**A)** Кист ҷуз ту, ки кунад гиря ба вайронии ту,
Оваҳ, афсӯс ба ин рӯзи парешонии ту.
**B)** Ҳама бедор, ту дар хоби гаронӣ, то кай?
Ғофил аз сирри тараққии ҷаҳонӣ, то кай?
**C)** Эй писар, чашми Ватан сӯи ту боз аст, ҳанӯз,
Қавмро ҷониби ту даст дароз аст, ҳанӯз.
**D)** Вақти бозӣ набувад, фурсати кор аст, биё!
Эй писар, кор накардан ба ту ор аст, биё!

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**16** **Маънии байҳои зерин аз “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизиро муайян кунед:**

**A)** Ақл аст, ки бунёди
шараф муҳкам аз ӯст,
Афзунии ҳурмати банӣ
Одам аз ӯст.

**B)** Ройи равшан зи бузургони
куҳансол талаб,
Обҳо соф дар айёми
хазон мегардад.

**C)** Сухан, к-он аз сари
андеша н-ояд,
Навиштанрову гуфтанро
нашояд.

**D)** Агар ба чашми хирад
дар сухан нигоҳ кунӣ,
Бизоатест, ки ҳам суду
ҳам зиён дорад.

**1)** Касе, ки сухан андешида мегӯяд, дар роҳат зиндагӣ хоҳад кард.

**2)** Сухан чизест, ки ба гӯянда ҳам фоида ва ҳам зарар расонида метавонад.

**3)** Сухане, ки беандеша гуфта шудааст, арзиш надорад.

**4)** Дар ҳама корҳо бо шахсони соҳибтаҷриба машварат бояд кард.

**5)** Шарафу бузургии инсон аз ақлу идроки ӯ вобаста аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**17** **Муайян кунед, ки ин суханҳо аз кадом асаранд:**

**A)** Ҳар кӣ илм хонду амал накард, бад-он монад, ки гов ронду тухм наафшонд.

**B)** Гуфтам:
- Чӣ кунам, ки бар табиб ҳоҷат набошад?
Гуфт:
- Кам хӯрдан, кам хобидан ва кам гуфтан.

**C)** Ҳама сар ба сар дасти некӣ баред,
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад маспаред.

**D)** Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.

**1)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**2)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

**3)** “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ

**4)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**5)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**18** **Ин суханҳо ба қалами кадом шоир мансубанд?**

**A)** Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман
Модар яктост, Тоҷикистон яктост!

**B)** Вале ман дар ҳама ҷо,
дар ҳама кунҷу канори дахр
Ҳамеша бо Ватан будам,
ҳамеша бо Ватан масрур.

**C)** Тоҷикистон, сари ҳар санги ту
бар ман Ватан аст,
Бари ҳар буттаи хори ту
бароям чаман аст.

**D)** Танида ёди ту дар тору пудам,
Меҳан, эй Меҳан!
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам,
Меҳан, эй Меҳан!

**1)** Абулқосим Лоҳутӣ
**2)** Бозор Собир
**3)** Мирзо Турсунзода
**4)** Лоиқ Шералӣ
**5)** Гулрухсор

**19** **Муайян намоед, ки байтҳои додашуда аз кадом достонҳои Мирзо Турсунзодаанд:**

**A)** Шабе, ки то саҳар бедор будам,
Мушавваш, тангдил, ночор будам.
Нахуфтам, доштам уммедворӣ,
Диламро мефишорид интизорӣ.

**B)** Кӯдаке мегашт бо қуттии худ,
Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.
Метавонистӣ, ки дар чашмони ӯ
Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.

**C)** Духтари ҳиндӣ адолатхоҳ шуд,
Аз баду неки ҷаҳон огоҳ шуд.
Ҷустуҷӯ мекард он инсофро,
Осмони софи кӯҳи Қофро.

**D)** Ҳеҷ шунидӣ гапи садсоларо,
Қиссаи деринаи Банголаро?...
Нақл намоянд, ки аз Ғарби тор,
Кард сафар бандаи кибру виқор.

**1)** “Меҳмони мағрибӣ”
**2)** “Чароғи абадӣ”
**3)** “Ҳасани аробакаш”
**4)** “Духтари муқаддас”
**5)** “Сайёҳи Ҳинд”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**20** **Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом шоир ё нависанда меравад:**

**A)** Соли 1916 дар оилаи мударрис, дар гузари Боғи Майдони шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ба ҳимояи Ленинград рафта, соли 1945 ҳалок шудааст. Бо ашъори ватандӯстонааш машҳур аст.

**B)** Соли 1910 дар Сорбоғи Рашт ба дунё омадааст. Аввалин маҷмуааш соли 1945 бо номи “Ба фронт” чоп шудааст. Яке аз шеърҳои машҳури ӯ “Республикаи ман” аст.

**C)** Соли 1928 дар оилаи саҳҳоф (ҷилдсоз) ба дунё омадааст. Донишкадаи адабии ба номи М. Горкийро хатм кардааст. Асарҳои “Одамони куҳна”, “Палатаи кунҷакӣ” ва ғайраро навиштааст.

**D)** Соли 1941 дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1963 Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанберо ба ит-мом расонидааст. Аввалин шеъраш “Ном” буда, бо шеъри “Ба модарам” ҳамчун шоир шинохта шудааст.

**1)** Лоиқ Шералӣ

**2)** Аминҷон Шукӯҳӣ

**3)** Ҳабиб Юсуфӣ

**4)** Боқӣ Раҳимзода

**5)** Фазлиддин Муҳаммадиев

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!